НАШРИЁТИ «АДИБ»



**ҒАФФОРАЛӢ САФАР**

# П А Н Ҷ А И
# О В О З

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-65

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

С-65 **Ғаффоралӣ Сафар. Панҷаи овоз** *(маҷмӯаи шеърҳо)* – Душанбе, «Адиб», 2014, 192 саҳ.

Ғаффоралӣ Сафар аз шоирони базавқи тоҷик аст, ки болои маънӣ ва ҳунар меандешад. Умедворем, ки хонандагон бо ошноӣ аз шеърҳои ӯ тарбияти завқи хоси худ мекунанд.

ISBN- 978-99947-2-407-9

© Нашриёти «Адиб», 2014.

# ШЕЪРХО

## Чароғи умед

Рӯзро афканд шаб дар чоҳи торикаш,
То саҳар
Дар хонае байни чароғу шаб
Ҷанг хоҳад буд.

*12.01.1995.*

## Кӯҳҳо

Дар дили сангҳои кӯҳистон
Розҳои нуҳуфта бисёранд.
Ҷо гирифта канори ҳамдигар,
Кӯҳҳо ҳам ғаму фараҳ доранд.

Рӯзу шаб рӯи шонаи кӯҳсор
Моҳу хуршед лона мемонанд.
Аз хати дар ҷабинашон буда
Хатшиносон чи қиссаҳо хонанд.

Мо чу фарзандҳои кӯҳистон
Бояд аз кӯҳ панд омӯзем.
Дасти ёрӣ ба ҳамдигар дода,
Оташи меҳр дар дил афрӯзем.

## Мардӣ

Нест мардӣ ин ки аз қанди касон
Мекунӣ ҳар лаҳза ширин комро.
Ҳамчу сӯзан пеша кун мардонагӣ,
Бош урёну бипӯшон омро.

## Рӯшноӣ

Зиндагӣ чун пилта метобад маро,
То бисӯзам дар чароғи ғам, мунаввартар шавам.

**Ғукӣ**

Савти ту якранг,
Ботлоқӣ ҷомаи лафзат,
Хонданат ғукӣ.

**Ҷанозаи пирӣ**

Пириамро мебарам бар дӯш
То лаби гӯр.
Пириамро гӯр хоҳам кард.

**Тӯфони ноз**

Аз дили дарёи нозат
Хост тӯфон.
Завраќи уммед дар он мешавад ғарқ.

**Бозӣ**

Гӯй аст дилам дар сари чавгони ду зулфат,
Ҳар ҷо ки бихоҳӣ,
Он ҷо ту бипартой.

**Ихтилоф**

Дудро меофарад оташ, вале
Ҷои оташ ҳаст фаршу ҷои дудаш ҳаст арш.
Даҳр ҷоҳилпарвар аст.

**Ташна**

Ташнагиамро чӣ сон хоҳам шикаст,
Об шӯр аст.

## Ватан

Гарчи хоки доманатро,
Хоки поки доманатро
Бошадаш ҳадде,
Бошадаш хатте.
Лек хатти меҳри ту дар синаам,
Дар дили равшантар аз оинаам
Беҳудуд аст.

## Мӯмиё

Мӯмиёиянд
Ашкҳои зиндагии сахти сангин.

## Бепарастор

Тифли маънӣ бе мураббист,
Дояи ғамхори ӯ ку?!

## Дурангӣ

Аз дурангӣ чун кунам ор,
Мурғи хушхон чун зи зардию сафедист.

## Моҳи нав

То туро ҳамчу моҳи нав дидам,
Рӯ ба ту ман дуои нав кардам.
Гандуми мазраи умедамро
Шаб ба доси маҳат дарав кардам.

## Таманно

Дар шохаи гесӯят
Мурғи дили ман хобад.
Дар оинаи рӯят
Фардои раҳам тобад.

Пуршӯр чу дарёӣ,
Ман мавҷи ҳавасҳоям.
Шайдогари дилҳоӣ,
Ман ошиқи шайдоям.

Дар субҳдами васлат
Доӣ ба чӣ ҳолам ман?
Дар чуну чарои ишқ
Хамгашта суолам ман.

Эй кош, баҳори ишқ
Як умр ҷавон монад,
Шаббодаи бахти мо
Хушбӯю вазон монад.

## Зимистон

Зимистон пирбонуест,
Мезояд баҳори сабз.

## Шаб

Ҳаст шаб чун модари фарзандгумкарда,
То дарояд аз дараш фарзанд,
Бо ҳазорон чашм дорад интизорӣ.

## Ҳамқавм

Қавми Зардуштам,
Душмани худро ба оташ —
Оташи ҳарбу ғазаб куштам.

## Сано

Гарчи гӯяндам, ки ӯ дорад даҳан,
Шукр дорам,
Нестам аз бедаҳанҳо.

## Ноз

Шаб агар бо ахтарон нозад,
Субҳ менозад бад-он ки:
Шамс мезояд.

## Ману ту

Зимистони гузашта ёдам омад,
Набудам ҳеҷ парвое зи сармо.
Ману ту роз мегуфтем бо ҳам,
Миёни кӯчаҳо бигзашта танҳо.

Фитода бар сару дӯшу ба мӯят,
Чу ахтарпораҳо барфи дурахшон.
Гули барф об мешуд аз гули рӯт
Ба монанди дили ман дар шабистон.

Ба зери чодари барфи зимистон
Ҳамегуфтем рози ошиқона.
Вале дар айни сармо дар дили мо
Хаёлам, офтобе дошт хона.

Ба ҳам гаштем мову дилбари ман,
Ба ҳам бошед дар ҳар гӯша, ёрон.
Ки сармои зимистон ҳеҷ бошад
Ба пеши гармии дилҳои сӯзон.

**Пажвоки таассуф**

Баски пажвоки паёми ман наомад,
Аз ҷафои чархи бепидром
Он қадар бигристам хун,
Вардгун, гувдоли аҳмар гашт.
Ғусл кардӣ чун дар он,
Сурх шуд рухсораҳоят,
Шуд қабоят арғавон.

**Хунрез**

Ташнаи хун,
Косаи чашмам пур аз хун аст,
Ҳар қадар хоҳӣ, бинӯш.

**Мутобиат**

Зард кардан мӯйро гардид мӯд,
Давр ҳам ибрат гирифта,
Чеҳраамро кард зард.

**Тахтаи шоҳмот**

Тахтасанги роҳ монад тахтаи шаҳмотро,
Мардумон чун мӯҳраҳо
Дар дасти бозихоҳи тақдиранд.
Нест маълум,
Дар чунин бозии шаҳмот
Кӣ шавад ғолиб,
Кӣ шавад, кай мот?...

## Таклиф

Набошад пой ҳам, боре
Тавонӣ роҳпаймоӣ.
Вале чун метавон рафтан,
Чу бошад ҳар ду чашми зиндагонӣ кӯр?

## Мисраи даркорӣ

Дар миёни мисраи бисёр
Мисраи маъқулу даркор
Мисраи роҳ аст, ки моро ба манзил мебарад.

## Хоҷамӯъмин

Хоҷамӯъмин…
Ҳамчунон як марди пири мӯсафедест.
Оби шӯри чашмаҳояш
Ашки чашми ғуссадор аст.
Дар қабои абр чун дар ҷомаи мотам
Бинамаш,
Гӯям:
«Дар азои миллати худкуш»*
Хоҷамӯъмин ҳам азодор аст.

*12.08.1998.*

## Марди роҳ

Чун ҳавои шеъри нав дар сар,
Кӯлвори шоирӣ дар бар.
Баҳри фатҳи қуллаи армон
Марди роҳам.

---

* Мисраъ аз устод Алимуҳаммад Муродӣ аст.

## Шокир бишавад

*(Ба овозхон Шокири Қодир)*

Шахсе ки миёни халқ шоҳир бишавад,
Ҳам ҳофизу шеъргӯи моҳир бишавад,
Чун ҷавҳари шеъри шоирон гардад агар,
Хунёгари хушнаво чу Шокир бишавад.

## Исмоили Сомонӣ

Фонуси маҳ ба шифти фалак хирасӯз буд,
Хуршеди субҳ, муждаи оғози рӯз буд.

## Зан

Зан дарахти найшакар бошад,
Ҳар куҷояшро мазӣ,
Ҳаст ширину гуворо.

## Фиребхӯрда

Гандумирангам,
Ҳамчунин ширинлиқо.
Лек чун гандум намехандам.
Гуфти Озар:
«Одам фиребхӯрдаи ширинист,
Беҳуда ханда дар лаби гандум нест».

## Дилдода

Ҳаст гардун бар замин ошиқ,
Рӯз не,
Шаб ниҳон аз чашми мардум
Мезанад чашмак ба ӯ.

## Байроқи ислом

Рӯшан бигӯям,
Сабзинарангам.
Байроқи ислом
Сабзинаранг аст.

## Эътироф ва хиҷолат

Тавонам шеър гуфтанро
Ба тарзи шоирони рафтаю имрӯз, кун бовар.
Валекин нест осон гуфтанам шеъре
Ба тарзи Бедилу Озар.

## Ҳасрат

Ҳуштаки боди зимистон,
Улласи гургони гушна.
Мурғаки урёну ларзон
Ҳасрати марги баҳори ғуррамаргеро
Ба гӯши боғҳои хуфта мегӯяд.

15.11.1997.

## Куҷоӣ?!

Аё, эй ёри ҷониям, куҷоӣ,
Аё, ёри ҷавониям, куҷоӣ.
Ту будию ҷаҳони шодии ман,
Аё, эй сӯзи сониям, куҷоӣ?!

Аё ҷону ҷаҳони ман, куҷоӣ,
Аё рӯҳу равони ман, куҷоӣ.
Дареғи он суханҳои нагуфта,
Аё тобу тавони ман, куҷоӣ?!

Аё, дилбози деринам, куҷоӣ,
Аё, пардози оинам, куҷоӣ.
Ба сӯи қуллаҳои орзуҳо
Аё, парвози шоҳинам, куҷоӣ?!

Аё, эй шамъи сӯзонам, куҷоӣ,
Аё, эй рози пинҳонам, куҷоӣ.
Ҷавонӣ буд моро шаддамарҷон,
Аё, эй тори марҷонам, куҷоӣ?!

**Пардаи чашм**

Чашми хуршед,
Пардапӯшат кардааст абри хазон.
Теғи ҷарроҳӣ куҷост?!

**Аз ҳар хусус**

Чашме ки дар он назар набошад,
Мавҷе ки дар он гуҳар набошад.
Шоме ки дар он саҳар набошад,
Хоке ки дар он самар набошад.
Нахле бар ӯй бар набошад,
Хуб аст, ки ӯ дигар набошад.

Шамъе ки варост сӯзу дардаш,
Хоне ки варост нони гирдаш.
Умре ки варост бас набардаш,
Шахсе ки варост ори мардаш.
Рӯе ки варост ранги зардаш,
Лоиқ набувад каломи сардаш.

Қавме ки гузаштаро бидонад,
Роҳе ки ба коми дил расонад.
Абре ки ғубори ғам кашонад,
Боде ки абир мефишонад.
Қалбе ки ҳамеша пок монад,
Бодо зи манаш санои беҳад.

## Гирднофӣ

Кашида нолаву фарёд дарё,
Чи номавзун
Сарашро мезанад аз санг бар санг.
Зи печутоб
Намудам дарк дардашро.
Чи дарде?—
Гирднофӣ.
Табобат то кунад ӯро,
Бибояд нофбардории мири об.

## Печопеч

Гарчи бисёр аст шеър,
Мисраи печидаи зулфи ту бар ҷонам занад.

## Турнаҳои ёдҳои умри рафта

Боз омад
Навбаҳори сабздомон.
Дар хаёлам
Бахти ман чун дар ҷавонӣ
Мекунад аз нав арӯсӣ.
Мурғи табъам мекунад парвоз имрӯз
Дар ҳавои орзуҳо.
Мекашам исторамаъниҳо ба тори мисраам,
Мезанам худро ба баҳри ҷустуҷӯҳо.
Офтоби зарфишон бо сӯзани нур,
Ҳамчунин бо риштаборон
Ҷомаи дашту даманро
Мекунад гулдӯзие.
Боди наврӯзӣ чу дасти дилбаре
Нарм-нармак сила месозад сарамро.
Корвони турнаҳои дар фазо бигзашта рафта
Гӯӣ мегӯяд ба ман:
Рӯзҳоят дар қатори турнаҳо рафт.

## Ҷавоби чашма

— Чаро, эй чашма, бихрӯшӣ шабу рӯз
Миёни кӯҳҳои сар ба боло?!
— Барои он хурӯшам ҳар шабу рӯз,
Ки ҳастам зодаи кӯҳи тавоно.

## Интиқом

Панҷаи гирои хуршед
Каштали сарди зимистонро гирифт.
Барфҳои сояхам
Пораи пероҳани чоки зимистонанд.

## Қосиди сулҳ

*(Ба устод Мирзо Турсунзода)*

Бувад шаҳду шакар — гуфтори шоир,
Ба қимат чун гуҳар — гуфтори шоир.
Ҳақиқатро нишон дода бар олам,
Раҳомӯзи башар — гуфтори шоир.

Ҳазор асту ҳазор асту ҳазор аст,
Аз ин рӯ масти гулҳои баҳор аст.
Каломаш қувваи сад шер гирад,
Мисоли рӯди кӯҳӣ беқарор аст.

Чароғи шеъри ӯ бошад фурӯзон,
В-аз он пурнур роҳи сулҳҷӯён.
«Садои Осиё»-ву «Ҷони ширин»-ш
Ливои бахтро созад парафшон.

Либоси назмро нақшу нигор аст,
Навои сулҳу ваҳдатро дутор аст.
Гули уммедро хуршеди хандон,
Каси пурдардро бас ғамгусор аст.

Худованди ҷаҳони шеър Мирзост,
Ҳуруфаш ахтари гардуни маъност.
Гаҳе ӯ қосиди сулҳи ҷаҳон аст,
Гаҳе ошуфтаи дилдори зебост.

Ба роҳи сулҳу ваҳдат ҷонфишон аст,
Сафои рӯзгори мардумон аст.
Ба ҳар ҷо ҷангҷӯро карда расво,
Ба дунё чун ҳақиқат ҷовидон аст.

Нигини чаллаи назми замон аст,
Миёни шоирон оташзабон аст.
Суруди сулҳро хонда ба олам,
Ба дасти сулҳхоҳон чун камон аст.

**Чароғи хира**

Чун чароғи хира месӯзам,
Тангчашмон
Об андар равғанам омехтанд,

**Биҳиштӣ**

Ман мусалмонам,
Партавам дар парчами ислом афтодаст.

**Сӯхтадимоғ**

Чун қадам бигзошт борон бар замин,
Дид мардумро асири буғзу кин.
З-ин димогаш сӯхт,
Аз мо рафт,
Шуд бухору бар само рафт.

## Парвона

Ман он шамъам,
Ки гирдам дуди танбокуст парвона.

## Сабзина

Сабзҳуснам,
Чор фасли умр якрангам.
Ман баҳори ҷовидонам.

## Соҳибхона

Гарчи дар Қӯрғон надорам хонае,
Нестам ғамгину зор.
З-он ки дорам хона дар қалби нигор.

## Мӯсафедон

Бо шумо, эй мӯйсафедон,
Бо шумо, эй ҳамзамонон!
Зиндаам ман,
Зиндаам ман,
Бо лаби пурхандаам ман.
Саллаи испед дар сар,
Куртаи испед дар бар.
Мӯй испед,
Рӯй нуронӣ
Ҳамчунон хуршеди ховар
Мӯйсафедон,
Мӯйсафедон!
Дидаам, ки:
Деҳа ранге бе шумо асло надорад,
Зиннати дунё надорад.
Қимати панду насиҳатҳоятонро
Баркаше тилло надорад,
Мӯйсафедон,

Мӯйсафедон!
Зеббахши базмҳою маҳфил онед,
Бо ҷавонон ҳамдил онед.
Гар ба кас дар рӯзгораш мушкил ояд,
Чорасози мушкил онед
Мӯсафедон,
Мӯсафедон!
Мепарастам ман шуморо,
Хоҳам аз ҷон: ё Худоё!
Мӯйсафедони табаррук,
Мӯйсафедони шарафманд
Дур бошанд аз балоҳо!!!

**Тоҷикистон**

Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Гарчи будам чун хамири хом,
Дар танӯри офтобат
Сӯхтанро дар баҳои пухта гаштан
З-оташи Зардушти ту омӯхтам ман.
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Ҳар гаҳе гарду ғубори ғусса бар ҷонам нишаст,
Шохборонҳои ту онро зудуд.
То шиносам хешро ман кистам,
По ба назди чашмаи обат ниҳодам,
Чашм бар оинаи обат кушодам.
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Ҳар даме ки сели дард омад ба девори танам,
Санги дашту кӯҳҳоят,
Талхкоҳи киштҷоят
Пеши роҳашро бибаст,
Шоҳини хушҳолию бахти баланд
Бар сари китфам нишаст.
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

Сарзамини олами афсонаҳо,
Чун китоби рӯзгоратро кушоям,
Ҳаст тӯфонҳои исёне дар он.
Қаҳрамонҳои далерат ҳамчу Восеъю Муқаннаъ,
 Маздаку Темурмалик
Назди ҳар ифриту ҳар яғмогаре сар хам накарданд,
Дар дифои марзу буми сарҳадат—
Марзу буми ору номус
Ҷон супурданд.
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Пораҳои аз «Абисто»,
Пораҳои ҳар сафоле,
Пораҳои хиштҳои хуфтаат дар хокат
Порае аз нанги аҷдоди ман аст,
Порае аз сӯзу фарёди ман аст.
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!
Дар нигини чашми ман чун мардумак бошӣ аён,
Ҳарфҳои ҳастию поядагият
Дар дили ҳар сатри шеърам
Нақш бандад ҷовидон!
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

## Ашки ману борон

Ба чашми обияш борон
Кунад ашки маро пинҳон.

## Шеъри ту

*(Ба ёди Ҳофизи Шерозӣ)*

Шеъри ту шаҳроҳи дунёро гирифт,
Хотири туркони зеборо гирифт.
Ҳар каломат дар сипеҳри шоирӣ
Зӯҳраи дилҷӯи маъноро гирифт.

Мерасад бар гӯши ман овози ту,
Он каломи сурбахшу сози ту.
Дар дили шӯридаам ҷо кардаӣ,
Гаштаам ҳамрозу хампарвози ту.

Ишқи шеърат дар дилам маъво намуд,
Сӯзу сози шоирӣ пайдо намуд.
Дар раҳи назми баландовози Шарқ
Номи моро то Зуҳал боло намуд.

Ҳофизо, дар байни ёрон шоҳирӣ,
Дар ғазалгӯӣ басе ту моҳирӣ.
Карда бо шеърат дили касро фусун,
Мисли чашми ёри зебо соҳирӣ.

Зиндаӣ ту дар ҳавои кӯҳсор,
Зиндаӣ ту дар навои обшор.
Зиндаӣ ту дар сафои рӯзгор,
Зиндаӣ ту дар вафои дӯстдор.

Номи ту бо номи тоҷик ҷӯр шуд,
Боғи назми тоҷикон пурнур шуд.
Қалъаи шеърат, ки бошад устувор,
Ишқро бас пояи пурзӯр шуд.

Ҳофизо, эй пешвои шоирон,
В-эй гуҳарсанҷу вафоҷӯи замон,
Мо зи шеърат шоирӣ омӯхтем,
Чун ту шоир нест дигар нуктадон.

*10.08.1969.*

## Сӯзани имон

Сӯзани имон ба кор ояд,
То бидӯзӣ
Чоки ин бепардагиҳоро.

## Баёз

Баёзи зиндагиро мон,
Хатоҳо дар баёзи зиндагӣ з-андоза бисёр аст.
Биёву хон
Баёзи синаи моро,
Ки ҳар ҳарфаш
Зи мавҷи хун гуҳарбор аст.

## Ранг-ранг

Рағми кӯтоҳии умраш
Қаҳ-қаҳи мастона зад тундар.
Абр бар ҳолаш ҳамегиряд.

## Абрҳои шеъри кӯчӣ

Шеърҳои ман парешон
Гашта чун абри баҳорон.
Аз вазиданҳои боди фикрҳоям
Гаҳ зи як марзи китобам бар дигар марзи китобам
Кӯч банданд.
Шеърҳоям абри кӯчианд.

## Ёд

Бо нигоҳи ошиқона,
Бо суруду бо тарона.
Дар лаби дарёи пуршӯр
Буд моро олами меҳру фасона.
Дар ҳавои ошиқиҳо
Ҳамчунон шаҳбоз будем.
Баҳри фатҳи қуллаҳои орзу
Ҳар ду дар парвоз будем,
Мо ба ҳам дамсоз будем…

Навҷавонӣ чун қатори турнаҳо
Болафшонду гузашт.
Дар шабистони хаёли ман, вале
Ёди ту монандаи машъал шудаст.

## **Ғижжаки Абдусалом**

*(Ба оҳангсоз Абдусалом Раҳим)*

Мешавад дар шӯру исён оламе
Аз садои ғижжаки Абдусалом.
Мекушояд ҳар гиреҳи мушкиле
Розҳои ғижжаки Абдусалом.
Ёфта бемор бар дардаш даво
Аз навои ғижжаки Абдусалом.
В-аз самои пурситора ҳаст беш
Нағмаҳои ғижжаки Абдусалом.
Ман бубинам санъати аҷдоди хеш
Дар ҳавои ғижжаки Абдусалом.

## **Қалам**

Дар азои миллати бадбахти ман
Метаровад ашк аз чашми қалам.

20.05.1992.

## **Аё устод!**

*(Дар зодрӯзи шоир Ҳақназар Ғоиб)*

Аё устод!
Манам мафтуни он килки гуҳаррезат,
Манам афсуни он килки шакаррезат.
Парида шоҳини хушпанҷаи табъам
Ҳамеша дар ҳавои шеърҳои ту.
Ба гӯшам мерасад форам навои ту.

Садои шеърҳои Шоҳини Кӯлоб,
Шамими атрҳои шеърҳои Рӯдакию Ҳофизи Шероз
Шавад дар шеъри ту эҳсос.
Кунун аз говгуми пуштаи таърих
Нидои қаҳрамон Темурмалик бар гӯш овардӣ,
Ба эъҷози суханҳоят
Мисоли паҳлавон Восеъ
Ҳазорон марди майдоне бипарвардӣ.
Зи ҳар як сатри зебоят,
Зи ҳар як сатри волоят
Бубинам хоксорию ҷавонмардиву тамкинат,
Дили чун обшорон беғубору равшаноинат.
Самои бекарон шоҳид,
Замини ҷовидон шоҳид.
Ки ҳар пиру ҷавоне шеърҳоятро ба бар карданд,
Ва истиқболи ҷӯшон
Ҳамчу хуршеди саҳар карданд.
Аё устод!
Дар ин рӯзи муборак — зодрӯзи ту
Бихоҳам ҳамчу кӯҳи Хоҷамӯъминам
Бузургию сари болою ҳам ганҷи фаровонат,
Фарохиҳои армонат!!!

**Пастмартаба**

Паст бошад қимати дуд,
З-он ки аз модар—
Зи оташ
Хешро боло гирифт.

**Тугма**

Кист, гӯяд:
Тугма беқадр аст.
Ҳаст андар тугмаҳои парлумон
Қисмати халқ.

## Хусни адаб

Бояд омӯхт зи дар ҳусни адаб,
Бе зарурат нашавад во ҳаргиз.

## Дузд

Хонаро аз пули дуздӣ сохтанд,
Эй саг!
Дуздро не,
Аз чӣ моро мегазӣ?!

## Азодор

Чанд тифли кавкабаш мурд,
Ҳамчу модар
Шаб сияҳпӯшу азодор аст.

## Ба ҳашар!

То намонад зери по
Ганҷи бо ҷон парварида
Пахтаи мо,
Эй ҳама мардони бонанги диёр,
Пиру барнои баор!
Ба ҳашар,
Ба ҳашар!
Марди деҳқон ҳамчу тифлаш
Парварида ҳар ниҳолаш.
Ҳар ниҳолаш қад кашиду бор овард
Мисли бахти безаволаш.
Лек барфи бемаҳал
Кори деҳқон кард душвор.
Пахтаи ӯ интизори чидан аст,
Интизор андар раҳи чинакчиёни зарбдор.

Пахта нони мардуми мост,
Қадри он аз ҳарчи болост.
Аз замин ӯро гирифтан
Қарзи ҳар як фарди доност.
З-ин сабаб ҳам аз барои чидани ҳар ғозаи он
Пахтакорон,
Ба ҳашар,
Ба ҳашар!

**Тафовут**

Ғалбер, ки сад чашм кушодаст аз худ,
Дар мехи баланди хона овезон аст.
Сӯзан, ки назар ҳамекунад аз як чашм,
Танпӯши касон асту худаш урён аст.

**Нардбон**

Зиндагӣ чун нардбон аст,
Гар қадам беҷо гузорӣ, гарданатро бишканӣ.

**Шим**

Сад ҷайб дорад,
Як айб дорад.
Айбаш чунин аст—
Мӯҳтоҷи тин аст.

**Дос**

Аду бо қомати чангаш
Ҳамон досест,
К-аҷал орад ба фарқи буттаю гулҳои мақсудам.

## Фасона

Гулзор атри мӯи нигорам рабудааст,
Булбул фиғону нолаи қалби маро фурӯхт
Аз шом то саҳар.
Бар гӯши гул фасона хамегуфту мегирист.

## Қотил

Берун кашонад сар он ду пистон
Аз баҳри қатлам аз як гиребон.

## Гаҳвора

Набошӣ як даме осуда ҳаргиз,
Ба монанди замини чархгардон.
Канори туст чун оғӯши модар,
Ки созад тифлро марди намоён.

Качакҳои пур аз нақши ту рамзанд,
Рамузи роҳу пайроҳи куҳистон.
Бигӯяд ҳар качак бар гӯши мо роз,
Ки роҳи зиндагонӣ нест осон…

Зи сози ҷунбишат эҳсос гардад,
Навои чашмаҳою обшорон.
Зи лаҳни тифли нози ширхорат
Расад овои кабки кӯҳсорон.

Шаб асту ҳамраҳат бедор бошад
Кавокиб аз самои беканора.
Ки фардо кӯчаки оғӯши покат
Кунад ҳифзи маҳу меҳру ситора.

Агарчи эътибори ту бузург аст,
Чу қалби ман намоӣ беқарорӣ.
Зи дасти модаре ҷунбӣ шабу рӯз,
Ту бо ҳастии модар пойдорӣ.

## Ифшои роз

Эй З……, эй зани зебо,
Сӯхтам, сӯхтам барои ту.
Ҳеҷ кас мисли ман намебошад
Ошиқи нозу хандаҳои ту.

Ёд дорӣ, ки як замон бо ҳам
Ману ту ёру ҳамнафас будем.
Маст аз бодаи муҳаббат, маст,
Сӯхта з-оташи ҳавас будем.

Ёд бодо маро муҳаббати ту,
Ёд бодо туро муҳаббати ман.
Номи ман ҳаст нуқли сӯҳбати ту,
Номи ту ҳаст нуқли сӯҳбати ман.

Эй З……, эй зани зебо,
Эй З……и ғамтаронаи ман.
Тарсам аз он ки ту намеоӣ,
Ва ба поён расад фасонаи ман.

Дӯстат дорад ин дили мискин,
Эй З……и зарнигори ман.
Бе майи бӯсаҳот мемонад
То қиёмат ба дил хумори ман.

## Хотира

Эй чашмахтар,
Аз ҳама беҳтар.
Туро ба бистар
Ёд оварам, ёд.

Ту хизри роҳӣ,
Ҳай бегуноҳӣ.
Хоҳӣ, нахоҳӣ,
Ёд оварам, ёд.

Хуршедталъат,
Шӯри қиёмат.
Аҳди дурӯғат
Ёд оварам, ёд.

## Корвонкаш

*(Ба шоир Нурмуҳаммад Сироҷӣ)*

Ҳамон бедорхобиҳои ту буд,
Ки пайке дод аз «Андешаҳо»-ят.
«Паёми Хоҷаиҷомард» бошад
Паёме аз шукуфтанҳои роят.
Ниҳоят «Хандаи толеъ» мадад кард,
Бишуд андар радифи моҳ ҷоят.
Кунун як «Корвони меҳтар»-еро
Кашӣ бо панҷаи фазли расоят.

## Бонги изтироб

Боди кӯчӣ турктозӣ мекунад,
Шамъи худогоҳии моро нигаҳ дор, ай Худо!

## Дӯст медорам ҳанӯз

*(Ба раққосаи фархорӣ Шоирабону)*

Аз хаму печи қадат ноланда чун торам ҳанӯз,
Даргирифта лолаи болои деворам ҳанӯз.
Кард гарчи зиндагӣ аз шоирӣ дилмондаам,
Шеърро бо ёди номат дӯст медорам ҳанӯз.

## Мактабам

*(Ба шарафи кушодашавии нимпайкараи шаҳиди роҳи озодӣ Мадсабур Сатторов дар мактаб)*

Боди хушҳолӣ вазад бар боғу роғи мактабам,
Шӯълаи шодӣ биборад аз чароғи мактабам.
Дар гулистони муҳаббат лолаҳои нав шукуфт,
З-он муаттар мешавад акнун димоғи мактабам.
Ҳақ ба ҳақдораш расид аз файзи истиқлоли нав,
Бинам акнун аз қудуми ӯ фароғи мактабам.
Он қадар ҳам махзани илму ҳунар гардидааст,
Толибилми беш ояд бар суроғи мактабам.
Баски номи Мадсабурашро гирифтаст ин замон,
Дур гардад аз назарҳо дарду доғи мактабам.

## Бо хати мижгон

Ҳаст қалбат ҳамчу санги
Бесутуни мулки Эрон.
Андар ӯ номам нависам
Бо хати мехии мижгон.

## Рез борон!...

Рез борон,
Рез борон!
Рез, эй борони найсон, бар сари кӯҳу биёбон,
Бар канори ҷӯйборон,

К-аз ту ояд
Бӯи гул,
Бӯи фасли навбаҳорон.
Рез борон,
Рез борон!
Рез, эй борони нарма, бар сари қабри шаҳидон,
Ки бирӯяд аз қудумат
Ҳамчу рамзи умри кӯтоҳ,
Розҳои нокушуда
Сабзаҳои махмалин,
Лолаҳои арғувон.
Рез борон,
Рез борон!
Рез, эй борони ришта, рез рӯи дастгоҳи табъи ман,
То бидӯзам аз нафосат,
Аз малоҳат,
Аз назокат,
Аз латофат
Ман матои шеъри худро,
Ман қабои шеъри худро.
Рез борон,
Рез борон!
Рез, эй борони раҳмат, бар дару девори дилҳо,
То зудоӣ аз дили кас ин баҳор
Чангу хоки кинаҳоро,
Шуста ҳар доғе зи хун,
Пок созӣ синаҳоро.
Рез борон,
Рез борон!...

*4.04.1994.*

## Сурати қаҳрамон

*(Ба Сафар Амиршоев)*

Бингарад аз чорчӯба суратат
Бехабар аз қаҳрамониҳои ту.
Бар ҷавониҳои мо дорад нигоҳ
Бо тараҳҳум навҷавониҳои ту.

Аз нигоҳат бар нигоҳам мерасад
Шӯълаи чашмони нурафшони ту.
Мешавад бедор дар бунёди ман
Зарра-зарра ҷони ту, армони ту.

Орзуҳои ҷавонии ту монд
Аз ҷавониҳот дар дунё нишон.
Дар дифои навҷавониҳои мо
Ту ҷавон рафтию мемонӣ ҷавон.

Бингарад аз чорчӯба суратат
Бехабар аз қаҳрамониҳои ту.
Сурати ту бингарад бар рӯи мо
Чун ба рӯи ҷовидониҳои ту.

**Мужда**

Ғунчаё,
Чашми шукуфони ту мегӯяд:
К-эй зи шаб нолон,
Субҳ наздик аст.

**Донишгоҳи сисола**

*(Дар ҷашни 30-солагии ДДК)*

Донишгаҳи ман чашмаи илм асту адаб,
Аз хотири дил ҳамебарад гарди тааб.
Сӣ сол ба халқи хеш дониш додаст,
Дониш талабӣ, биё аз ин ҷо биталаб.

Гар синни камолот ҳамин сӣ бошад,
Чун шед ба дил нури саодат пошад.
Бикшода дари хазинаҳои дониш,
Нодониро зи беху бун битрошад.

Донишгаҳи ман бувад чу як чашмаи нур,
Як чашма назокат асту як чашма сурур.
Ин Чашмаи Носир аст дар водии Вахш,
Чашми бади душманон аз ӯ бодо дур.

Ин ҷой макони обу тоб аст имрӯз,
Қадраш ба мисоли зарри ноб аст имрӯз.
Равшан бикунад ҷаҳони донишҷӯро,
Донишгаҳи ман чу офтоб аст имрӯз.

## То шавад эҷод созе

То шавад эҷод созе, то ба рӯз
Беқарорӣ мекунад Абдусалом.
Борбуди сонӣ асту пурҳунар,
Шоҳкорӣ мекунад Абдусалом.
Ҳамчунон марде ба ҳар ёриталаб
Зуд ёрӣ мекунад Абдусалом.
Гар намак хӯрдаст аз хони касе,
Посдорӣ мекунад Абдусалом.
Дар раҳи хизмат барои мардумаш
Бурдборӣ мекунад Абдусалом.
Бо вуҷуди ин бузургиҳои хеш
Хоксорӣ мекунад Абдусалом.

## Ситораи зафар

Саҳрои пахтакор
Чархи ситоразор.
Чун маҳ нишаста духтаре дар «киштии кабуд»
Гӯё ситора ғун кунад бо азми устувор.
Аз ҳиммати зиёд,
Аз ғайрати зиёд
Рӯзе ба рӯи синааш бинем ҷилвагар—
Истораи зафар.

## Ғурури шикаста

Тозанахли ориёиям,
Лек имрӯз
Селаи зоғи муҳоҷир
Кард чиркин шохаҳоямро.

## Исмоили Сомонӣ

*То ман бошам, бораи*
*Бухоро ман бошам.*
Исмоили Сомонӣ.

Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ,
Фонуси мадоро буд Исмоили Сомонӣ.
Бардошта мардона шамшери адолатро,
Сарпӯшаи хоро буд Исмоили Сомонӣ.

Яғмогари бегона аз ҳайбати ӯ тарсон,
Саҳрошини кӯчида аз ҳамлаи ӯ ларзон.
Сандуқи суханҳояш пур аз гуҳари маънӣ,
Бар тахти зарандудаш буд шоҳи шаҳаншоҳон.

Гармии дили худро бар халқи азизаш дод,
Ҳам дасти мурувватро бар фарқи ятим бинҳод.
Монандаи шеде, ки бикшод дари субҳаш,
Қуфли дари шаҳкорӣ бар тоҷварон бикшод.

Кафшер барин пайваст аз меҳр ба авлодаш,
Як марди фидоӣ буд бар миллати озодаш.
Бар кишвари аҷдодаш чун пушту паноҳе буд,
Арбоби ҳунар мешуд ҳар як пайи эҷодаш.

Шаҳкосаи даврашро дар даст нигаҳбон буд,
Бо давлати пурзӯраш аз нутфаи Сомон буд.
Мардуду хиёнатгар мекард фирор аз ӯ,
Бо гурзи гаронвазнаш чун Рустами Дастон буд.

Мезад хати батлонаш бар ҷабру дилозорӣ,
Мезад хати батлонаш бар хирсу тамаъдорӣ.
Мезад хати батлонаш бар сактаи оинҳо,
Мезад хати батлонаш бар макру риёкорӣ.

Сад шукр, ки шуд эхё он давлату Сомонаш,
Сад шукр, ки шуд эҳё он минбару девонаш.
Сад шукр, ки зад шӯъла он шамъи муросой,
Сад шукр, ки шуд эҳё он қиссаю дастонаш.

Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ,
Фонуси мадоро буд Исмоили Сомонӣ.
Бардошта мардона шамшери адолатро,
Сарпӯшаи хоро буд Исмоили Сомонӣ.

## Қасд

Мезанад раъд,
Меҷаҳад барқ
Чун садои Рустаму шамшери хунолудааш.
Қасди ҷони кист дар ӯ,
Балки Сӯҳроб?!...

## Ай Худо!

Мевазад боди зимистон,
Мезанад борону борон.
Лонае чун чашми гирён.
Ай Худо!
Бозгардон аз ғарибӣ
Соҳиби ин ошёни зору ҳайрон.

*12.01.1995.*

## Шубҳа

Қалам бар даст мегирам,
Ки рӯзе дасти ман гирад.
Худовандо, набигзорӣ,
Ки рӯзе ҳамчу тифли нохалаф гирад гиребонам.

## Панҷаи овоз

*(Ба Ҳунарманди Мардумии Тоҷикистон*
*Озодамоҳ Мӯҳтарамова)*

Борони сурур ояд
Бар майсаи армонҳо,
Сад фол чи бикшояд,
Як шеваи Озода.

Ҷону дили моро бурд
Бар мулки саодатҳо,
Шамшери қалам биспурд,
Як шеваи Озода.

Бо панҷаи овозаш
Болу пари ғам барканд,
Бикшод дари розаш,
Як шеваи Озода.

Чун домани Наврӯз аст,
Гулрез саропояш,
Хушдилгару дилсӯз аст,
Як шеваи Озода.

## Ошиқам

Ман ба ҳусни навбаҳорон ошиқам,
Бар ҳавои обшорон ошиқам.

Ғайрате доранд ҳамчун мардҳо,
Ман ба ҷӯши чашмасорон ошиқам.

Зери пои ошиқон чун махмалам,
Бар гулу себаргазорон ошиқам.

Баски мемонад ба сӯзи ҷони ман,
Ман ба сӯзи шамъи сӯзон ошиқам.

Ашки гулрӯе намехоҳам бидид,
Бар табассумҳои ҷонон ошиқам.

Нестам хоҳони ҳуштакҳои тир,
Бар таку тукҳои борон ошиқам.

## Фирдавсӣ

Аё, эй марди равшандил,
Аё, Фирдавсии Тӯсӣ.
Арӯси шеърро додӣ
Хату холу либоси наварӯсӣ.
Бибӯсам сатри волоят,
Бибӯсам достонҳои ба маънӣ аз ҳама олию болоят.
Ки мегӯянд ҳар лаҳза:
Аё, эй миллати тоҷик,
Қадам дониста мон дар роҳи оянда.

## Русия намеравам

*(Бадеҳа)*

**Мард**:

Ҷонона, баҳор омад, ҷонона баҳор,
Русия равонаму ба ту ошиқи зор.
Пеш аз сафарам чу ҳадяи наврӯзӣ
Аз боғи лабат ба ман гули лола биёр.

**Зан**:

Аз боғи лабам лола ба ҳар кас надиҳам,
Бар муштариёни дастнорас надиҳам.
Русия равиву ёри дигар гирӣ,
Билло ба Худо, ки як сари хас надиҳам.

**Мард**:

Русия намеравам, Ватан дорам ман,
Як кишвари беҳ зи сад чаман дорам ман.
Русия чаро равам пайи пулёбӣ,
Монанди ту гар дурри Адан дорам ман.

**Зан**:

Обод Ватан кунӣ ту, ёрат гардам,
Як дилбари шӯхи беқарорат гардам.
Аз боғи лабам туро бибахшам лола,
Рахшанда чароғи рӯзгорат гардам.

**Ҳар ду**:

Ёрон, ёрон, гурезпоӣ накунед,
Фикри сафару зиндаҷудоӣ накунед.
Обод кунед Тоҷикистони азиз,
Бар кишвари хеш бевафоӣ накунед.

## Баҳория

Биборад ҳусн аз рӯи баҳорон,
Ки дорад кокуле аз оби борон.

Сари кӯҳ лола монанди хаёл аст,
Хаёли тозаи ӯ безавол аст.

Китоби дашт дорад сафҳаи роз,
Ки Рустам ку, ки шинад Рахшро боз.

Само аз шодияш кӯбад нақора,
Занад бар чодараш гул аз шарора.

Чу мурғон орзуҳо пар кушоянд,
Ҷамолакбоф шохи нахлҳоянд.

Шамоли нарм чун меҳмоннавоз аст,
Дари накшудаи Наврӯз боз аст.

## Раис

*(Ба раиси хоҷагии ба номи Файзалӣ Саидови ноҳияи Ҳамадонӣ Асадулло Абдуллоев)*

Шӯълаи мардӣ ба шамъи корҳо дорад раис,
Аз рафоқат даври худ деворҳо дорад раис.
Доманашро мезанад бар аз пайи ҳар нақшае,
Аз ғами мардум ба дил озорҳо дорад раис.
Паҳн буд дар гӯштин овозаи ӯ ҳар куҷо,
Зӯрие дар кор акнун борҳо дорад раис.
Нахли ваҳдатро миёни мардумон мепарварад,
Оташе бар решаи ҷузхорҳо дорад раис.
То бидонад дафтари илми раиятпарварӣ,
Ҳарф-ҳарфашро ба дил такрорҳо дорад раис.
Ҳар куҷое по ниҳад, ӯ хайру эҳсон оварад,
Дар Ватан аз хештан осорҳо дорад раис.

Аз вафову эҳтиром, аз дӯстиву эътиқод,
Дар замини синааш анборҳо дорад раис.
Банда кохи мидҳаташро шишабандӣ мекунад,
Сад чу ман аз шоирон меъморҳо дорад раис.

*23.07.1991.*

## Солҳо зӣ

*(Ба Ҳофизи Мардумии Тоҷикистон Файзалӣ Ҳасанов)*

Ин қадар созу сурудат хубу шево, Файзалӣ,
Рӯҳу ҷони тоза бахшӣ базми моро, Файзалӣ.

Аз сурудат нағмаҳои обшорон мерасад,
Боғи санъат гашта аз ту сабзу зебо, Файзалӣ.

Мекунӣ афсун ба овозат дили касро мудом,
Ин чи асроре дар овозат муҳайё, Файзалӣ.

Рӯҳи Ҷомӣ, Ҳофизу Бедил, Камоли хушсухан
Шод гашта аз навоят то Сурайё, Файзалӣ.

Домани устод Одина гирифтӣ бо умед,
З-ин шудӣ дар ҷодаи санъат тавоно, Файзалӣ.

Мухлисонат аз дили пурмеҳр арзе мекунанд:
Солҳо зӣ шодкому бош бо мо, Файзалӣ.

## Умед

Дар ҳавои орзуҳо
Чун парасту мезанам пар.
Меравам ман сӯи дилбар.
Носипосе гар
Бишканад болу парамро,
Бо қаноти дил биёбам дилбарамро.

## Бастакор

Бар коғази рухат
Бо хомаи нигоҳ навиштам ҳуруфи ишқ.
Таблак бизад дилам,
Ин бастакор матни маро дар наво кашид.

## Умеди субҳ

Офтоб андар ғуруб аст
Ҳамчу пири дар лаби гӯр.
Сояҳо ҳамчун асокаш,
Шаб ба мисли одами кӯр.
Ман умеди субҳ дорам.

*14.08.1995.*

## Фарёд

Дар ҳабси дунё метапад ин ҷони зори мустаманд,
Фарёди дарё мешавад аз тангии соҳил баланд.

## Нақш

Зиндагӣ саҳнае бувад гардон,
Ҳар яке нақш офарад дар он.
Нақши шоир зи бас бибозидам,
Гаштам аз шоирони саргардон.
Девбоди хазони навмедӣ
Панҷаи ғуссааш пайи ҳам зад.
Аз гаронии бори ин дунё
Ҳамчунон дос қисматам хам зад.

**Фалаксайр**

*(Ба ҳофизи мумтоз Одинаи Ҳошим)*

Фалакро аз фалак боло ту кардӣ,
Ҷаҳонро бар фалак шайдо ту кардӣ.
Сухан гум гашта буд дар хоки ҳастӣ,
Зи нав гумгаштаро пайдо ту кардӣ.

**Шеъри бегазанд**

*(Ба устод Мирсаид Миршакар)*

«Панҷи ноором»-ро ором нест,
Зиндагӣ ҳам ёфт туғёни дигар.
Боз, хушбахтона, он қалби бузург
Бешсӯзиш гашту ноаромтар.

Даштҳои Вахш обӣ шуд ҳама,
Мардумонаш кордону қаҳрамон.
Карда иҷро нақшаҳои хешро,
Шуд Ливое аз Зафар дар дасташон.

Ин дили дар синаам бедорро
Бурд «Ишқи духтари кӯҳсор»-и ту.
Боз меорад ба ёдам рафтаро—
Ёд аз донишварӣ, аз ҷустуҷӯ.

Шеъри ту дорад магар шаҳду шакар,
Ки бихонам беш гардам ташнатар.
Аҳсани он кас ки номат додааст
Бо чунин гуфтори ширин Миршакар.

Гуфта будӣ: «Мо зи Помир омадем»,
Бори аввал ҷониби Маскав равон…
Шеъри пурэҳсоси ту акнун нигар
Рафт бар ҳар гӯшаю кунҷи ҷаҳон.

Садқаи мӯи сафеди ту шавам,
Ки бувад ҳамранги барфи кӯҳсор.
Барфи кӯҳ аз об гар орад дарак,
Мӯи ту рамзе зи шеъри обдор.

Ҳамчу Помирӣ дигар овозадор
Маънии ҳар нуктаат бошад баланд.
Шеъри ту вирди забони халқ шуд,
Дар дили халқ аст шеърат бегазанд.

### Мунъакис

Ошиқтарин касам,
К-аз сӯзи ман ба соҳати гардун шарорае
Афтод дар азал.
Хуршед ҳар саҳар
Оинаест, сӯзи маро мунъакис кунад.

### Кушода бод!

*(Эҳдо ба Саид Одинаев)*

Бар аспи шаст шиштаву шастат зиёда бод,
Бадхоҳи ту малулу ғамину пиёда бод.
Андар қатори дасти кушоду дили кушод
К-он хоси туст, уқдаи бахтат кушода бод!

*23.11.1999.*

### Фидоӣ

*(Ба шоир Рустами Хомарахш)*

Хомаат чун Рахш метозад,
Рустамӣ ту, бо ту менозад.
Он қадар тунд аст, метарсам
Сар ба шамшери ту мебозад.

## Марг

Ӯро ба алфавит чӣ кор.

## Бонуи балҷувонӣ

Биё, биё, биё ту,
Бонуи балҷувонӣ.
Дардам бикун даво ту,
Бонуи балҷувонӣ.

Аз ханҷари фироқат
Хунрез шуд дили ман.
Бе офтоби рӯят
Тор аст манзили ман.

Дуди ҷафоят олуд
Субҳи сафои умрам.
Киряи интизорӣ
Хӯрд матои умрам.

Бурд маро ба сӯят
Оҳанрабои ишқат.
Ҳаст равон ҳамеша
Дил по ба пои ишқат.

Чун ной банд-бандам
Дорад фиғону нола.
Бишкуфт дар дили ман
Доғи ту мисли лола.

Биё, биё, биё ту,
Бонуи балҷувонӣ.
Дардам бикун даво ту,
Бонуи балҷувонӣ.

## Хатна

*(Дар хатнатӯи Сӯҳроб, писари дӯстам Зубайдулло)*

Боз дар тӯи азизон,
Дар ҳавои ғижжаку танбӯри ёрон
Рақсу бозие намоем,
Дафтари дилро кушоем.
Тӯй имрӯз,
Тӯи хатна,
Тӯи аҷдодии мост,
Ҳар чӣ мегӯӣ, равост.
Хатнае, ки ҳаст як рукни мусулмонӣ,
Ҳаст дар он
Завқу ханда,
Шодию сур,
Файз дар ҳар хонадон.
Дар нигоҳам гӯӣ имшаб
Саҳни ҳавлӣ гул намудаст.
Ҳар гиёҳу ҳар дарахт
Аз саховат,
Пеши меҳмон,
Хони анвояш кушудаст.
Дар чунин шаб
Аз сари кат
Ҳамчу аз болои минбар
Шеър хонам то саҳар.

## Даъват

Теги абрӯт гарчи хунрез аст,
Бӯи гесӯт мушкомез аст.
Бо ҳазорон ҳақорату дашном
Дар мазоқам лабат шакаррез аст.

Дар замоне ки давр зулмот аст,
Шамъи рӯи туро кунам хоҳиш.

Бар ҳарифе ки мезанад сангам,
Ту макун меҳрубониву созиш.

Нармрафторҳо ба дом афтанд,
Оҳуи масти ман, ғазанфар бош.
Гар замона ба мо намесозад,
Дар гулӯи замона ханҷар бош.

**Бебаҳоӣ**

*(Ба сардори корхонаи оҳану бетонии ноҳияи Ҳамадонӣ Ҳамроҳхон Саидов)*

Чун мард пурсахоӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ,
Чун шед пурзиёӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.
Чун чашмаҳои кӯҳӣ мазрай қалби моро
Шодоб менамоӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.
Ҳар фардро, ки дидам, додат баҳои бисёр,
Аммо ту бебаҳоӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.
Дар роҳи комҷӯӣ мардона пой монем,
Ҳамроҳ чун ба моӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.
Файзу сурур резад дар дарсхонаи мо,
Ҳар гаҳ ки ту биёӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.
Танҳо на мактаб акнун дар хеш ҷот додаст,
Дар дил ва дида ҷоӣ, Ҳамроҳхон Саидӣ.

**Сабақи сарбоз**

Дил қавӣ,
Абрӯ кушода
Меравад роҳ
Марди ҷанговар ба як по.
Дар дифои марзи тоҷик,
Нанги дунё
Боядам омӯхт аз ӯ дарс,
Боядам истод бо як по.

## Шабеҳ

Шом буда модари зангии ман,
Чун ба шаб гаштам таваллуд,
Ҳаст мисли шаб сияҳрангии ман.

## Сардӣ

Нафаси сарди замон кард асар—
Дилам аз сардии он сард шудаст.

## Айнӣ

Нахоҳам дод Айниро ба савдои хаси бозор,
Маро аз меҳри ӯ дар сина савдои дигар бошад.

## Дузд

Чашмро чун дӯхтам бар офтоб,
Ранги зардаш дидаму гуфтам:
Рангзардиро зи ман дуздидааст.

## Пайки озодӣ

*(Баъди ҷанг дар қаъри дарёи Днестри давлати Молдавия танки шӯравӣ ёфт шуд)*

Ба рӯи пояе дидам
Ситода танки вайрона,
Даруни таркашаш мондаст
Ду тан гунҷишкаке лона.

Саропояш чу ғирбол аст
Ба монанди тани сарбоз.
Кашад монанди маҷрӯҳе
Зи боди сар-сарӣ овоз.

Хаёлам танк мехонад
Ба гӯши мо ҳадиси ҷанг;
Сифоти ҷумла сарбозон,
Сифоти мардуми бонанг.

Парад аз таркашаш гунҷишк
Ба ҷои тири дунёсӯз.
Зиҳӣ, эй пайки озодӣ,
Зиҳӣ, эй олами фирӯз!...

## Тӯша

Қуллаҳои орзуро
Фатҳ месозам ба парвози хаёл.
Дар сафар
Тӯшаам азму субот аст.

## Аз дил занад сар

*(Ба ҳофиз Олимҷони Азим)*

Чун нағмаҳои борони баҳор,
Чун хандаҳои зебои нигор.
Чун розҳои марғуби ҳазор
Савту навои Азими Олим.

Аз по фиканда ифрити ғамро,
Чун Панҷрӯдаш софу мубарро.
Бар захми дилҳо бошад мудавво
Савту навои Азими Олим.

Чун сӯзане хори по барорад,
Аз дӯш бори сангин фарорад.
Бар хотири кас фараҳ биёрад
Савту навои Азими Олим.

Чун шеър бошад оҳангу овоз,
Аз дил занад сар, бар дил равад боз
Бешак, набошад орӣ зи эъҷоз
Савту навои Азими Олим.

**Рӯд**

Аз шонаи кӯҳ
Ту мефароӣ.
Поку мусалсал
Ту менамоӣ.

Биме надорӣ
Аз барфу борон.
Бебок ҳастӣ
Чу сарбадорон.

Дунёи обит
Пур аз фасона.
Ночӯр астӣ
Мисли замона.

**Сӯзанмижгон**

Нигоҳам бар нигоҳат дӯхтам бо сӯзани мижгон,
Ба сӯзанмижжаҳо аз дил гирифтам хори ғам, эй ҷон.

**Садоқат**

Шохаам ман,
Шохаи пурбор.
Ҳаст нахлам Тоҷикистон.
Бишканам чун аз гаронборӣ,
Мефитам дар пои он.

## Исёни муҳаббат

Чи суд аз шӯру исёнҳо,
Агар ки шӯру исёни муҳаббат нест.

## Имоми Аъзам

Дасти субҳаш
Мекушояд пардаи зулмат.
Офтоб аст
Ҳазрати Нӯъмони Собит.

## Гурез

Гарчи мегӯед дудам,
Нест аз болоравӣ судам.
Ҳарчи ҳастам-нестам,
Ман бо шумо будан намехоҳам.

## Парчами зулф

Аз пар-пари он гираҳзада парчами зулф
Афтод гираҳ ба тори андешаи ман.

## Талхоширин

Талаб талх аст, ширин кун
Варо бо бӯсаи ширин.

## Шоирӣ деҳқонист

*(Пайравӣ ба Лоиқ)*

Байтҳоям ҳамчуноне ҷӯяҳои киштаи деҳқони тоҷик
Мешаванд обӣ зи дарёи дилам,
Муждагонӣ оваранд аз ҳосилам.
Ман мисоли оброне,

Қитъаҳои шеъри худро обмонӣ мекунам,
Деҳқонӣ мекунам.
Сатрҳоям чун қатори пахтазорон,
Ҳарфҳояш чун ниҳолон
Аз замини синаам қад мекашанд,
Аз замини синаи бекинаам қад мекашанд.
Кошкӣ, бор оваранд,
Ганҷи бисёр оваранд.
Ганҷҳояш чун маҳиннахпахтаи тоҷики мо
Қимат аз тилло шаванд,
Шӯҳрати дунё шаванд.

**Беди маҷнун**

Шохаҳоят то замин хам,
То замини нозанин хам.
Дар ту сирре ҳаст оё, беди Маҷнун,
Ки ҳаметобӣ ту маҳзун?
Ёфтам сирри ниҳонат,
Медиҳӣ ҳар лаҳза пандам:
Хокро бӯсед, бӯсед,
Ҳарчӣ хоҳед,
Аз замин онро биёбед.

**Нақш**

Душмани рӯз-ошиқи шаб—
Моҳ худро ширсон полудааст,
Боз ҳам дар доғҳо олудааст.

**Қиссаи талх**

Ин қисса чи талху дарднок аст,
Чун обилаҳои дасти ток аст.
Ҳар сарв, ки сар кашад ба гардун,
Фардо нигариш, мушти хок аст.

### Шона

Дар доми зулф аст
Ин ошиқи зор.
Дандон намояд
Гурги гирифтор.

### Ишқ

Гарчи ту нохонда меҳмонӣ,
Дар дили ман
Ҳамчу соҳибхона мемонӣ.

### Хати мандал

Сифла бошад чархи пири ҳуққабоз,
Дар бағал ҷо мекунад бадкешро.
Ман чу соҳир аз зиёни девҳо
Дар хати мандал бигирам хешро.

### Исфара

Исфара, эй маҳзани ишқу умед,
Эй сароғози суруду достон.
Бар канорат омадам имрӯз шод
Аз лаби дарёи Панҷи зарфишон.

Омадам, то боз бинам рӯи ту,
Боз бинам рӯи мардони баор.
Боз ман дар ҳалқаи ёрони хеш
Бишкуфам чун офтоби навбаҳор.

Созҳои «Шашмақом»-ат метананд
Торҳое дар фазои синаам.
Лаззате, к-аз ҳусни ту бардоштам,
Мешавад эҳсос дар ҷону танам.

Аз ҳамин ҷо дӯстӣ оғоз ёфт,
Аз ҳамин ҷо қадрдонӣ бас фузуд.
Аз ҳамин ҷо дардҳо гардида нест,
Аз ҳамин ҷо мушкиле осон бишуд.

Нестам як соате аз ту ҷудо,
Исфара, эй чашмаи шеъри тарам.
Баъди меҳмонӣ агарчи рафтан аст,
Ман туро дар синаи худ мебарам.
Исфара, шифогоҳи «Зумрад»,

*18.11.1990.*

**Пилтаи дар об**

Ман чароғам,
Хира месӯзам.
Дар нагирад
Пилтаам дар равғани омеза бо об—
Оби чашмонам.

**Ҳиммат**

Офарин бод чархи гардунро,
Ки ба мо муфт аз раҳи ҳиммат
Шаб фурӯзад чароғи ахтарҳош.

**Қадр**

Гарчи дудам,
Нестам беқадр.
Ҳамнишини Озарам.

**Пайсаи фаҳм**

Колаи шеър бехаридор аст,
Пайсаи фаҳм нест мардумро.

## Қуфли ғуфра

То набинам кӯрақлон,
Кӯрдилҳо,
Қуфл кардам
Ғуфраи чашмам.

## Чокдӯз

*(Ба модаре, ки се фарзандаш дар*
*ҷанг қурбон шудааст)*

Чокдӯз асту чок медӯзад,
Ҳаст дар хидмати ҷавону пир.
Ҳар яке бо умед меояд,
Ёбад ӯ चораҷӯйро тадбир.

Дасти ӯ мокувор меҷунбад,
Нест чоке зи дидааш пинҳон.
Лек се чоки қалби зорашро
Дӯхтан нест баҳри ӯ осон…

23.12.1993.

## Абрҳои ашк дар чашм

Ҳамчунон қавми гурезон,
Ҳар тараф паҳну парешон.
Абрҳои ашк дар чашм,
Абрҳои Тоҷикистон.

Ҳамчу дуди ҷанг тира,
Ҳамчу табъи халқ хира.
Абрҳои ашк дар чашм,
Абрҳои Тоҷикистон.

Ҳамчу маҷрӯҳи хазида,
Бо дили ханҷардарида.

Абрҳои ашк дар чашм,
Абрҳои Тоҷикистон.

Модари аз ғусса нолон,
Аз ғами фарзанд қурбон.
Абрҳои ашк дар чашм,
Абрҳои Тоҷикистон.

*15.11.1996.*

**Гулшеър**

Шаҳри Душанбе
Гулрӯй шаҳр аст.
Шаҳри Душанбе
Гулбӯй шаҳр аст.

Варзобрӯдаш
Гулоб дорад.
Гулдухтари ӯ
Гулхоб дорад.

Гулрӯзгораш
Гулқанд дорад.
Гултифлаки ӯ
Гулханд дорад.

Дар гулшабонаш
Гули ситора.
Дар гулчароғаш
Гули шарора.

Шаҳри Душанбе
Гул-гул шукуфон.
Хома кунад гул
Дар сифати он.

## Пахта

Пахтаро монанд бо ҳар чӣ кунанд,
Дар сифоташ оҷизӣ дорад сухан.
Пахта рамзи серию шодии мост,
Пахта бошад қуввае бар ҷону тан.

Дар нумӯяш ранҷҳо бояд кашид,
Ҳамчу тифле парвариш ӯро кунанд.
Шӯра баста пуштҳо гардад сафед,
То сафедии варо пайдо кунанд.

Ҳар қадар ки қад ниҳолонаш кашад,
Қадри деҳқон боз болотар шавад.
Хирманаш пурбор гардад ҳар қадар,
Табъи деҳқон боз волотар шавад.

Орзуи марди деҳқони асил
Дар даруни кӯракаш бинҳуфтааст.
Ҳар гаҳе бар пахтазораш бингарӣ,
Ғӯза нею бахти ӯ бишкуфтааст.

## Сарбоз

Дар хаёлаш мисли дуду оташ аст,
Пораҳои абру барқи осмон.
Ёд орад чун шабони тираро,
Мешавад ҳастии ӯ пур аз фиғон.

То кунун дар хоби дардолудааш
Бигзарад аз байни сели тирҳо.
Хамчу марзи ҷанг хезад аз танаш
Нолаҳои дур аз тасвирҳо…

## Кӯлоб

Кӯлоб бузург аст ба мардони замонаш,
Холӣ набувад ҳеҷ гаҳе суфраи нонаш.
Кӯлоб шикасте ба ягон давр наёбад,
То буду даме ҳаст Алии Ҳамадонаш.

## Ҷангзада

Тоҷикистон!
Тоҷикистон, хоки ту як умр чун майдони ҷанг аст.
Лаъли ту худ санг нест,
Балки лаъли хуни мардони бананг аст.

*24.11.1999.*

## Қасам

Риштаи умри маро бигзор тобад зиндагӣ,
Аз пулушки сӯзани айём мон, ки бигзарам,
То бидӯзам чокҳои синаатро, қавми ман.

*16.12.1992.*

## Савтҳои Роғун
## Соҳибоина

Соҳиби оина шуд Роғун,
Халқ дар оинаи обаш
Бахти худ мебинад акнун.

## Роғун

Ҳаст Роғун ҳамчунон як косаи шаҳд,
Марги худро ҷуста,
Хармагасҳо
Сахт бар он ҳамла доранд.

## Мушт

Суғду Помир,
Рашту Қӯрғон.
Ҳамчунин Кӯлоб—
Гашт як ҷо панҷ ангушт.
Нест Роғунро дигар бим,
Бар даҳони бедаҳанҳо мезанам мушт.

## Эҷод

Рӯҳи Зардушт
То бигардад шод,
Оташи ӯро ба Роғун
Мекунем эҷод.

## Соҳибамал

Гарчи душман мекунад бад,
Оташафрӯзии тоҷик аз азал бошад.
Мешавад тавлид оташ дар кафи мо,
Ин нишони мардуми соҳибамал бошад.

## Чаҳор ойин

Деҳ Роғунро баҳо,
Дорӣ ар виҷдон.
Ёфт таркиб аз чаҳор ойин:
Қаҳрамонию далерӣ, аҳду паймон.

## Офтоби Оли Раҳмон

Нест бепушту паноҳ Роғун,
Ҳаст ӯро пуштибон.
Дар фазои беғубораш
Яккатозӣ мекунад чун офтобе
Оли Раҳмон.

## Чанд рубоӣ барои Роғун

Роғун, Роғун, ҳикмати Зардушт туӣ,
Бар фарқи рақибони Ватан мушт туӣ.
Бе бодаву бе айёғ мастем ҳама,
Ангуршароби мо ба чархушт туӣ.

Роғун, Роғун, шедфарӣ, эй Роғун,
Қандил ба ҳар бому дарӣ, эй Роғун.
Монанди садаф ҳаст агар кишвари ман,
Ту ҷой дар он чун гуҳарӣ, эй Роғун.

Роғун, Роғун, биҳишти мой, Роғун,
Ту сархати сарнавишти мой, Роғун.
Мо насли аҳуроиву хуршедфарем,
Гул карда ту аз сиришти мой, Роғун.

Шаҳномаи бахти халқ Роғун, Роғун,
Сармояву тахти халқ Роғун, Роғун.
Ҳаст аз самарат даҳони мардум ширин,
Минӯйдарахти халқ Роғун, Роғун.

Роғун, Роғун, пайки умеди мойӣ,
Тифли хирадӣ туву тарабафзойӣ.
Бо бунёди ту мекунад тоҷики ман
Дар мазҳаби Зардуҳишт побарҷойӣ.

Роғун, Роғун, субҳи сафой, Роғун,
Занги дили моро бизудой, Роғун.
Сад уқдаи мушкили ватандориро
Бо панҷаи гирот кушой, Роғун.

Чун оина поку босафой, Роғун,
Бемории ҷумларо давой, Роғун.
То гунбади дил ситораборон бошад,
Чун чархи фалак ситоразой, Роғун.

Ангораи қавми тоҷдорон Роғун,
Зангӯлаи дасти обшорон Роғун.
Бишкуфт ба гулшани ватандории мо
Чун лолаи сурхи рӯи ёрон Роғун.

**Ахтари бахт**

Ту будию ҷаҳони орзуҳо,
Баҳористон буд он оғӯши гармат.
Дарахти ишқамон гулбор гашта,
Ҳамебахшид рӯҳам ҳарфи нармат.

Шабе бикшода пешам дафтари дил,
Бигуфтӣ: —Рост бошад фоли мардум,
Ки ҳар касро ба боми Каҳкашонҳо
Бувад дар гӯшае рахшанда анҷум?

Бигуфтам: — Рост, эй ёри суманбар,
Бубин, кунҷе дурахшон қӯшаахтар.
Гумонам ахтари рахшони моанд,
Чунин поку зулолу меҳрпарвар.

Аз он дам солҳое даргузашта,
Фитода гарди раҳҳое ба мӯям.
—Ҷавонӣ ҳамчу селоби баҳорӣ
Шитобон рафта, — мегӯӣ, —зи ҷӯям.

Ба ёди ту назар созам шабонгаҳ
Хаёлӣ то ба сӯи боми гардун.
Аҷаб расмест дунёи куҳанро,
Ки созад гоҳ шоду гоҳ маҳзун.

Даме ки хотират озурда гардад,
Ба сӯи тифламон бинмо назора.
Зи лабхандаш бубинӣ хандаи бахт,
Дурахшад дидагонаш чун ситора.

## Дук-дуки дук

*(Ба оҳанги ҳазл)*

Дилам дорад ба роҳат дук-дуки дук,
Зи ёди рӯи моҳат дук-дуки дук.
Ҳазорон шиква дорад андарунам
Зи чашмони сиёҳат дук-дуки дук.
Кунад шодӣ чу тифли қанддида
Зи лутфи гоҳ-гоҳат дук-дуки дук.
Ҳамехоҳад бигирад бӯсае чанд
Зи лаъли бӯсахоҳат дук-дуки дук.
Шавад мурғу парад сӯят, ки гӯяд
Саломе ҳар пагоҳат дук-дуки дук.

## Ҷӯрта-ҷӯрта

Равам пешат, нигоро, ҷӯрта-ҷӯрта,
Ки гӯям рози дилро ҷӯрта-ҷӯрта.
Зи ту ман шиква дорам дар дили худ
Аз ин ҷо то Бухоро ҷӯрта-ҷӯрта.
Ба умеде, ки аз ман мешавӣ ту,
Кунам бо ғам мадоро ҷӯрта-ҷӯрта.
Ту ахтар гаштаӣ, з-ин рӯ шабона,
Нигаҳ созам ҳаворо ҷӯрта-ҷӯрта.

## Диле дорӣ…

*(Барои ҳофиз Шокири Қодир)*

Диле дорӣ, аё Шокир,
Ки дар он сӯзу созе ҳаст,
Шукуфтанҳои розе ҳаст,
Садои рӯзгорон аст,
Нидои обшорон аст.
Туро илҳоми саршор аст чун рӯди Ниёб* имрӯз,

---

* Рӯди Ниёб номи дарёест дар мавзеи Даштиҷум.

Ва соҳилҳои хотирҳо пур аз гулҳои армонист.
Мисоли пахтаи бебаркаши ҷумҳурии тоҷик
Барои мухлисонат лутфу эҳсони ту арзонист.
Диле дорӣ, аё Шокир,
Гули вартоҷро монад.
Ба он сӯе ки хуршеди ҳақиқат раҳсипар бошад,
Ба он сӯ рӯ бигардонад.
Диле дорӣ, аё Шокир,
Чу оина аҷаб беғаш,
Аҷаб дилкаш.
Дар он нуру сафое аст,
Дар он меҳру вафое аст.
Набошад ҳам нишоне аз маҳалбозӣ дар он асло,
Баробар ҷумлаи тоҷик,
Бародар ҷумлаи тоҷик.

**Кӯчат**

Чун қаламча
Дар замини дил шинондам ишқро.
Медиҳам акнун зи ҷӯи дида обаш рӯзу шаб.

**Баҳор**

Кокулонаш ришта-ришта,
Сар ба по мисли фаришта.
Байти завқу шӯри дилро
Бар талу саҳро навишта
Навбаҳори тозарӯй омад.

Рӯдҳо чун қиссахонанд,
Бодҳо чун найнавозанд.
Гул ба меҳмонӣ биёяд,
Даштҳо оғӯши бозанд.
Навбаҳори тозарӯй омад.

Сози наврӯзист боло,
Табъи деҳқонист воло.
Оташи Зардушт бошад
Гулхани базму тамошо.
Навбаҳори тозарӯй омад.

**Ҳафтшини шоирон**

*(Дар тӯи Искандари Комил)*

Шеър* асту Шаробу* Шабу* Шайдову* Шабафрӯз*,
Шириниву* Шарбат*, ки бувад оини Наврӯз.

**З……нома**

*(Аз силсилаи «Муҳаббати беҷавоб»)*

З……о, З……о, З……,
Биёву оташи қалбам барафрӯз.
Бувад Наврӯз бе рӯят зимистон,
Зимистон аст бо рӯи ту Наврӯз.

З……о, гуле хоҳам зи рӯят,
Чу обе роҳ мегирам ба ҷӯят.
Зи боди сарди ҳаҷрат бастаам ях,
Парешон хотирам монанди мӯят.

З……о, кучҷоиву кӯчҷоӣ,
Чаро бегонахӯӣ, бевафоӣ.
Намепурсӣ маро, афсӯс, афсӯс,
Дареғ аз рӯзгори ошноӣ.

* Ин ҳафт калимаи ишорашуда рамзианд: Шеър-Хайрандеш, Шароб-Озар, Шаб-Ғаффоралӣ Сафар, Шайдо-шоир Шайдо , Шабафрӯз-Ашӯрбӣ Солеҳова, ширинӣ-Раҷабалӣ Худоёрзода, Шарбат-Рустами Хомарахш.

З…….о, шароби ноб бошӣ,
Чароғи маҳфили аҳбоб бошӣ.
Набошад бе ту хобе дар ду чашмам,
Маро ноёбтар аз хоб бошӣ.

З…….о, маҳи гардун ту бошӣ,
Зи ҳадди васфи ман берун ту бошӣ.
Чу ҳомунам, чу ҳомунам, чу ҳомун,
Баҳори сабзи ин ҳомун ту бошӣ.

З…….о, ниҳоли навбари ман,
Шароби арғувони соғари ман.
Агар бо доғи ишқи ту бимирам,
Бирӯяд лола дар хокистари ман.

З…….о, туӣ дарёву рӯдам,
З…….о, туӣ шеъру сурудам.
Чу буддоӣ, ки буддо мепарастад,
Ба пои ту ҳамерезад суҷудам.

З…….о, ҳама дардам ту бошӣ,
Шарори синаи сардам ту бошӣ.
Диламро чун баёзе боз карда
Бидидам, мисраи фардам ту бошӣ.

З…….о, нигори маҳваши ман,
Зулолу тозаи ман, беғаши ман.
Агар дилро бурун орам зи сина,
Ҷаҳонеро бисӯзад оташи ман.

З…….о, дилафгорам ту кардӣ,
Ба шодию ба ғам ёрам ту кардӣ.
Куҷо бе ту маро тоби сухан буд,
Бале, побанди ашъорам ту кардӣ.

З…….о, алифбоям ту бошӣ,
Ҷаҳони шӯру савдоям ту бошӣ.
Чу оби мурдаам, эй ёр, бе ту,
Раҳоӣ сӯи дарёям ту бошӣ.

З…….о, санавбар қомати ту,
Беҳ аз сад нахли навбар қомати ту.
Баланд асту баланд асту баланд аст
Чу гуфтори паямбар қомати ту.

З…….о, гули истораи ман,
Гапи пор аст қалби пораи ман.
Ду чашмам чор гашта дар раҳи ту,
Намесозӣ валекин чораи ман.

З…….о, маро аз ғам раҳо кун,
Ғамамро бо нигоҳи худ баҳо кун.
Давои ман балои ишқ бошад,
Гирифтори балоям кун, даво кун.

З…….о, зари ошиқ ту бошӣ,
Чу тоҷе бар сари ошиқ ту бошӣ.
Ба ғайри ту дигар ёре надорад,
Ки дар чашми тари ошиқ ту бошӣ.

З…….о, лабат олучаи тар,
Зи Лайливу зи Ширинӣ ту беҳтар.
Туро ман дӯст дорам аз худам беш,
Намесозӣ маро, афсӯс, бовар.

З…….о, З…….о, З…….,
Бувад ишқат бароям файзи наврӯз.
Агар як шаб набошӣ дар бари ман,
Дилам девона гардад аз табу сӯз.

З…….о, ду чашмат тарҷумон аст,
Нигоҳат қосиди равшанбаён аст.
Зи гулбоғи висолат гул бичинам,
Ҳуруфи лутфи ту сад достон аст.

З…….о, З…….о, З…….,
Туӣ хуршеду моҳи оламафрӯз.
Ҷаҳон гаштам, вале мислат надидам
Нигори меҳрубону ёри дилсӯз.

З…….о, ҷамолат моҳу ахтар,
Зи ҷамъи дилбарон ҳастӣ ту беҳтар.
Туӣ дар синаи тангам, зи мижгон
Мазан бар ҷойгоҳи хеш ханҷар.

З…….о, туӣ мурғе ба бомам,
Намегардӣ валекин ҳеҷ ромам.
Ҳама эҷоди ман охир сар омад,
Туӣ танҳо, ту шеъри нотамомам.

З…….о, ба чашми ман ҷавонӣ,
Ба нармӣ нармтар аз парниёнӣ.
Миёни даштҳои орзуям
Чу лола менамоӣ арғувонӣ.

З…….о, чу шеъри тозаӣ ту,
Миёни аҳли дил овозаӣ ту.
Ба ҳусни ту нигоҳи ман ҳамегуфт:
Надорад ҳеҷ кас андозаи ту.

З…….о, ба қимат бебаҳоӣ,
Бароям дастнорас чун самоӣ.
Зи дастат додаму аммо азизӣ
Бароям чун замини ориёӣ.

З…….о, ту чун обу ҳавоӣ,
Гаҳе худ ошно, гаҳ н-ошноӣ.
Манам бечоратар аз дони гандум,
Ба бераҳмӣ ту санги осиёӣ.

## **Ромишгар**

*(Барои Муҳаммадбек Ғаниев)*

Шоҳини савту навоят
Панҷа бар зоғи ғамам зад.
Чун гиёҳи кӯҳие, ки ташнаҷон аст,
Бо умеди қатраҳои риштаборон аст.
Нимашаб аз лутфи боронҳои созат,
Нағмаҳои дилнавозат
Нам кашидам,
Умри дигарбора дидам,
Аз навозишҳои ту,
Аз навозишҳои чун савти Аҷам волои ту
Мерасад бар гӯши ман:
Аллаҳои модарон,
Хандаҳои духтарон,
Розҳои шоирон,
Шӯру исёни ватанхоҳ
Сарбадорон.
Дар замини хотиру андешаҳоям
Мешукуфанд ин замон—
Лолаҳои комҷӯиву саодат,
Лолаҳои ишқу армон.

## **Зангӯла**

Зангӯла садо дод,
Зангӯлаи охир.
Эй вой, ки моро
Имрӯз ҷудо мекунад аз ҳам
Чун ҳалқаи печидаи садпораи занҷир.

Зангӯла садо дод,
Алмос барин пора кунад шишаи хотир.
Зангӯлаи охир
Зангӯлаи тақдир.

**Эътироф**

Сафи дилбастагони шеъру сухан
Гарчи бисёр шуд чу қавми Чин.
Гоҳ-гоҳе шавам хиҷил, ки бувад
Нозимон бешу шоирон камчин.

Аз ҳама шоирони пешоҳанг
Ҳеҷ кас дар қатори Озар нест.
Озари шеър ҳаст дар дили мо,
Шеъри Озар вале муяссар нест.

**Чароғи овехта**

Чун чароғи барқ
Гарчи овезанд аз поям,
Боз месӯзам,
Роҳи марди дар сафарро то кунам равшан.

**Ишқи аввал**

Ишқи аввал инқилобе будааст,
Одамиро обутобе будааст.

Гарчи асли мақсадаш созандагист,
Гоҳ кори ӯ харобӣ будааст.

Ҷуръати мардона меҳоҳад зи кас,
Ҷодаи пурпечутобе будааст.

Оварад фазлу бузургиро падид,
Дар кафи қисмат шаробе будааст.

Дар баёзи умр ин ишқи нахуст
Ҳарфи тоза, шеъри нобе будааст.

**Тағову теға**

—Гар надорӣ
Ту таға дар зиндагӣ,
Фарқ набвад
Байни туву теғаи кӯҳ,—
Гуфт як марде ба андӯҳ.

**Нахли дуо**

Решае, ки
Мешавад бе хок сабз,
Решаи нахли дуои модар аст.

**Бози субҳ**

Зоғи сияҳ шаб аст,
Боз аст, боз субҳ.
Дар панҷаҳои боз шавад болканда зоғ.

**Бовар**

Бар дурустии ҳамон шеъре кунам бовар,
Корбандӣ мекунад Озар.

**Акс**

Силмарг аст
Шоҳин аз аҷри мудаввом.
Силмаргам ман
Зи беқадрии айём.

**Авф**

Ҳамчунон марди гунаҳкор
Буд шаб дар чоҳи зиндон.
Баъди ҳашту чор соат авфи ӯ карданд.

**Берӯзӣ**

Он қадар берӯзиам, ки
Дӯст он сӯ,
Нест душман ҳам маро.

**Қиёс**

Дар қиёси шаб
Субҳ волост.
Мекунад тавлид як ахтар, вале
Оламе ғарқи зиёст.

**Дӯзанда**

Ҳар либосеро, ки дӯзанд,
Пораҳояш мешавад ҷамъ.
Лек ҳарчанд
Чашм дӯзам бар матои ҳусни ту,
Мешавад андешаҳои ман парешон.

**Се лаҳза**

Тифл будам, медавидам аз қафои шаҳпаракҳо,
Дар ҷавонӣ аз қафои дилбарон.
Сад дареғо, ин замон
Пирӣ аз пушти ману ман
Медавам аз пушти нон.

## Каҳкашон

Аз ғами бекаҳии каҳдонам
Чашм бар Каҳкашон ҳамедӯзам.

## Тангбин

Тангчашмони ин ҷаҳон дидам,
Ҳама чиро фарох мебинанд.
Лек мо бо фарохчашмиҳо
Тангбин мардумони дунёем.

## Ҳамсафар

Аз дӯст мапурс,
Ҷуз роҳ маро ҳамсафаре нест дигар.

## Ғижжак

*(Ба мутриб Абдусалом Раҳимов)*

Аз навои ранг-ранги ғижжаки ту
Мерасад овои аҷдодони тоҷик,
Мерасад дарду ғаму шодии бепоёни тоҷик.
Мешавам об,
Мешавам сар то ба по об аз навозишҳои ту,
Борбад гӯӣ навозиш мекунад,
Рӯҳи поки рафтагонашро ниёиш мекунад.
Бо садои ғижжаки ту
Пеши чашмон
Дар ҳавои рақси печон
Мешавад пайдо
Фитна бо нозу хиромон.
Ҳар куҷое ки равонӣ,
Рӯи дастат ғижжаки туст.
Шукри он дорӣ, ки танҳо нестӣ,
Чун гуҳарҷӯе зи қаъри баҳри таърих

Рӯи дастон
Шоду хандон
Ҷои ғижжак гӯиё бардошта аҷдодро
Мебарӣ то дури дур.

**Раҳпоӣ**

То хори мижжаҳоят
Бар пои дил халида.
Чун нола мурғи илҳом
Аз ошён рамида.

Дар боргоҳи васлат
Дарвеши порсоям.
Аз наштари ҷафоят
Ҳаргиз ба худ наоям.

Чун ғунчае ба ёдат
Шаб то саҳар нахуфтам.
То субҳи рӯт дидам,
Бо чашми тар шукуфтам.

Дар хирмани хаёлам
Ҷуз донаи ғаме нест.
Дорам ғами ту дар дил,
Ин ғам ғами каме нест.

**Тирадил**

То саҳар фонуси маҳ сӯхт,
Ғори тира тирадил буд, тирадил монд.

**Сияҳсобун**

Чун сияҳсобун сияҳрангам, вале
Зиндагӣ кафки сафедам додааст.
Дар диёри шаб ба дунё омадам
Қисматам субҳи умедам додааст.

**Илтиҷо**

Косаи чашми ман пур аз об аст,
То тавонӣ, пурӯ макун онро.

**Гулсухан**

Чу Наврӯз аст,
На танҳо хок,
Сухан дар шохи килкам мекунад гул.

**Рафиқ**

Навҷавонӣ рафт агар аз каф,
Нест ҷои ғусса хӯрдан.
Пириамро ман нахоҳам дод аз даст,
То лаби гӯр
Рӯи дӯши хеш мехоҳам варо бурдан.

**Меъроҷ**

Он қадар тирапарвар аст ин давр,
Ки алайҳи ману мақоми ман
Ёфт меъроҷ дуди танбоку.

**Ирода**

Чархи бозингар агар ки кӯзпуштам кард,
Ман Камони Рустамам, ки
Осмонро бо замин пайванд хоҳам кард.

**Ҷайҳуни чашм**

Нахли шеърам то диҳад бар,
Аз сари шаб то саҳар
Мекунам Ҷайҳуни чашми хешро серобтар.

## Сано бодо

*(Ба Ҳофизи мардумии Тоҷикистон Одина Ҳошимов)*

Магар он Борбад шуд зинда аз нав,
Ки бо овози хуш дилро рабояд.
Ба сози ғижжаку тору дутораш
Гиреҳи мушкилиро мекушояд.

Каломи Ҳофизи Шероз бо ӯст,
Ва Мавлонои Балхӣ беш аз он.
Кунун Ҷомӣ, Ҳилолию Ироқӣ
Сухангӯянд бо табъи сухандон.

Бузург асту бузургон зинда донад,
Ба симояш бубинам ҳар якеро.
Чу қумрӣ лаҳни ӯ поку гуворост,
Ба овозаш шавам мафтуну шайдо.

Чу Мирзо қитъаҳоро тай намуда,
Бубинад шодию ғамҳои инсон.
Сурудаш чун «Садои Осиё» аст,
Ба ҳар ҷо менамояд шӯру исён.

Сано бодо ба ин хунёгари мо,
Ки фахри мардуми тоҷикзабон аст.
Мисоли Борбад ӯ зинда бошад,
Мисоли Борбад ӯ ҷовидон аст.

## Ховалингидухтар

Куштӣ ба нозҳоят,
Ай Ховалингидухтар.
Ҷонам шавад адоят,
Ай Ховалингидухтар.
Ҳамчу насими кӯҳӣ
Раҳгаштанот нозук.

Мисли ниҳоли борон
Сар то ба пот нозук.
Ду банди кокули ту
Чун байти обдор аст.
Печида домани ту,
Гирдоби рӯзгор аст.
Як умр мекашам тӯр
Дар роҳи Чилчанорон.
Аз тӯр мерамӣ ту
Чун кабки кӯҳсорон.
Чун наваи тилоӣ,
Яғмош бурда доно.
Эй заршиноси ҳастӣ,
Бурдӣ зи ман диламро.
Пуршӯру беқарорам
Чун оби Ёхсӯят.
Роҳам дароз, аммо
Бошам ба ҷустуҷӯят.
Ишқат қаламча кардам
Дар бешазори хотир.
Ранҷу азоби васлат
Ҳаргиз надорад охир.
Куштӣ ба нозҳоят,
Ай Ховалингидухтар.
Ҷонам шавад адоят,
Ай Ховалингидухтар.

**Кавир**

Кавирам, ташнаам, хушкам, зи лабҳот
Маро шодоб кун, то сабз гардам.

**Нахли орзу**

Дарахте ки нагардад пир—
Нахли орзу бошад.

## Достони хазони гул

Аз варақҳои зарди гул хондам
Достони хазони умрашро.

## Хомӯшак

Парвардаи хуни мо ба мо хеш нашуд,
Пайваста маро неш занад хомӯшак.

## Сабзосабз

Бок не, сабзинаам,
Сабзрӯям,
Сабзмӯям,
Сабзҷонам,
Сабзимонам.
Чун варақҳои гули садбарг печида ба ҳам
Сабзи андар сабз
Орзую ормонам.

## Ҷанговар

Хаста-хаста мегузорад по,
Сахту вазнин аст бори ҷанг.

## Хоҷамӯъмин

Ситода асрҳое рӯ ба боло,
Чу пул байни замину осмон аст.
Тамоми сол ҳар кунҷу канораш
Биҳишти хосаи Хатлониён аст.

Бубинӣ печутоби қуллаҳояш
Ба сони саллаи чӯпон намояд.
Уқобе дар фазои беғубораш
Чу тоҷи давлати Сомон намояд.

Намак аз суфраи сангаш чашида,
Ман аз овони тифлӣ қад кашидам.
Агарчи лаззати дунёст дар вай,
Вале аз лаззаташ серӣ надидам.

Чу пири Хоҷамӯъмин ҳаст пирам,
Дуояшро ҳамебояд бигирам.
Ба рӯи пои ӯ гаштам таваллуд,
Ба рӯи пои ӯ хоҳам бимирам.

**Мағлуб**

Ҷавонӣ дастболо шуд,
Ва чун мағлуб пирӣ парчами испедро бардошт.

**Ғурур**

Гарчи оташ то баландиҳо
Мебарорад сар.
Дуд мегӯяд:
Ҳосили ӯ ҳаст хокистар.

**Шамъ**

Ҳамчу Восеъ
Бар алайҳи тирагӣ
Машъали пайкор афрӯхтаст ӯ.

**Даъват**

Мушро не,
Балки мушакро бибояд кард қир.

## Панд

Чашми пандомӯз бикшо:
Бо ду по моро қад аз хоки сияҳ боло нашуд,
Нахл бо як пой сӯи осмон қад мекашад.

## Нақд

Шеъри сапед гӯ,
«Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст».

## Гиряи санг

Сангҳо низ гиряе доранд,
Номи ин гиря чашмасорон аст.

## Баргҳои орзу

Баргҳои орзуям
Чун хазони зери поянд.
Ҳар қадар рӯбанд,
Боз месабзанду мерезанд…

## Парвози гиряхез

Набошад боли парвозат,
Напар чун чашм, бар хас мешавӣ мӯҳтоҷ.

## Шикастан

Гарчи бишкастан набошад хуб, лек
Орзую ормонро бишканам.

## Беҳтарин даст

Беҳтарин
Дар байни дастон
Дасти имдоду сахост.

## Барқ

Оташи ӯ
Хушку тар пайваста месӯзад.
Нест раҳме дар ниҳоди
Барқи оташбоз.

## Андоз

Аз намак андоз настонед,
Бар кӣ лозим аст шӯрандоз?!

## Савдои шикаста

Сари савдову савдои сарам бишкаст,
Аз ин бишкастаҳо бишкаст бозори ҳавасҳоям.

## Бевафо

Гарчи андар вақти танҳоӣ
Соя бо ман буд,
Бевафо дар нимаи раҳ — нимаи рӯз
Монд танҳоям.

## Ҷомаи шеър

Гарчи дар бар
Ман надорам ҷомаи нав, айб нест,
З-он ки бар тан
Ҷомае аз шеъри нав пӯшидаам.

## Чашма

Сангқалбам,
Сангҷонам.
Чашмае аз Хутталонам.
Ки таровад аз дили ман
Ҳарф-ҳарфи шеърҳоям
Ҳамчунон об
Қатра-қатра
Беғашу поку мусаффо,
Беғашу поку мусанно.

## Вожаи шабнам

Ба лутфи обияш борон
Баёзи синаамро пур кунад аз вожаи шабнам.

## Фидоӣ

Рӯшноиҳост илм,
Ман чу як парвонаи ранҷу балокаш,
Дар суроғи рӯшноӣ,
Медиҳам ҷонро бар оташ.

## Парчами таслим

Дар кафан печиданат чист?—
Меравӣ сӯи Худо бо парчами таслим.

## Ифтихор

Ҳар қадар хӯрдам намак аз Хоҷамӯъмин,
Шукр кардам:
Шӯрапуштиҳо накардам…

## Нуқтаи умр

Нуқтае, к-аз пайи асо монад,
Нуқтаи умри пири фартут аст.

## Гила

Тоҷикистон!
Садқаи кӯҳи баланди сар ба дӯши осмонат,
Лек гоҳо мешавам маҳзун,
К-аз баландиҳои кӯҳат шуд баланд
Нархи нонат.

## Бодаи ваҳдат

То ки бошад рӯятон сурх,
Бодаи ваҳдат бинӯшед!

## Тардоман

Аз домани пок нест ҳосил,
Тардоман бош, то шавӣ сабз.

## Хунук

Дар зимистон хонаву дар ҳаст гарчанде хунук,
Оғуши гарми ту ҳам моро намуд охир хунук.

## Карам

Карам чун каллаи аммомадори ҷоҳилон бошад,
К-агар бозаш кунӣ, чизе наёбӣ андаруни ӯ.

**Арзонӣ**

Он чӣ баҳрам муфту арзон аст,
Сардии фасли зимистон аст.

**Сияҳнавис**

Сияҳнависи Худоям,
Ва нури марди банури Худост нусхаи ман.

**Бори оҳ**

Нест боре гарон дар ин дунё
Ба ҷуз он бори оҳ, ки дард аст.
Ман ҳама умр мекашам ин бор,
Ҳар кӣ ин бор мекашад, мард аст.

**Барқ**

Барқ айёми баҳорон
Гашт арзон.
Боварат н-ояд, нигар бар осмон.

**Ошиқ**

Чун чароғе ба лашкари нурам
Деви шабро асир мегирам.
Ошиқи субҳаму ғамам з-он аст:
Субҳ чун даррасад, ҳамемирам.

**Ҳароратсанҷ**

Ҳароратсанҷ ҳам имсол аз гармо
Мисоли нархи бозорӣ
Пайи ҳам меравад боло.

## Покдил

Бо ҳама покиву иффат
Печ хӯрда меравад оташ,
Печутоби роҳ бошад покдилро бештар.

## Як замоне

Як замоне бачча будам,
Баччаи гумроҳу нодон.
Ҳамраҳи як духтаре,
Духтари гулпайкаре.
Дар лаби ҷӯи шитобон,
Шоду хандон
Лойбозӣ менамудем,
Хонасозӣ менамудем.
Гоҳ-гоҳе бебаҳона
Баҳри ислоҳи ҳатоҳо,—
Баҳри зебоии хона
Ҷангҳое карда будем,
Ҷангҳои одилона.
Сад дареғо!
Рафт он айёми заррин,
Рафт он айёми рангин.
Нест ёри кӯдакиям,
Дар хумори кӯдакиям.
Шукр дорам, хонаам обод имрӯз,
Аҳли байтам бардаму дилшод имрӯз.
Нестам чизе камам,
Нест аз чизе ғамам.
Лек дорам ғусса дар дил, ки ба зудӣ
Баччагӣ гум кардаам,
Дар фироқаш рӯзу шаб озурдаам.
Кош, рӯзе даррасида,
Баччагии хешро пайдо кунам,

Бо ҳамон завқу хаёли баччагӣ
Сарфарозиҳо кунам.
Гарчи мекобам варо,
Ман намеёбам варо.
… Ҳа, кунун фаҳмидаам,
Ки ҳамон ҷӯи равон,
Ҳамчунин он духтарак
Баччагиамро зи ман дуздида бурданд
То ба дуриҳои дур,
Ки ҳанӯзам барнагашта.

**Саховат**

Монанди раҳгузар
Ҳар кӣ қадам ба пойгаҳи осиё ниҳод,
Нагзошт ноумед, сарашро сапед кард.

**Қалами ман**

Қалами ман на пайи гуфтани матлаб бошад,
Қаламам баҳри сияҳ кардани мӯлаб бошад.

**Ҷуз нақши пои хеш**

Андар кавири ранҷу ҷудоиву бекасӣ
Ҷуз нақши пои хеш набошад асар маро.

**Илтиҷо**

Худовандо, Худои ранггардонам,
Яке некӣ бикун, хурсанд кун ҷонам.
Сафедиҳои дандонам ба рӯям бахш,
Сиёҳиҳои рӯямро ба чашмонам.

## Шуълаи овоз

Тоб хӯрда бесадо
Меравад боло.
Шуълаи оташ бувад овози ман.

## Мерос

Он чи бахрам аз падар мерос мондаст
Ҷовидонӣ:
Не шукӯҳу тоҷу фар, не симу зар,
Росткориҳост.

## Ситораофар

Гӯянд ситора гаштан осон набувад,
Ман лек осон
Аз дида ситораҳо бирезам арзон.

## Ҳикмати шамъ

Номусу орро
Бар дӯш бурдан аст.
Бар рағми ину он
Хандида мурдан аст.

## Мубарро

*(Ба Озар)*

Самои синаи ту беғубор аст,
Уфуқи китфи ту исторазор аст.
Шаби абрӯи ту бошад шаби қадр,
Ки дар рӯи ту нури Кирдигор аст.

## Гули сияҳгӯш

Хотирам з-ин фоҷиа озурд:
Раст аз хуни Сиёвуш,
Чун Сиёвуш бармаҳал мурд.

## Заволи нур

Кушта шуд аз оҳи сардам шамъи рӯшан,
Ёдам омад Саъди Ваққосу заволи аҳди Кисро.

## Савдо

Маро завқе ба он савдо набошад,
Ки мардеро фурӯшам пеши номард.

## Ҳавр

Карда сарпӯш аз сараш дур,
Аз ҳисори дег меояд бурун.
Ҳавр ҳам мехоҳад озодӣ.

## Орди шеър

То шавад орд гандуми шеърам,
Осиёсангвор мечархам.

## Оҳ

Медиҳад аз дарду ғамҳоят наҷот,
Нест дард ин оҳ,
Бал бошад нишот.

## Тарс

Сояро ман чӣ сон бигӯям бад,
Ҳаст шаҳ сояи Худо ба замин.

## Ҳиммати барқ

Осмони барзгар дасти сахо бикшод,
Донаи борон даруни ҳавз хирман шуд.
Нимашаб аз барқ чун аз орзуи нони серӣ
Дидаи бечорае як лаҳза рӯшан шуд.

## Ёди асл

Аз бед агарчи боғ бинмудам сабз,
Даҳбеди Самарқанд зи ёдам наравад.

## Ибрат

Тирамоҳ андар хаёли зар
Ранги зарде дошт.
Ман зарандӯзӣ намехоҳам.

## Чашма

Пок то обаш бигардад,
Синааш обича кард аз санг.

## Табъи яхбаста

Дар зимистон шеъри ман шах гашт,
Табъи дарё доштам, ях гашт.

## Тарс

Бишканад гар санг дандон, тарс нест,
Лек тарс аз нархи дандонбишкан аст.

## Сабзҷӯи майсаи лаб

Гарчи обанбори чашми ман
Дар қиёси соли пешин
Ҳаст сероб,
Сабзҷӯи майсаи лабҳои ман аммо
Хушк гардидаст, афсӯс!...

## Тақлид

Беқадр бувад мақоми тақлид,
Ҷуз хок мақоми сояҳо нест.

## Васфи пахтакор

Аз арақҳои ҷабинат рехт-рехт
Дона-дона рӯи дашти зарнисор.
Хирмани ту то фаровонтар шавад,
Кай туро буд лаҳзае сабру қарор.

Гоҳ жола, селборонҳо гаҳе
Пайкару ҷони туро озурда кард.
Ин табиат бо чунин нозу нузаш
Дил даруни синаат афсурда кард.

Азму саҳми устувори хешро
Бар ҳама душвориҳо бигзоштӣ.
Ҷои ранҷу меҳнати поку ҳалол
Ҳосили монанди зар бардоштӣ.

Саҷда созам хоки поят, пахтакор,
Чунки ҳастӣ баҳри мо ризқофарин.
Садқаи он дасти шахшӯлат шавам,
З-он биёяд накҳату бӯи замин.

## Тифли шеър

Ҳар қадар мепарварам, аммо
Тифли шеърам мезанад почак,
Мекунад фарёд:
Шеваи ту фоилоту фоилотун аст,
Шеваву таҳрирҳои Озарам бод.

## Гумкарда

Бо сари хам
Он чӣ меҷӯям раҳорах,
Мисраи гумкарда бошад.

## Яъс

Дар сарам барфи сафед аст,
Навбаҳоре нест аммо аз паси ин барф.

## Ишқбемор

Гарчи бе даъват
Кас намемонад ба ҷое по,
Лек бе даъват биё бар хонаам, ёр,
Ишқбеморам.

## Оташи Зардушт

Реша дорад дар замири санг,
Ҷовидон аст оташи Зардушт.

## Дасти дуо

Нахлҳо дасти дуо бардоштанд:
Ай Худо, анбони лутфатро кушо,
Роҳи моро, к-аз зимистон то баҳорон мебарад,
Аз сиёҳӣ пок гардон.
Барф борид,
Ҷодаҳо испед гаштанд.

## Қирони Қорун

Сер то аз пахта гардад дидаи носери сарватманди тоҷик,
Пахта меборад зи гардун.
Зери барфи пахта хоҳад мурд
Пахтахори мо чу Қорун.

## Ханда

Гарчи бошад ханда оби зиндагӣ, аммо
Хандаи гул ҳаст марги гул.

## Фаввора

Ҳарчанд ки зуҳри гарми тобистон аст,
Фаввораи шеър аз сарам резон аст.

## Дилҷӯӣ

Гуворо мешавад умрат
Зи дилҷӯиву дилбандӣ.
Мисоли бӯса ширин аст
Самар аз нахли пайвандӣ.

## Парда

Лутф бар ман бикун, Худовандо,
Ҳеҷ дар пардаат маёзорам.
З-он ки бо парда омадам бар даҳр,
Лек бе парда ҳарфҳо дорам.

## Хира

Эй сафедори баланд, эй ёр,
Гарчи аз ман мегурезӣ то ба афлок,
Дасти худ бар гарданат хоҳӣ-нахоҳӣ,
Ҳалқа хоҳам кард чун ток.

## Шоми барфӣ

Шоми барфӣ
Ҳамчу зангиест бо пероҳани испед.

## Ангури чашм

Ҳаст ангуре, ки май ногаштаву з-ӯ
Метавон нӯшид танҳо бо нигоҳ.
Шишаи сад айш дорад
Чашмангури сиёҳ.

## Огоҳӣ

Эй ки мегӯӣ маро дуди сиёҳ,
Бош огоҳ!
Он сиёҳиам, ки вақти хоб зерат мекунам.

## Маска

Субҳ шир аст,
Маскаи зард аст андар хумби пур аз шир хуршед.

## Ниёз

Чун канори ёри бемеҳре
Сард оғӯши зимистон аст.
Баст ях дарёи эҷодам,
Тифли шеърам лолу ҳайрон аст.

Чун бухорӣ, ки намояд дуд,
Дуди оҳам бар фалак печад.
Гирдбод аз барфабрешим
Ҳамчу момам ришта мерасад.

Аз дарам ҷои нигори шеър
Пирзоли барф меояд.
Табъи ман нозост ин соат,
Сӯҳбате бо Озарам бояд.

## Дурӯ

Соҳиби иззат аст дурӯя,
Гарчи тухми вафову меҳр накошт.
Бар сари дастҳо бигирад ҷо
Он ки ду рӯй ҳамчу доира дошт.

## Афсӯс

Чун ақраба ҳарчанд давидем,
Афсӯс ки бар манзили матлаб нарасидем.

## Зардуштӣ

Дар баҳои ҷон
Мехарад оташ.
Аз азал
Парвона зардуштист.

## Ҳурмати борон

Ба ҳурмати қудуми обияш
Гиёҳу нахлҳо ба по шавад.

## Пайрави баҳор

Шукуфтанист,
Аз яхча гул дорад.
Дай пайрави баҳор аст.

## Табдил

Нарм будам мисли борон,
Аз ҳавои сарди ишқат
Жола гаштам.

## Санговдавак

Азбаски будаст вазни шеърат сангин,
Санговдавак туро тахаллус карданд.

## Гирдоб

Шеъри дарё то шавад мавзун,
Меравад дар худ фурӯ гирдоб.

## Вақт

Рафт агар, рафт,
Барнамегардад.
Вақт мард аст.

## Баҳор

Нест гарчи фасли Наврӯз,
Дар дили ман ҷунбиши шавқи баҳорон аст.
Чашмҳои сурхи бехобам
Лолаҳои арғувон аст.

## Шоми зангӣ

Шоми зангиям,
Ахтаронам ҳаст дандонҳои ман.

## Зинароҳ

Кӯҳзодам,
Зинароҳи кӯҳсорон
Зинароҳи қуллаи шеъри ман аст.

## Сардорзу

Сард аст ҳавои орзуям,
Барфи сари ман намешавад об.

## Ошиқ

Нест ошиқ ҳеҷ кас монанди борон бар замин,
К-аз барои бӯсае
Хешро меафканад аз осмон.

## Дарё

Бувад ду соҳили дарё
Ду мисраъ,
Мисраи воло.
Шикасти мавҷҳо рукнанд,
Ҳар рукнаш тару шево.

Ба рӯи дафтари водӣ
Нависад байти сабзи зиндагониро.

**Пешниҳод**

Боди сабо чи бод аст,
Боди бурут дорам.

**Шеъри сапед**

Бо умеде шеъри испед
Назди мо бигзошт гом.
Рӯсияҳ карданд ӯро,
Гашт бадном.

**Оҳанрабо**

Гарчи бигӯйӣ ба ман:
Қалби ту аз оҳан аст.
Ғусса махӯр, ёри ҷон,
Васли ту оҳанрабост.

**Эҳдо ба Президент Роҳнамо**

Овозаи номи ту ба ҳар бому дар аст,
Ҳар як суханат сархати садҳо асар аст.
Эй сарвари мо, доҳии фархундаи мо,
Ҳар нақшаи ту роҳнамои башар аст.

**Сайфи нур**

Бар Сангтӯда пои муборак ниҳодаӣ,
Дарвозаи сурур ба мардум кушодаӣ.
Аз сайфи нур кушта шавад деви тирагӣ,
В-ин сайфро ба миллати бедор додаӣ.

## Дигаргуна

Гарчи мехоҳем мо
Маърифат боло равад,
Бар алайҳи кулли хоҳиш
Нархи коло
Меравад боло.

## Ҳамсабақҳо

Шуморо ёд кардам, ҳамсабақҳо,
Суруд эҷод кардам, ҳамсабақҳо.

Шуморо ёд карда, хештанро
Зи ғам озод кардам, ҳамсабақҳо.

Дару девори дил, ки буд вожун,
Зи нав обод кардам, ҳамсабақҳо.

Чу фасли тирамаҳ рангам хазон буд,
Хазон бар бод кардам, ҳамсабақҳо.

Ба хоби хеш дидам чун шуморо,
Басо фарёд кардам, ҳамсабақҳо.

Худамро карда шоир, аз сари шавқ
Шуморо шод кардам, ҳамсабақҳо.

## Амвоҷвора

Чу дарёям,
Чу амвоҷам шикасте ҳаст дар қисмат.
Сарам гирдоби афкор аст.

## Бизан ангушт

Диламро санг гуфтӣ, санг,
Ки аз меҳру вафо дар он асар набвад.
Магӯ беҷо,
Агарчи санг гуфтӣ ин дили дардошноямро,
Бизан ангушт,
Ки аз ҳар тори ӯ бинюшӣ оҳанги вафоямро.

## Нашв

Ёди умри рафта кардам,
Аз самои дидаҳоям рехт
Қатраборонҳои хун бар мазраи рухсораҳоям.
Сабз шуд дар майсазори мижжаҳои ман аз он
Лолаҳои арғувон.

## Заминӣ

Шеърҳоям осмонӣ нестанд,
Ман заминӣ шеър хоҳам гуфт.

## Тобиш

Гарчи чун зангӣ
Ҳаст ранги ман сияҳ, аммо
Кард рангам зард ҳамчун заъфарон
Рӯзгори нобасомон.

## Бӯсаборон

Агар дашту даманҳоро,
Агар боғу чаманҳоро.
Мазид аз юмни борон аст,
Мазиди ҷумлаи ошиқ
Зи юмни бӯсаборон аст.

## Қалам

Эй Қалам,
Ман қалам бигрифта бар даст
Ғуссаҳоятро қалам созам.

## Шохаҳои хушки мевадор

Шохагуна
Гарчи бебарганд ангуштони модар,
Мева доранд аз дуо.

## Сангтӯда

Сангтӯда…
Тӯдаи мардони бофарҳанг,
Тӯдаи мардони бономус
Оташеро, ки ниёгон
Аз замири санг мекарданд эҳё,
Ин замон бо рӯҳи зардуштӣ
Мекунанд аз об пайдо.

## Сано

Гарчи дорам дасти кӯтаҳ,
Шукри он дорам, ки ақлам кӯр нест.

## Мӯд

Ранг кардан зард мӯро гашт мӯд,
Ҳамчунон ман мӯлабамро
Зард хоҳам кард бо дуди сигор.

## Бод

Баски ҳар чиз меравад бар бод,
Кардаам бодро ба анбон ҷо.

## Ғарқа

Коса-коса хун гиристам аз ғамат,
Ғарқ гаштӣ ту ба хуни ҳавзаи чашмони ман.
З-он ки ҷо дар ошёни дидаҳоям кардаӣ.

## Аждар

Шуд зиёд аждар,
Гир ханҷар.
Чун Таҳамтан
Зан ба фарқаш, зан!

## Алҳазар!

Хонаро рӯпӯш кардан кори хайр аст,
Алҳазар! Гар
Хонаи ҷурму гунаҳ рӯпӯш гардад.

## Ханҷар

Чун ба дастам нест ханҷар,
Аз ғазаб,
Аз кин ба душман
Мӯйҳоям сих гашта,
Дар бадан ханҷар шаванд.

## Наврӯз

Аз ту розӣ нестам, Наврӯз,
Омадиву аз қадамҳоят
Нарх дар бозор боло рафт.

## Шикасти бесадо

Бишканад чун шиша аз санг,
Медиҳад овоз, лек
Шишаи қалби ман аз санги замон
Бесадо бишкаст.

## ФАВВОРАНОМА

### Фаввора 1

Ҳамчунон як духтари қадрас,
Ки чашад аз меваи боғи арӯсӣ,
Аз ҳарири об фаввора
Пераҳан кардаст бар тан.

### Фаввора 2

Аз тамаъ, Ғаффоралӣ,
Пеши пои мардуми нокас наафт.
Аз баландӣ ҳам биафтӣ,
Ҳамчунон фаввораи об
Пеши пои худ биафт.

### Фаввора 3

Шеър гӯяд,
Шеъри обӣ.
Шеъри рӯҳафзо.
Муштарӣ
Қатра-қатра нӯши ҷон дорад ҳуруфи тозаи фаввораро.

**Фаввора 4**

Тоҷ бар сар
Мезанад фаввора ҷӯш,
Миллати тоҷик пеши дида меояд.
К-аз азал бо рӯҳи қоим
Гоҳ аз боло ба пастӣ, гоҳ аз пастӣ ба боло рафт,
Лек тоҷашро нигаҳ дошт.

**Фаввора 5**

Гарчи меафтад ба поин
Қатра- қатра оби фаввора,
Ҳамшабеҳи ориёиҳо
Боз як ҷо мешаванд,
Боз эҳё мешаванд.

**Фаввора 6**

Рӯ ба парвозанд мушакҳои обӣ,
Соҳибэъҷозанд мушакҳои обӣ.
Фатҳ месозанд осон
Бемуҳобо
Коиноти синаҳоро.

**Фаввора 7**

Ҳавз монанди тарабхона
Аз навои шодмониву фараҳ лабрез.
Пешхизмат ҳаст фаввора,
Дар кафаш лаълии симин
Пур бувад аз меваи об,
Пур бувад аз меваи ноб.

**Фаввора 8**

Хилъати испед бар тан карда фаввора,
Ҳамчу сӯфӣ бо ҳаёҳу
То кунад пайваст худро бо Худо,
Мекунад рақси само.

**Фаввора 9**

Ҳамшабеҳи ҷомаиспедон
Ғайрати фавvoраҳо дар ҷӯш.
Дар набард,
Дар шикасти лашкари гармо
Рост меистанд бо як по.

**Фаввора 10**

Бо ғурур ҳарчанд боло рафт фаввора,
Ҳеҷ донӣ ҳолаташ чун гашт?—
Зери по афтоду маҳзун гашт.

**Фаввора 11**

Ҳамчунон девоназан
Мӯйҳо паҳну парешон.
Дастҳои обияшро
Мезанад гаҳ бар замин, гаҳ осмон.
Дар хаёлам
Ӯ ҷигарбанди азизашро
Зи каф додаст андар ҷанги Гирмон.
Модари гумкардафарзанд аст фаввора.

**Фаввора 12**

Дар масири орзуҳо
Ҳар қадар фаввора меафтад зи по,
Он қадар сар мекашад боло.

**Фаввора 13**

Гарчи дар тақлиди парранда
Болу пар фаввораҳо бикшодаанд,
Боли парвозӣ надоранд,
Зери по афтодаанд.

**Фаввора 14**

Дар ҳавои ошноиҳо
Сар бурун аз як гиребонанд.
Ҳар яке бо дигаре гардида мавзун,
Ҳамрадифи савти боронанд.
Якдиливу ҳамнавоиро
Бояд аз фаввораҳо омӯхт.

**Фаввора 15**

Чун хитоберо аломат
Ҳаст фаввора.
Медиҳад ҳушдор:
Охири ҳар як париданҳои ноҷоро
Сар бувад дар хок.

**Фаввора 16**

Дар шикаст
Он қадар ҳам ҳаст нозук
Оби фаввора,
Қалби шоир аст гӯё

Мешавад аз як каломи номувофиқ
Пора-пора.

**Фаввора 17**

Ваҳ, чи рӯҳафзост
Гӯш бар афсонаҳои дилкаши фавворахо додан.
Оҳ, дилгир аст
Чун ба гӯшат мерасад афсонаҳои раҳбарон.

**Фаввора 18**

Мисли Зебо*
Рақси зебо кард фаввора.
Он қадар зебо, ки худ бар рақси худ гардида шайдо,
Об гашту бар замин рехт.

**Фаввора 19**

Гарчи гардад ёр бо одам парӣ,
Бо парии обии фавворахо
Ёр гаштам.

**Фаввора 20**

Рафтани рост арчи дар ҷода
Роҳи мақсуди ҷумла инсон аст.
Аз шикасте, ки ёфт фаввора,
Ояд ин байти Рӯдакӣ бар ёд:
«На ба охир ҳама бифарсояд,
Ҳар кӣ анҷом рост, фарсаданист».

---

* Зебо – раққосаи тоҷик Зебо Аминзода дар назар аст.

**Фаввора 21**

Ҳавз бошад саҳнаи обӣ,
Бе дирижёр
Хор мехонанд ин фавворaҳо.

**Қитъаҳо**

Сард бозори хайру эҳсон гашт,
Аз риё ҳар чӣ гармбозор аст.
Гапшунав гӯш тухми анқо шуд,
Гӯши гапношунав чи бисёр аст.

Гоҳ-гоҳе зи ман ҳамепурсанд,
Ки зи моли ҷаҳон чиҳо дорам?
Табақи холии палав донад:
Мани бечора иштиҳо дорам.

Дару деворҳои донишгоҳ
Аз каламушу мушҳо бисёр.
То наоранд бар касе осеб,
Ҳамчу нон дом бибош, эй Ғаффор.

Шеър монанди озар асту аз ӯ
Нур гирад дили шабони тор.
Озар афрӯхтан тавону вале
Шеъри Озар немашавад такрор.

Ҳар касе ки дурӯғ мегӯяд,
Нест аз маҳрамони сӯҳбати мо.
Баски кардем ростӣ пеша,
Сарфарозӣ бувад ба қисмати мо.

# ҒАЗАЛҲО

## Намеравад

Хушгил бишав, ки бӯи хуш аз гил намеравад,
Маънии хуш зи мисраи комил намеравад.
Бо ман бирав ту дар раҳи пурпечи зиндагӣ,
Фарди бузург аз пайи ҷоҳил намеравад.
Дар ҳар рагам зи ҷунбиши меҳрат ҳароратест,
Нерӯи барқ бе хати ноқил намеравад.
Покиза дор оинаи дил зи чанги кин,
Аз шиша чанг меравад, аз дил намеравад.
Киштии орзуи маро раҳбалад туӣ,
Бе раҳбалад сафина ба соҳил намеравад.
Ту донаи умед ба мурғи дилам бидеҳ,
Мурғе ки хӯрд дона, зи манзил намеравад.
Оҳуи ишқи ман ҳадафи мили чашми туст,
Оҳу зи тир мераҳад, аз мил намеравад.
Бар деги маҳфилам чу алав гармие расон,
Гармӣ равад зи нор, зи маҳфил намеравад.

## Лангари андеша

Хасу хори сари роҳам даруни ахгар андозам,
Сари савдоии худро ба пои дилбар андозам.
Нагирам домани андешаҳои пучи бебаркаш,
Чу паргоре равандамро ба даври меҳвар андозам.
Агарчи мекашам бар дӯш бори зиндагониро,
Гаҳи озурдагӣ ғамро ба дӯши модар андозам.
Чу Рустам бодпоямро зи дашти оштӣ ронда,
Ба фарқи душманони миллати худ ханҷар андозам.
Мисоли най кашам фарёд аз захми ҷудоиҳо,
Ҳарос аз шеванам дар синаи шохи тар андозам.
Занад то моҳии тилло ба тӯри орзуи ман,
Ба дарёи маонӣ ҳамчу киштӣ лангар андозам.

## Ваҳдат

Чӯби ноҳамворро сайқал дами таш медиҳад,
Дарзаи шоху шапар гармии оташ медиҳад.
Ваҳдати халқ аст аз ҳампешагию ҳамдилӣ,
Торҳои ҷӯр савту сози дилкаш медиҳад.
Хонаи дил мешавад ифлос аз буғзу ҳасад,
Чашма гилолуд бошад, ҳусни нохваш медиҳад.
Нахли Истиқлол дорад меваи якпарчагӣ,
Ҳар куҷо бегунаҳӯ санге ҳавояш медиҳад.
Бо русуми рафтагон пайванд мебояд шудан,
Рабти дандонҳои шона панди беғаш медиҳад.
Медиҳад довар баҳо бар худшиносиҳои мо,
Чун баҳои зарби тиреро камонкаш медиҳад.
15.04.2001.

## Дорам ҳанӯз

Гарчи рӯзам тор шуд, майли саҳар дорам ҳанӯз,
Аз диёри орзуҳоям гузар дорам ҳанӯз.
Кохи ваҳдатро заволе дар миён афтодааст,
Баҳри тармимаш талоше аз дигар дорам ҳанӯз.
Зоғ дорад қар-қари беҳуда арчи ин замон,
Гӯш бар оҳанги мурғи нағмагар дорам ҳанӯз.
Тешаҳо бар кундаи сарсабзи оинам заданд,
Реша дар об аст, уммеди самар дорам ҳанӯз.
Чун ғубори корвоне шуд парешон хотирам,
Бахши фатҳи қуллаи армон сафар дорам ҳанӯз.
Бар ҷабинам байтҳои чин аз он саф мекашанд,
З-он ки ман дар сар ҳавои шеъри тар дорам ҳанӯз.
7.10.1994.

## Эҳсос

Дар раҳи пурпечу хам хавфу хатар бисёр нест,
Дар бари шабзиндадоре гаҳ нишастан ор нест.
Ҳар кӣ аз рӯи ҳавас дар маҷлиси озодагон
Ҳарзабофиҳо кунад, ҷуз бадтарин рафтор нест.
Дос ҳам бо қомати чангаш даравҳо мекунад,
Қомати чанги касе аз сустии пайкор нест.
Қавм дар якҷоягӣ бар хасм меорад шикаст,
Донае ҳаргиз нишони ҳастии хирвор нест.
Корро қонуни худ ҳасту чу ҳар ноқобиле
Латтае бар сар бипечонад агар, дастор нест.
Зумрае гар ақлу виҷдонро ба савдо мезананд,
Номбардории миллат дар сари бозор нест.
Меҳнати мо мекунад бӯҳрони моро пушти сар,
В-арна ноне, ки бихоҳӣ, дар дили анбор нест.

## Доғ

Чун «Абисто» рангзард аз рӯзгоронам ҳанӯз,
Дидаи пуроб чун толоби боронам ҳанӯз.
Майсаҳои орзу ҳарчанд дорам беҳисоб,
Ман замини зиндаи дар зери бетонам ҳанӯз.
Дар азои дарду доғи беқиёси Ориё
Навҳагар чун торҳои обшоронам ҳанӯз.
Баски бо хуни шаҳидон лаъл бандад хуни ман,
Ман ҳамон як пораи лаъли Бадахшонам ҳанӯз.

## Омӯхтам

Хушхиромиву равониро зи об омӯхтам,
Бӯи мушк ангехтанро аз гулоб омӯхтам.
Банди тадбире кушоям то ба ангушти хиёл,
Зиндагиро сафҳа-сафҳа чун китоб омӯхтам.

Пучмағзиву сабуксорӣ барад бар коми марг,
Ин нукот аз дафтари умри ҳубоб омӯхтам.
Дар раҳи матлуб хӯрдам пешпо дар ҳар қадам,
Як сабақ ислоҳ аз тарки шитоб омӯхтам.
Дарси бо халқ ошноиҳову ҳам бегонагӣ
Дар дабистони фалак аз офтоб омӯхтам.

**Додрас**

Аз тароват гул ба дасти хору хас афтодааст,
Булбул аз савти гуворо дар қафас афтодааст.
Риштаҳои хандаам печида монад дар гулӯ,
Баски бори ғусса бар дӯши нафас афтодааст.
Ҳамчу гард аз гирдбоди зиндагӣ гаштӣ баланд,
Косаи шарбат ба дасти хармагас афтодааст.
Дар талоши орзу охир ҳавас аз по фитод,
Хомаи мо шеъри моро додрас афтодааст.

**Санги чаҳл**

Чун гадоён гарчи сад дар мезанем,
Таъна бар ҷоҳи Сикандар мезанем.
Аз ҳаёву шарм дур афтодаем,
Сад лагад бар шаъни модар мезанем.
Гарчи мо як зарра нуре нестем,
Айб бар хуршеди ховар мезанем.
Ҷои он ки дасти шафқат во кунем,
Тешаҳо бар нахли пурбар мезанем.
Гарчи моро ҳиммате аз сӯз нест,
Хешро паҳлӯи Озар мезанем.
Аз қафо ғур-ғур намоему зи пеш
Ҳарфи ширин пеши раҳбар мезанем.
Маст мегардему ҷурми мост, лек
Санги чаҳли худ ба соғар мезанем.
Минбари эҷодамон, ки ҳаст паст,
Хешро болои минбар мезанем.

## Хандидаам

Ҳамчу гул мардона бар хори чаман хандидаам,
Рағми душман дар дилам доғи Ватан хандидаам.
Гарчи тори ғуссаҳо дар синаам печида буд,
То саҳар монанди шамъи анҷуман хандидаам.
Хандаи дандоннамо бошад нишони аблаҳӣ,
Ман ниҳон аз чашми мардум дар сухан хандидаам.
Баски абри қисмати ман қатрае обам надод,
Чун баҳори кӯтаҳи дашту даман хандидаам.
Кай гадоро васли шоҳаншаҳ муяссар мешавад,
Бо фиғони теша ман бар Кӯҳкан хандидаам.
Шишаи табъам агар бишкаст санги рӯзгор,
Ҳамчу як оина аз зарби шикан хандидаам.

11.06.2004.

# РУБОИҲО

Ҳар шиша, ки беҷило шавад, манфур аст,
Ҳар хона, ки бесадо шавад, чун гӯр аст.
Ҷоҳил накунад ба аҳли дониш созиш,
Хаффош нигар, ки рӯзи равшан кӯр аст.

Нахле ки нагашт ғарқи ҳосил, чӣ кунам,
Мавҷе ки накард бӯса соҳил, чӣ кунам.
Сад ҳайф бар он касе ки аслаш нашинохт,
Як гом набурд роҳ то дил, чӣ кунам?!

Чун пилтачароғ сӯз дорад дили ман,
Дар зулмати хеш рӯз дорад дили ман.
Аз равғани мағзи устухони мани зор
Бин шӯълаи ҷонфурӯз дорад дили ман.

Ин мева, ки дар даҳони ту қанд бувад,
Маҳсули дарахти решапайванд бувад.
Эй тешабадаст, теша бар реша мазан,
Ҳар шоха аз он реша барӯманд бувад.

Аз зулмати шом рӯшноӣ талабам,
Аз душмани зишт ошноӣ талабам.
Хандидани навбаҳор ҷӯям ба хазон,
Паймону вафо зи бевафоӣ талабам.

Не ханҷару теғу сипарам мемонад,
Не гарди раҳи таковарам мемонад.
Чун гармии рӯзгори ман гардад сард,
Гармии сухан ба дафтарам мемонад.

Аз зиндагии паст ба ҷонем ҳанӯз,
Мӯҳтоҷ ба як луқмаи нонем ҳанӯз.
Чун пир шудем, арчи ҷавонем ҳанӯз,
Бозичаи дасти кӯдаконем ҳанӯз.

Аз шохаи хушк меваи тар талабам,
Аз нуқраи хом ҳалқаи зар талабам.
Дар фоҷиаи қабилаи тоҷбасар
Ҷурм аз кӣ гузашт, ҳукми довар талабам.

Дидӣ чу ҳама саҳву хатоям, эй гул,
Мондӣ чу ибора ҷо ба ҷоям, эй гул.
Номат, ки Муқаддас аст, аз хотири ту
Шаҳр аст муқаддас аз бароям, эй гул.

Хандӣ ту агар, чу хонаи нор биханд,
Бо дидаи пурсиришку хунбор биханд.
Дар базму тараб ханда задан осон аст,
Монандаи гул дар бағали хор биханд.

Печида ба занҷири ҳавасҳо дили ман,
Побанд ба риштаи нафасҳо дили ман.
Хуншор намуда нӯлу минқор чу боз
Дар ҷанги шикастани қафасҳо дили ман.

Ман шефтаи нигоҳи мастат бошам,
Моҳӣ шудаву асири шастат бошам.
Ту ошиқи оинаву ман ошиқи ту,
Эй кош, ки оинаи дастат бошам.

Мо зодаи кӯҳу кӯҳсонем ҳама,
Дилсоф чу чашмаҳои онем ҳама.
Дар ҷанг миёни мо парешонӣ нест,
Сад тири даруни як камонем ҳама.

Рӯзе ки таноби умри ман тофтаанд,
Дар рағзаи зиндагониам бофтаанд.
Монандаи қолин гаҳам овехтаанд,
Гаҳ чун гиламам ба хок партофтаанд.

Шаб дар лаби рӯди ашки ғам биншастам,
Моҳии тилоие назад дар шастам.
Дидам ки муроди дил муяссар нашавад,
Бар санг зада шасти тиҳӣ бишкастам.

Гар бода шавӣ, ман қадаҳат мегардам,
Дар дашти ҳавас нақши раҳат мегардам.
Имрӯз агар барқ ба дай анқоист,
Ман гарм зи барқи нигаҳат мегардам.

Доништалаб имрӯз чи бепарво аст,
Табъаш чу вазиру хеш мисли шоҳ аст,
Дафтарчаи имтиҳони ӯро бинед,
Дар дасти муаллимони донишгоҳ аст.

Он чашм манам, ки хуфту хобам надиҳанд,
Дар умр ба ғайр аз шитобам надиҳанд.
Хоҳам ки зи бодаи ҳавас нӯш кунам,
Ҷуз шишаи холии шаробам надиҳанд.

Тақлидгари Ҳофизу Бедил гаштем,
Бурдем гумон, ки шамъи маҳфил гаштем.
Ғофил, ки маониро ба монандаи тифл
Дар батни сухан бикушта қотил гаштем.

Номи ту, ки бар забон биёрам доим,
Аз даст равад сабру қарорам доим.
Ту сӯзану қартааш манам, к-аз дастат
Оҳанг зи қаъри ҷон барорам доим.

Як умр чу нахл шири борон хӯрдам,
Аз синаи абри кӯҳсорон хӯрдам.
Чун дона ба хок кишта обичаи даст,
Ман нони ҳалол ҳамчу деҳқон хӯрдам.

# ДУБАЙТИХО

Дилам аз зиндагӣ дарёи хун аст,
Бинои орзуям вожгун аст.
Агар кӯтоҳ бошад умр, ғам нест,
Ғамам аз дасткӯтоҳӣ фузун аст.

Шаберо ман ба ёдат рӯз кардам,
Фиғону нолаи дилсӯз кардам.
Шабе ки сард аз сармои дай буд,
Ба эъҷози сухан Наврӯз кардам.

Зи банди гесу, аз чоки гиребон
Сапедӣ мекунад субҳи ҷавонӣ.
Кушоям то дари қулфи дилатро,
Калиде дорам аз рангинбаёнӣ.

Пур аз обича пои оҳи ман буд,
Гиреҳи зиндагӣ дар роҳи ман буд.
Шабе, ки моҳро бигрифта буданд,
Канори ман тиҳӣ аз моҳи ман буд.

Дилам сӯзу гудози ишқ дорад,
Дилам майлу ниёзи ишқ дорад.
Раҳи ҳамвор андар ошиқӣ нест,
Дилам шебу фарози ишқ дорад.

Ҳаводори гули рӯи ту бошам,
Чу ору маст аз бӯи ту бошам.
Агар бошӣ қатори киштаи сабз,
Мисоли об дар ҷӯи ту бошам.

Дилам дар банди гесӯи ҳавасҳо,
Нигоҳам ташнаи рӯи ҳавасҳо.
Кафи пои дилам обичадор аст,
Чу умре медавад сӯи ҳавасҳо.

Нигоро, бе ту зору дардмандам,
Ба занҷири фироқат пойбандам.
Бухорову Самарқандӣ, аё гул,
Ки то имрӯз дил аз ту накандам?

Баҳор ою баҳор ою баҳор ой,
Чу фасли навҷавонӣ ғамбарор ой.
Диламро боғзор аз ишқ карда,
Мисоли оби чашма беғубор ой.

Баҳори гулбасар дорад дили ман,
Ниҳоли босамар дорад дили ман.
Барои пухтани ҳар сатри хомам
Танӯри пуршарар дорад дили ман.

Дар ин дунёи бемеҳри шитобо
Бигирам ман зи домони ҳавасҳо.
Ба чашми ашкбори хеш ҷӯям
Туро чун хандаи Устову Масто.

Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ,
Сафобахши замину осмонӣ.
Сурудатро танинадоз карда,
Бисоземат ҳамеша посбонӣ.

Нигори хушдиламро дӯст дорам,
Нигори хушгиламро дӯст дорам,
Ба дил азбаски меҳраш ҷо гирифтаст,
Аз ин рӯ ман диламро дӯст дорам.

Бимонад сурхрӯ нону танӯраш,
Ватан подор бо мардони зӯраш.
Илоҳо дур бошад аз балоҳо
Ҷаҳону офтоби пур зи нураш.

Ватан, дардат ба ҷонам ошно шуд,
Дилам бо дарду доғат ҳамсадо шуд.
Ба дард омад даме ки талхаи ман,
Ба дардам талхаҳои ту даво шуд.

Начӯӣ раҳ, наёбӣ раҳбареро,
Наёбӣ дил, наёбӣ дилбареро.
Чароғи ёди ту хомӯш гардад,
Надорӣ гар ба сина озареро.

Нигорам, гесувонат реза-реза,
Макун ҳар соате бо ман ситеза.
Чунон бо соҳирӣ бурдӣ диламро,
Зи дар ронӣ, дароям аз тиреза.

Ватан бошад агар чун сӯзание,
Барои ӯ шавам монанди сӯзан.
Ҳуруфи дӯстиву ростиро
Ба домонаш кунам гулдӯзие ман.

Нигори нозанини шӯху шангам,
Макун ҳар лаҳзае беҳуда ҷангам.
Бихоҳам симу зар резам ба поят,
Чи чора, дасти кӯтаҳ зери сангам.

Ба дунё гарчи беномем тавлид,
Тамоми ҳастиеро ном бидҳем.
Ба шири хом гарчанде бирастем,
Ба пухта хомро анҷом бидҳем.

Набошад қасрро бе поя будан,
Чаманро бе гиёҳу лола будан.
Ба якдигар ҳабибу ёрмандем,
Ки зӯрирост дар якҷоя будан.

Ба олам ҳар киро дардеву оҳ аст,
Ғуборолуда ҳам атрофи моҳ аст.
Гарон бошад зи бас бори қатора,
Варо «нолидан» аз дурии роҳ аст.

Камон, аз дасти ту осоише нест,
Зи шурби зиндагӣ як ромише нест.
Барои қатлу хуне рехтанҳо
Ба пеши қотиле хам гаштанат чист?!

Ҳавои баъди боронро парастам,
Шуои шамси рахшонро парастам.
Мани ошуфта аз дидори маҳбуб
Табассумҳои ҷононро парастам.

Ба дунё ҳар чӣ дорад рангу бӯе,
Ҳар он чӣ мекунад авҷу нумӯе.
Вале дидам сияҳдилро, ки чун об
Бувад гандида бар истодаҷӯе.

Ба васфат, эй Ватан, ашъор дорам,
Ба сина меҳри ту бисёр дорам.
Барои ҳифзи ту аз хасми малъун
Ду дида рӯзу шаб бедор дорам.

Барояш чашмаи саршор будам,
Гузаргоҳи варо гулзор будам.
Ба ёди фаҳми нозу шеваи ӯ
Сабақомӯзи ишқи ёр будам.

Ҷавонему баҳоронро парастем,
Навои чашмасоронро парастем.
Намуда зиндагии пурлатофат,
Сафои рӯзгоронро парастем.

Туро бӯям зи гулбарги ҳавасҳо,
Туро ҷӯям чу ҳар сатри Авасто.
Ба ангушти хаёли дурпарвоз
Ба ҳасрат ҳар замон кӯбам даратро.

Ба ёди рафтагон месӯзам имрӯз,
Сипандам, ҳар замон месӯзам имрӯз.
Нагардад оташи Зардушт хомӯш,
Чароғи хеш меафрӯзам имрӯз.

Ҳама аҳли ҳунар будему ҳастем,
Баҳори гулбасар будему ҳастем.
Ба дунёи вафою сулҳҷӯӣ
Чу хуршеди саҳар будему ҳастем.

Қарори қалбҳои беқарорем,
Шарори чашмҳои бешарорем.
Мадори узвҳои бемадорем,
Барори корҳои бебарорем.

Нигоҳи дилрабоятро парастам,
Лабони ғунчасоятро парастам.
Мани ошуфтаи оғӯши гармат
Канори ҷонфизоятро парастам.

Ба зоҳирбин баҳо додан нашояд,
Ки зоҳирбин на аз мардони доност.
Чунон ки кирми пилла зиштрӯ аст,
Вале абрешиме бидҳад, ки зебост.

Ба шахси дар миёни роҳмонда
Дигарҳо ёрии худро расонанд.
Чунонки мошине аз по бияфтад,
Ба мошини дигар онро кашонанд.

Бароям меҳри тобонӣ, гули ман,
Сафои рӯзгоронӣ, гули ман.
Баҳори орзуям карда хандон,
Ту оғози баҳоронӣ, гули ман.

Ба домони фарохи дилкаши хеш
Ватан баҳру ман онро рӯд ҳастам.
Набошад бе Ватан манро даме умр,
Ватан тору ман онро пуд ҳастам.

Ба гетӣ хушдилу ғамхор бошам,
Ба шодию ғами кас ёр бошам.
Наорам бори дӯшам гар ба манзил,
Ба дӯши зодгоҳам бор бошам.

Ҷавонему ба дунё шодмонем,
Давоми корвони рафтагонем.
Ба поси зиндагии бофароғат
Замину осмонро посбонем.

Миёни кӯҳ деҳам ҷо гирифтаст,
Ба қалбам умрҳо маъво гирифтаст.
Ватан азбаски з-ин ҷо ёбад оғоз,
Маро илҳоми нав боло гирифтаст.

Шуои чашмҳои рафтагонем,
Садои қалбҳои хуфтагонем.
Сафои рӯзгори бехазонем,
Давои дардҳои мардумонем.

Ватан пушту паноҳи одамон аст,
Ватан ганҷинаи ишқи ҷаҳон аст.
Ватан бо мову мо нозем бо ӯ,
Ватан хушнудии умри ҷавон аст.

Парастам нони гандумро, ки аз он
Замини умри кас бошад гулафшон.
Чу Мирзо резаи нонро гирифта,
Ба поси ҳурматаш молам ба чашмон.

Баҳори рӯзгори одамон — сулҳ,
Сафобахшандаи ҳар хонадон—сулҳ.
Парастад сулҳро ҳар сулҳҷӯе,
Замину осмонро посбон—сулҳ.

Ҷаҳони бекарон дорад дили ман,
Табу тоби ниҳон дорад дили ман.
Барои дафъи душман дар ниҳодаш
Басо тиру камон дорад дили ман.

Ду чашмам ҷониби рӯи ту бошад,
Дилам побанди гесӯи ту бошад.
Чу ору гар ҳазорон гул бибӯям,
Димоғам нарм аз бӯи ту бошад.

Надорам ҷуз вафою меҳр гуфтор,
Бихоҳам шеър гуфтан мисли Бозор.
Набошам аз пайи ғун кардани чиз,
Бибӯсам ҳамчу Лоиқ кокули ёр.

Зи ҳар гул накҳати чандон наёбӣ,
Зи ҳар ҷӯ хезаю туғён наёбӣ.
Биёбӣ дил ба дунё бешумар, лек
Зи ҳар дил оташи сӯзон наёбӣ.

Баҳори рафтаро меҷӯям имрӯз,
Гули пажмурдаро мебӯям имрӯз.
Ба уммеде, ки боз ояд баҳорам,
Гузаргоҳи варо мепӯям имрӯз.

Замини умрро сарсабз кардан—
Умеду орзуи ҳар яки мост.
Барои ҷунбиши гаҳвораи тифл
Ҳамеша саъй кардан маслаки мост.

Дило, шаҳбайти шеъри шоирон бош,
Дило, рамзи нигоҳи духтарон бош.
Ба коми хеш то гардӣ муяссар,
Дило, нерӯи дасти деҳқон бош!

Ватан дар розҳои дилбарон аст,
Ватан дар зӯрёби аскарон аст.
Ватан дар савту сози шодии мо,
Ватан дар аллаҳои модарон аст.

Нигоҳам бо нигоҳат тоб хӯрда,
Нигаҳҳо тоб чун гирдоб хӯрда.
Магар дарёи Панҷӣ, эй гули ман,
Ду чашмам аз ҷамолат об хӯрда?!

Ба роҳи шеър бошад мушкилиҳо,
Натарсида бимонам дар раҳаш по.
Чунон ки роҳи пур аз печи кӯҳӣ
Ба боло мебарад ҳар марди раҳро.

Фазои софу бегарду ғуборем,
Мисоли тозагулҳои баҳорем.
Кашида сар ба гардунҳо чу кавкаб,
Ҷаҳони ошиқиро шуълаборем.

Ҷилои ахтаронро дӯст дорам,
Вафои духтаронро дӯст дорам.
Пайи ҳифзи амонии заминам
Силоҳи аскаронро дӯст дорам.

Замин-ин ошёни халқи олам,
Замин-ин такягоҳи бахти одам.
Замин-ин қиссагӯи умри аҷдод,
Замин-ин пешвои шодию ғам.

Баҳори умрат, инсон, гулфишон бод,
Ҳавои меҳрат, инсон, зарфишон бод.
Дилат бодо пур аз ганҷи муҳаббат,
Сурудат доимо сулҳи ҷаҳон бод!

Ҷавонему муроди дил бихоҳем,
Мудом андешаи комил бихоҳем.
Илоҳо дар нагирад оташи ҷанг,
Замини умрро ҳосил бихоҳем.

Ба роҳат интизорӣ дорам имрӯз,
Ба ёдат беқарорӣ дорам имрӯз.
Мисоли кӯҳ дар роҳи муҳаббат
Басо ман бурдборӣ дорам имрӯз.

Ба ҳар нозу итобат ёр будам,
Ба ёдат то саҳар бедор будам.
Ба васфат шеъри нав эҷод карда,
Ба ишқи хеш ман подор будам.

Худоё, миллати моро нигаҳ дор,
Худоё, ваҳдати моро нигаҳ дор.
Мисоли Оли Сомон давлатам бод,
Худоё, давлати моро нигаҳ дор.

Баҳореро хазон ҳаргиз нахоҳам,
Самумеро вазон ҳаргиз нахоҳам.
Бихоҳам родмардиҳои деҳқон,
Хабисеро тавон ҳаргиз нахоҳам.

Гузорам ҷониби кӯи ту бошад,
Нигоҳам умрҳо сӯи ту бошад.
Калиди бахту иқболи баландам
Миёни ҳалқаи мӯи ту бошад.

Нигорино, туӣ фаввораи об,
Манам як моҳии побанди мурдоб.
Ҳазорон санг дорад роҳи васлат
Мисоли нақб андар кӯҳи Анзоб.

Маро бо ҳукми айём офариданд,
Маро зеби дару бом офариданд.
Кунам то ворисӣ мулки суханро,
Маро аз хоки Хайём офариданд.

Нигоҳи дилнишинатро бинозам,
Гули ханди маҳинатро бинозам.
Дами мурдан, нигори порсоям,
Ҳавои остинатро бинозам.

Баҳорон шуд, баҳорон шуд, баҳорон,
Муттар шуд гули армони ёрон.
Шаби боронию бо як навозиш
Гирифтам ман туро дар тӯри борон.

На ҳар роҳе барад бар сӯи манзил,
На ҳар мавҷе фитад бар китфи соҳил.
Дили дардошно кам дидаам, кам,
На ҳар фарде расад бар қадри оқил.

Ҳама фарзанди дунёи ҷавонем,
Қавиазму далеру қаҳрамонем.
Бурун бинмуда сар аз як гиребон,
Ба сӯи марраҳои нав равонем.

Замину ахтаронро дӯст дорам,
Баҳору духтаронро дӯст дорам.
Барои ҳифзи сулҳу шодкомӣ
Силоҳу аскаронро дӯст дорам.

Ҷавонему ҷавонему ҷавонем,
Чу дарёҳо ба саҳроҳо равонем.
Нагирад пеши роҳи мо ягон садд,
Ки мо саркаштар аз шери жаёнем.

Замин гаҳвораи мардони дунёст,
Замин сарчашмаи эъҷози дилҳост.
Замин майдони разму қаҳрамонист,
Замин сабзинқабои пиру барност.

Сароям дӯстии дӯстонро,
Сароям шодию сулҳи ҷаҳонро.
Дилам лабрези меҳру дӯстдорӣ
Сароям ишқи поки ҷовидонро.

Навои шодмонӣ дорам имрӯз,
Ҳавои зарфишонӣ дорам имрӯз.
Мисоли Панҷ карда шӯру туғён,
Ба ҳар мавҷам ҷавонӣ дорам имрӯз.

Баҳор аз ишқ мехоҳам ҳамеша,
Мадор аз ишқ мехоҳам ҳамеша.
Барои гуфтани ҳар байти тоза
Барор аз ишқ мехоҳам ҳамеша.

Шароби ишқи ту дар ҷом кардам,
Шаби тӯят ба ту инъом кардам.
Гумон кардам, ки мастат мекунад ишқ,
Худоё, чӣ хаёли хом кардам.

Ҷавонӣ буду бо шӯри ҷавонӣ
Туро чун орзу дарёфтам, гул.
Барои васфи ту дар дафтари шеър
Чу мӯят қиссаҳое бофтам, гул.

Яке кибру ғуруре пеша дорад,
Яке бадгӯие андеша дорад.
Вале дар боғзори синаи ман
Дарахти некрой реша дорад.

Лаби дарё чи хушбоду ҳавоест,
Дили дарё чу тори пурнавоест.
Ба чашми ақл агар онро бубинӣ,
Чи шӯре дар миёни мавҷҳоест.

Ба номи нек аз дунё равонам,
Чу аҷдоди худам ки бонишонам.
Ба вақти пириям бо қомати хам
Ба душман зарбазан мисли камонам.

Вафои духтарон бодо ҳамеша,
Навои шоирон бодо ҳамеша.
Барои роҳи бехавфи писарҳо
Дуои модарон бодо ҳамеша.

Ба ёди ту дили ман мезанад гум,
Хаёлӣ бингарам то моҳу анҷум.
Рухи гандумнамоятро чу дидам,
Чу мурғи гушнаам дар фикри гандум.

Баҳори дилкушо дорад дили ман,
Суруди ҷонфизо дорад дили ман.
Ватан обу гиламро хуш сириштаст,
Замини босахо дорад дили ман.

Барои тангдилҳо даҳр танг аст,
Барои кӯрақлон шиша санг аст.
Барои хомтабъон шаҳд бас талх,
Барои бетифоқон умр ҷанг аст.

Рубоби умри мо пурҷӯртар бод,
Сутуни умри мо пурзӯртар бод.
Ба нури офтоби сулҳ ҳар дам
Самои умри мо пурнуртар бод!

Парастам нони гандумро ҳамеша,
Нишоту ризқи мардумро ҳамеша.
Ба роҳи рост гардида нишона,
Бигирам дасти раҳгумро хамеша.

Зи устодон наранҷам ҳеҷ гоҳе,
Чу эроде ба ашъорам бигиранд.
Манам он навниҳоли ғавдали боғ,
Ки шохи хушку беборам бигиранд.

Табассум карданатро дӯст дорам,
Такаллум карданатро дӯст дорам.
Ба ман меҳру вафоро карда ҳадя,
Тараҳҳум карданатро дӯст дорам.

Баҳори оламороро парастам,
Хурӯши мавҷи дарёро парастам.
Барои зиндагии некмардон
Силоҳи сулҳи дунёро парастам.

Чу кӯҳе пурсахоӣ, эй диёрам,
Чароғи бахти моӣ, эй диёрам.
Ба ин паҳноиву бо ин бузургӣ
Даруни сина ҷоӣ, эй диёрам.

Ба ёди дӯстдорам сӯзам имшаб,
Чароғи ишқи худ афрӯзам имшаб.
Само, ки ахтаристонест, бар он
Ба уммеде нигоҳам дӯзам имшаб.

Чу дарё беқарорӣ, эй дил, эй дил,
Хамӯшие надорӣ, эй дил, эй дил.
Ҳамекӯбӣ дари кошонаатро
Чу мушти обдоре, эй дил, эй дил.

Ба сина шодию ташвиш дорем,
Мисоли рӯд ҷӯши беш дорем.
Барои ёри ҷонӣ нӯши доим,
Барои хасми малъун неш дорем.

Ҷаҳони бекароне дорӣ, эй дил,
Навои дилситоне дорӣ, эй дил.
Зи анфоси баҳори тозаи ишқ
Замини гулфишоне дорӣ, эй дил.

Ман аз ишқи ту зору нотавонам,
Ҳазорон захмҳо бошад ба ҷонам.
Ҳазорон корро тадбир бошад,
Вале тадбири ишқатро надонам.

На шаъну шӯҳрати Доро парастам,
На молу давлати дунё парастам.
Агар хоҳӣ шунидан арзу розам,
Нишоту сулҳи мардумро парастам.

Ватан, субҳи ҳаёти мо туӣ, ту,
Ватан, кохи суботи мо туӣ, ту.
Дар оғӯшат кунад гул нахли ханда,
Ватан, боғи нишоти мо туӣ, ту.

Шабе аз шуълаи чашмони мастат
Нахуст омӯхтам афрӯхтанро.
Маро дар оташи ишқат чунон сӯз,
Ки донад устухонам сӯхтанро.

Чу дарё беқарорӣ гар, ташаккур,
Чу шоҳин бурдборӣ гар, ташаккур.
Барои ҳифзи хоки ин диёрат
Чу аскар пос дорӣ гар, ташаккур.

Ҷавонам, орзуҳоям ҷавон аст,
Ки бошам шуълаи чашми сиёҳе.
Ба бедардон нагӯям дарди худро,
Зи нокасҳо наҷӯям ошноӣ.

Нахоҳам дид ман нодиданатро,
Басе дурӣ зи ман бигзиданатро.
Бихоҳам чун насими навбаҳорон
Ба чанги хеш гирам доманатро.

Баҳорон бошаду гулҳо шукуфон,
Табиат тозарӯ мисли арӯсон.
Канорат бӯстони дилкушое,
Ду рухсорат гули уммеду армон.

Ба рӯи ҳайкали гумном аскар
Сараш хам беди маҷнун баргрезон.
Чу модар ашкрезон аст гӯё
Ба ёди аскари дар ҷанг қурбон.

Ба ҳифзат, эй Ватан, омода ҳастам,
Ба сангу хори ту дилдода ҳастам.
Набуд озодиям, гар ту набудӣ,
Ту ҳастӣ, ки чунин озода ҳастам.

Чи сӯзу созҳо дорад дили ман,
Чи рангу борҳо андар гили ман.
Гаҳе дил бишканандам, гаҳ навозанд,
Чи бурду бохтҳо дар маҳфили ман.

Бидон як умр ҳадди хеш, эй дил,
Азизонро макун дилреш, эй дил.
Агар берун равӣ аз роҳи ёрӣ,
Ба поят мехалад сад неш, эй дил.

Зи ҳазёнпораҳо дурр суфтанам беҳ,
Пайи пои бадонро рӯфтанам беҳ.
Касе занҷири ваҳдатро ҷудо кард,
Сараш бо гурзи қонун кӯфтанам беҳ.

Ҳавои кӯҳсорӣ, эй сурудам,
Навои обшорӣ, эй сурудам.

Фазои беғуборӣ, эй сурудам,
Садои рӯзгорӣ, эй сурудам.

Агарчи дар назар дарёст ором,
Вале андар ниҳодаш печутоб аст.
Зи ҷонбозии мавҷаш дарк кардам,
Даруни синааш сад инқилоб аст.

Туӣ дарвозаи бахту муродам,
Туӣ дарёи лабрези нишотам.
Маро додӣ ҳаёти шуълаафрӯз,
Туӣ истораи роҳи ҳаётам.

Шуои шамси тобон бештар бод,
Вафои дилбари ҷон бештар бод.
Бувад то даҳрро файзу сахое,
Сахои марди деҳқон бештар бод!

Адои духтаронро мепарастам,
Нидои духтаронро мепарастам.
Мани ошуфтаи ишқу муҳаббат
Вафои духтаронро мепарастам.

Маро ту хира мисли пашша гуфтӣ,
Чи хуш гуфтӣ, бигардам аз забонат.
Лабонат баски чун шаҳд аст ширин,
Манам он пашшаи гирди лабонат.

Ману як умр он ҳусни расоят,
Ману як умр он нозу адоят.
Ману як умр он дилдории ту,
Ману як умр он меҳру вафоят.

Сабақ омӯзам аз ҳар фарди доно,
Таҳаммулро зи ҳар кӯҳи тавоно.
Хаёле мекунам то осмонҳо,
Ки донам дар замин кӣ буданамро.

Мусофирҳои роҳи орзуем,
Ҷавони наврасему комҷӯем.
Вафову меҳр моро тӯшаи роҳ,
Ғубору чанги дунёро бишӯем.

Умеду орзуи ман туӣ, ту,
Ҷаҳони ҷустуҷӯи ман туӣ, ту.
Барои равнақи фардои назмам
Мудом ашъоргӯи ман туӣ, ту.

Аё дарё, хушовоӣ, хушово,
Талотумҳо ҳамезоӣ саропо.
Миёни ҳалқаи занҷири обат
Муаммоӣ, муаммоӣ, муаммо.

Агарчанде ки бишкастӣ замирам,
Вале дил аз ту асло барнагирам.
Ба сони сабзаи болои боме
Барои қатри борон ман бимирам.

Замину осмонро мепарастам,
Баҳору бӯстонро мепарастам.
Ба серӣ карда шукрона ҳамеша,
Чунин давру замонро мепарастам.

Баҳори кӯҳсоронро сароям,
Ҳавои обшоронро сароям.
Даруни синаам оҳанги шодӣ
Суруди ишқбозонро сароям.

Шино карда ба дарёи хаёлот,
Расонам хешро бар соҳили он.
Мабод он рӯз дарё хушк гардад,
Ки монам дар миёни роҳ сарсон.

Ба пешат омадам бо беқарорӣ,
Бигуфтам арзу рози бешуморе.
Магар он чӯби барқи рӯи роҳӣ,
Ки оташ дориву гармӣ надорӣ.

Баҳори бехазонро мепарастам,
Нигоҳи духтаронро мепарастам.
Мани дилдодаи сулҳу амонӣ
Амонии ҷаҳонро мепарастам.

Чароғи роҳи халқи сулҳҷӯем,
Суруди сулҳи дунёро бигӯем.
Чу гулҳои баҳори пурлатофат
Ба гулзори вафодорӣ бирӯем.

Бувад азбаски сӯзи ишқ ёрам,
Ба дилбар арзу розе ҳаст манро.
Зи тори нозҳову шеваи ӯ
Гуворо савту созе ҳаст манро.

Парастам лолаи сурхи чаманро,
Ки дил як умр онро мепазирад.
Ба худ он сурхие, ки лола дорост,
Зи хуни родмардон ранг гирад.

Самои бекарон пур аз шарар бод,
Замини гулфишон дур аз хатар бод.
Баёзи умри мо ин фард дорад:
Ҳаёти одамон беҳ аз шакар бод!

Гули берангу бӯе гул набошад,
Дили бесӯзу созе дил набошад.
Ба инсон худшиносӣ бод умре,
Каси худношинос оқил набошад.

Дилам гӯяд, ки аз ин хона бигрез,
Ватан, меҳри ту бандад дасту поям.
Ба мисли чашм мечархам шабу рӯз,
Вале аз хонаам берун наоям.

Ба гармӣ ҳамчунон хуршед бошем,
Ба сарпастӣ чу маҷнунбед бошем.
Ба оиндорӣ аз Ҷамшед дарсе,
Ба зӯр аз Рустам ибратчид бошем.

Ватан, зӯри дили пиру ҷавон аст,
Ватан барқи нигоҳи ошиқон аст.
Ватанро аз дилу ҷон мепарастам,
Ки аз умри падарҳо бас нишон аст.

Хато кардам ба ту дил додам, эй гул,
Ба роҳи ошиқӣ афтодам, эй гул.
Агарчи хок пошидӣ ба рӯям,
Ду дида сӯи ту бикшодам, эй гул.

Надорам дӯстӣ бо шахси бадхоҳ,
Нанӯшам оби ҳавзи рӯи раҳро.
Ба санге бархӯрад поям, натарсам,
Вале тарсам бувад аз санги дилҳо.

Нигоҳам аз нигоҳат ранг гирад,
Рубоби табъи ман оҳанг гирад.
Магар шаст аст он гесӯи чангат,
Дилам чун моҳие бар чанг гирад.

# ҒАМБОДА

## Мадсабур

*(Ба ёди шаҳиди роҳи озодӣ, полковник*
*Мадсабур Сатторов)*

Номбардори Аҷам буд байни ёрон Мадсабур,
Баҳри миллат рехт ашке мисли борон Мадсабур.
Шамъи ваҳдатро фурӯзон карда дар бурҷи дилаш,
Гирд меовард бас қавми парешон Мадсабур.
Ҳамчунон як меваи пухта фитод аз шохсор,
Дар самои умр шуд барқи дурахшон Мадсабур.
Шишаи номусро аз пора гаштан кард ҳифз,
Ҷуръаҳо мекард нӯш аз соғари ҷон Мадсабур.
Чун гиёҳи ташналаб аз боди сӯзон гашта хушк,
Бурд бо худ орзую ишқу армон Мадсабур.
Чун гули вартоҷ меовард рӯ бар шеди ҳақ,
Буд дар роҳи адолат теғи исён Мадсабур.
Дар баёзи родмардӣ шоҳбайти хоса буд,
Канда шуд мисли варақ аз банди девон Мадсабур.
Сӯхт ҳамчун кундаи тар аз ғаму дарди Ватан,
Бо Ватан ҳамдард буд чун сарбадорон Мадсабур.
Мисли тири аз камон ҷаста фиканда ғулғула,
Монд аз худ дуди оҳу вои печон Мадсабур.

*1.07.2000.*

## Хоҳиш

*(Катибае барои сари санги мазори*
*писарам Солеҳҷон)*

Гандумирангам, ба зери хок пинҳон гаштаӣ,
Мехӯрам хуни ҷигар, кай майсавор бурун оӣ?

*18.04.1994.*

## Донаи сарпеч

(*Навҳаи бобои Латиф дар вафоти писари ҷавонмаргаш Ҳафиз)*

Сӯхт барқи гузарат мазрааи сабзи равон,
Ончунон оташаки тез, ки сӯзад каҳу дон.
Шуълаи чашм будиву зи назар дур шудӣ,
Тор дунё ба нигоҳам масали гӯр шудӣ.
Кафтари бахт ба теғи аламам пора кунам,
Бо ҳама чора ғаматро натавон чора кунам.
Ту зи ман рафтаву бо марг ҳамоғӯш шудӣ,
Ғоиб аз пеши падар ҳамчу Сиёвуш шудӣ.
Ҷоми шодиву сурур аз кафам афтоду шикаст,
Чуғд омад, ба лаби боми муродам бинишаст.
Мисли он донаи норустаи сарпеч манам,
Бе тамошои ҷамоли ту кунун ҳеҷ манам.
Луқма ҳам талхтар аз талха бувад дар даҳанам,
Ҷунбиши набз шуда раъшаи пиронатанам.
Осмон гашт пуру бар сари бечораи ман,
Натавон дӯхт касе синаи садпораи ман.
Мисли як донаи норустаи сарпеч шудам,
Бе ту, эй ҳосили гумгаштаи ман, ҳеҷ шудам.

*17.04.2000.*

## Пинҳоншавак

*(Ба ёди ҷӯраи бачагиям Абдуҳалим)*

Борҳо дар бозии пинҳоншавак пайдо шудӣ,
Лек ҳоло ҷовидон ғоиб зи чашми мо шудӣ.
Алвидоъ, эй ҷӯраи даври шубобам, алвидоъ,
Алвидоъ, эй ҷӯраи ҳозирҷавобам, алвидоъ.

*25.12.1990.*

## Тирамоҳи умр

*(Ба ёди додарам Раҷабалӣ)*

Ҳамчу ҷинбод, ки ба талвоса
Дар лаби ғор мезанад раҳгум.
Аз ғаму ғуссаат дилам хун аст,
Гираҳи корро намудам гум.

Чашмҳоям чу ахтарон бедор,
Тори завқу сурури ман ноҷӯр.
Ба умеде ки аз дарам ойӣ,
Нақши пои туро накардам кӯр.

Тирамоҳ асту рангҳои зард,
Он чӣ сарсабз буд, барбод аст.
Зери по баргҳои пажмурда
Аз хазонии умри ту ёд аст.

Зану фарзандҳот ошуфта,
Дару деворҳои ту нолон.
Он чароғам, ки шишаам бишкаст,
Дуди оҳам хазид бар долон.

*12.11.1997.*

## Назири беназир

*/Дар ёдбуди Назирмадов Назир)*

Назирӣ ту, назират ҳаст дар дорулбақо, аммо
Назири ҷон, назират нест дар дорулфано, афсӯс.

*15.12.2010.*

## Марҷони ашк

*(Аз забони момои Бибӣ дар вафоти писари ҷавонмаргаш Азиз)*

Гарчи ҷон бар одамӣ бошад азиз,
Буд азиз аз ҷавҳари ҷонам Азиз.
Ҳар даме дар риштаи фикру хаёл
Мекунам марҷони ашкамро қатор.
Дар азояш шоми мотампӯш ман,
Мекашам бори ғамаш бар дӯш ман.
Мешавам баҳри Азиз обу адо,
Чун найи холӣ кунам фарёдҳо.
Баски бошад ёди васлаш чун саҳоб,
Косаи чашмам пур аз об аст, об.
Канда шуд хиште зи девори дилам,
Кушта шуд шамъе зи бурҷи маҳфилам.
Мурғи хоб аз хонаи чашмам гурехт,
Элаки тақдир хокамро бибехт.
Бе ту ҳастам бесару бепо, Азиз,
Во Азизам, во Азизам, во Азиз.

*8.12.1999.*

## Лолаи пушти мазор
*(Навҳаи модар дар марги ҷигарбандаш Эраҷ)*

Шуълае бар чашми ман буд Эраҷам, аз дида рафт,
Аз гулистони муродаш як гуле ночида рафт.
Тахти шоҳиро ба ёри хушдилаш нодида рафт,
Селборонҳо барин як рехту шорида рафт.

Дар намуди бел аҷал ӯро гиребонгир шуд,
Нахли умри кӯтаҳаш андар ҷавонӣ пир шуд.
Печутоби зинлагӣ дар гарданаш занҷир шуд,
Қомати ман шуд камону баччаи ман тир шуд.

Модари шабзиндадоре дар фироқи Эраҷам,
Навҳаи обичадоре дар фироқи Эраҷам.
Узви берӯҳу мадоре дар фироқи Эраҷам,
Лолаи пушти мазоре дар фироқи Эраҷам.

*3.04.2002.*

## Дод аз дасти аҷал
*(Дар марги писарам Солеҳҷон)*

Хез аз хобат, писарҷонам, бихез аз хоб, хез,
Дар замини умр райҳонам, бихез аз хоб, хез.
Н-оядат раҳме ба чашмони тарам, эй нозанин,
Эй табиби дарди ҳиҷронам, бихез аз хоб, хез.

Шиддати нерӯи барқ аз ҷавшани ҷонат гузашт,
Норасида меваи уммеду армонат гузашт.
Чӯҷаи навбол будӣ, рӯбаҳи маргат рабуд,
Печиши дарду ғамам аз мӯи печонат гузашт.

Маслиҳат асло набуд ин ки равӣ дорулбақо,
Хонаи ободи манро ту кунӣ мотамсаро,
Дар хаёлам хомаам васфи туро хоҳад суруд,
Во дареғо, мечакад аз хомаам хуни ҳино.

Гуфта будам, ки шавӣ тобутбардори падар,
Дар набарди зиндагиям ёру ғамхори падар.
То ту будӣ тори дил пур аз навои бахт буд,
Кам садо додӣ бароям, захмаи тори падар.

Нусхае аз асли ман будию рафтӣ з-ин ҷаҳон,
Шеърҳоямро ту мехондӣ ба назди дӯстон.
Аз тафохур то ба гардунҳо ҳамесудӣ сарам,
Сардие дар маҳфилам ҳаргиз намеомад аён.

Дод аз дасти аҷал, сад дод аз дасти аҷал,
Мекунам фарёду ҳам фарёд аз дасти аҷал.
Ғунчаҳои орзуям аз тароват монд, монд,
Ҷумла шуд якборагӣ барбод аз дасти аҷал.

Хез аз хобат, писарҷонам, бихез аз хоб, хез,
Дар замини умр райҳонам, бихез аз хоб, хез.
Н-оядат раҳме ба чашмони тарам, эй нозанин,
Эй табиби дарди ҳиҷронам, бихез аз хоб, хез.

*17.04.1992.*

## Сайёрае рафт

*(Нолаи апаи Рӯзигул дар вафоти духтари ғӯрамаргаш Сайёра)*

Аз осмони бахтам
Канда Сайёрае рафт.
Як рӯшноӣ доду
Худ чун шарорае рафт.

Парвонаам, ки сӯзам
Бо ёди шамъи рӯяш.
Рӯзам сиёҳ гардид
Чун тирагии мӯяш.

Пардоз дода худро
Чун як арӯси хушрӯ.
Шишта ба аспи чӯбӣ,
Омодаи сафар ӯ.

Дар оташи фироқаш
Ҷонам кабоб имрӯз.
Дар шохи мижжаҳоям
Ку мурғи хоб имрӯз?!

Бемисл духтаре буд
Рӯҳу равони оча.
Ҳам шеърхону гапдон,
Ҳам хонабони оча.

Бишкаст қомати ман,
Хам зад миёни ота.
Бигсехт боби маънӣ
Аз достони ота.

Чун бо қатораи вақт
Рӯзи сияҳ сафар кард.
Хушеди ёди васлаш
Шоми маро саҳар кард.

Аз осмони бахтам
Канда Сайёрае рафт.
Як рӯшноӣ доду
Худ чун шарорае рафт.

*6.08.2000.*

## Моҳбегим

*(Навҳаи дӯстам Салим дар вафоти завҷааш)*

Моҳбегим, ҳамчу шамъе дар ғами ту сӯхтам,
Шуълаи ёди туро дар синаам афрӯхтам.
Рози пинҳони диламро фош созам бо дутор,
Ончунон ки об ҷӯшад, беқарорам, беқарор.
Мепарад мурғи хаёлам дар ҳавои диданат,
Бар димоғам мерасад бӯи хуши пироҳанат.
Мондаӣ танҳо марову рафтаӣ дорулбақо,
Бе туам имрӯз чун сатри пур аз саҳву хато.
Хонаам бе ту мисоли деги бесарпӯш монд,
Чашмаи бахту сурурам ногаҳон аз ҷӯш монд.
Аз самои дидаам як ахтари масъуд рафт,
Аз танӯри пайкарам оҳу фиғон чун дуд рафт.
Сабзаи доғат дамад, эй Моҳбегим, бар ҷигар,
Мекунам бо сӯзи ту шабзиндадорӣ то саҳар.
Нестам аз ту ҷудо, аз ту ҷудо. эй Моҳи ман,
Лолаи ҳаҷри ту рӯяд дар замини оҳи ман.

15.01.2001.

## Шоми мотампӯш

*(Тасаллияте барои дӯстам Миралӣ дар вафоти фарзандаш Шерафкан)*

Аз шикастат, шохи армони падар,
То фалакҳо рафт афғони падар.
Аз саҳоби дида борон рехтам,
Хешро аз нӯги мижгон рехтам.
Хонаи дил лонаи занбӯр шуд,
Гӯриҳои ман даруни гӯр шуд.
Чашмасори шавқи ман беҷӯш гашт,
Бомдодам шоми мотампӯш гашт.

16.06.2002.

# ПОРАҲО АЗ ҲАҶВ

## Мӯрак бошад—е!...

Усуни дарё беқарор,
Эсуни дарё беқарор.
Бар осмон дакка зад
Нарху навои бозор.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё ҳезум не,
Эсуни дарё ҳезум не.
Ҷангала ғорат карданд,
Инсофи ин мардум не.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё парванда,
Эсуни дарё парванда.
Қирон ояд ба тухми
Ҳар маводи тарканда.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё овоза,
Эсуни дарё овоза.
Агар кораш фармойӣ,
Танбал кашад хамёза.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё хунёгар,
Эсуни дарё хунёгар.
Надорад асло серӣ
Чашми танги савдогар.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё кашокаш,
Эсуни дарё кашокаш.
Героина номаш гум
Аз ин ҷо то Марокаш.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё хушпалак,
Эсуни дарё хушпалак.
Деҳқон мекунад меҳнат,
Раис мехӯрад арақ.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё хандоханд,
Эсуни дарё хандоханд.
Мактаб надорад барқу
Компютар мехоҳанд.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё пурмағал,
Эсуни дарё пурмағал.
Соҳиби ҳар чӣ шудаст
Хоб бинад камбағал.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё бекорӣ,
Эсуни дарё бекорӣ.
Мардон Русия рафтанд,
Занҳо дар интизорӣ.
Соли нав мӯрак бошад—е!

Усуни дарё Соли нав,
Эсуни дарё Соли нав.
Баҳри шумо хоҳонем
Сериву амволи нав.
Соли нав мӯрак бошад—е!

## Лаққӣ

Вақти бозаргонӣ аст,
Айёми гапдонӣ аст.
Лаққӣ ҳам савдо дорад,
Медонӣ, чиҳо дорад?
Бо як ҷӯшу хурӯше
Мекунад гапфурӯшӣ.

## Илоҷ

Гарчи сиёҳрангам,
Тағйири ранг душвор.
Будаст лек роҳаш
Дар нархҳои бозор.

## Қитъа

Гоҳ-гоҳе зи ман ҳамепурсанд,
Ки зи моли ҷаҳон чиҳо дорам?
Табақи холии палав донад:
Мани бечора иштиҳо дорам.

## Ҳасрат

Сад дареғо, мансаби бо ҷон қаринам рафт, рафт,
Обрӯю қадри то чархи баринам рафт, рафт.
Дар ҳавои орзуҳоям чу шоҳин будаам,
Чун Сулаймони замон тахту нигинам рафт, рафт.
Мевазидам гоҳ мисли тундбоде ҳар тараф,
Қувваи сарпанҷаи зӯри матинам рафт, рафт.
Як дарахти соявар будам барои дӯстон,
Чаппа гашта решаҳои оҳанинам рафт, рафт.

Чашмаи дар ҷӯш будам вақти гуфтору сухан,
Нутқи пур аз қарсаки шӯрофаринам рафт, рафт.
Аз саҳар то шом буд мошинсаворӣ кори ман,
Рӯзҳои дар шитоби беҳтаринам рафт, рафт.
Ҷуръати бар рӯи ман теғи нигаҳ кардан набуд,
Тиру шамшери ғурури дар каминам рафт, рафт.
Оқибат шарманда гардидам миёни ому хос,
Тоҷи мансаб аз сари бологузинам рафт, рафт.

## Қиссаи як шаб

*(Нимшӯхиву нимҷиддӣ)*

Рӯзе ману Адбулло
Торикшаб шуда ҳамроҳ
Ба хонамон мерафтем,
Чаққон-чаққон мерафтем.
Ногоҳ аз ким-куҷое
Як саги баднамое.
Ба сӯи ман ҳамла кард,
Ба Абдулло ӯ накард.
Лесид дасти Абдулло,
Думликонӣ кард ӯро.
Оё медонӣ, чӣ сон
Саг ба ӯ шуд меҳрубон?
Ҳайрон нагардӣ асло,
Ин ҷост як муаммо.
Абдулло пурсавғо аст,
Қаровули райпо аст.

## Чизи даркорӣ

Як чиз будам харидор,
Дина рафтам ба бозор.
Савдогар, ки маро дид,
Дар куртааш нағунҷид.
Ину онро нишон дод,
«Хуш омадӣ»—гуфт устод.
Акнун сӯматро барор,
Аз пешам накун фирор.
Ман ҳамаи чиз дорам,
То каҳу қумиз дорам.
Нарху навошон баланд,
Вале онҳо меарзанд.
Гуфтам:—Чизи даркорӣ
Афсӯс, ки надорӣ.
Рангу рӯи савдогар
Беҷо шуду аз дигар
Гуфто, ки:—Чӣ надорам,
Бигӯ, онро биёрам!?
Гуфтам, ки чун деви Қоф
Надорӣ адлу инсоф.

## Гумон набаред

*(Назира ба шеъри устод М. Миршакар)*

Гумон набаред,
Ки ҳушёр астам.
Ана мебинед
Шиша дар дастам.

Бо ин шишаам
Ғамро мерӯбам.
Касе пеш ояд,
Ӯро мекӯбам.

Бо пули դуздӣ
Давам ба бозор.
Бинӯшам арақ,
Ғуррам бабарвор.

Вақти занозан
Ҷоғи ман шикаст.
Аз одати бад
Афтодам ба даст.

Бовар накунед,
Аз пулис пурсед.
Парванда бикшод,
Манро ҷазо дод.

**Мӯҳмала**

Зи бод омадаму мисрае задам бар каф,
Дар осмони дарахтон ғазал навишт алаф.
Биё, биё, ки дар он ҷо баҳор хӯрд туро,
Агар наоӣ, кабӯтар шавад даруни садаф.
Чи мурдаҳо, ки ба девори шом сабз шуда,
Чунон ки хоки сияҳ ёфт аз виқор талаф.
Наметавон ҳама ҷо галстуки дарё шуд,
Чу моҳиён, ки бигиранд таблакони салаф.
Касе ки маънии ин шеърро кунад пайдо,
Бувад бузургтарин одамӣ ба даври халаф.

**Шеъри ҷогаҳӣ**

—Шеъри ҷогаҳӣ дорам,
Ҳозир мехонам ҳамон.
—Шеърат ҷогаҳӣ бошад,
Даруни ҷогаҳ бихон.

## Таронаи хар

Як замон, эй одамон,
Ароба мекашидам.
Ин замон аробаро
Ба одамон бахшидам.

## Зери чанг астем мо

*(Арзи тракторҳои вайрона)*

Инженеро, то ба кай дар зери чанг астем мо,
Бо дили озурда умре зардранг астем мо.

Рӯзи аввал омадан моро гирифтӣ пешвоз,
Пас ту бепарво шудӣ, дар ҳоли танг астем мо.

Аз дилу пою ҷигар пурсӣ, набошад дар бадан,
Хоб зери осмон чун товасанг астем мо.

Лек аз минбар бигӯӣ: «Техника мушкилкушост»,
Аз чунин гуфтору рафторат гаранг астем мо.

Барфу борон дар зимистон рӯямон чун барг рехт,
Вақти гармо дар паноҳи чатри занг астем мо.

Ҳар касе бар сӯи мо бо ҳайрате дорад назар,
Гӯӣ аз рӯзи азал рӯбоҳи ланг астем мо.

Як замон бар ҷои садҳо одамон кардем кор,
Шод буд деҳқон, ки пурқудрат чу танк астем мо.

Қисмҳои рафтаро гар бозгардонӣ, зи нав
Баҳри авҷи корҳо дорои нанг астем мо!

## «Мерган»

*(Мазмун аз латифаи халқӣ)*

Шабе аз шабҳои тор
Як дузди зӯри айёр
Дар ҳавлии Афандӣ,
Дар як ҷои баландӣ.
Наҷунбида меистод,
Афандӣ кард фарёд:
—Занак, камонро биёр,
То нагурезад айёр.
Зан камон оварда дод,
Афандӣ тир бикшод.
Дузд фитод аз пояш,
Мурда бишуд дар ҷояш.
Афандӣ шоду хушҳол
Муоина кард аҳвол.
«Дузд»-е, ки чун мурда шуд,
Ҷомаи шустааш буд.
Афандӣ ба зан гуфто:
—Эй зан, шукрона намо.
Ки бо чунин ҳангома
Будам агар ба ҷома,
Ҷудо мегаштӣ аз шӯ,
Мемурд Афандии ту.

## Забонгумкарда

Агарчи ӯ табиби мардумон аст,
Табобат мекунад дарди ҳар инсон.
Забони модариаш гум намудаст,
Варо бояд табобат кард, ёрон.

## Мудири сар-сарӣ

Турфа кору бор дорад ин мудир,
Сар-сарӣ рафтор дорад ин мудир.
Бо ду-се ҳамкосаи худ рӯзу шаб
Кайфаки бисёр дорад ин мудир.
Дар утоқаш кай ту мебинӣ варо,
Сайри ҳар бозор дорад ин мудир.
Гар касеро айб ёронаш кунанд,
Часпиши чун хор дорад ин мудир.
Аз фиребу фитнаҳои нав ба нав
Ҳамчу ғундал тор дорад ин мудир.
То набинад рӯи корафтодае,
Рӯй бар девор дорад ин мудир.
Аз забонаш дар сухан борида заҳр,
Табъу феъли мор дорад ин мудир.
Гар биёӣ баҳри коре назди ӯ,
Аз шунидан ор дорад ин мудир.
Пишакашро «пишт» гуфтан норавост,
Пуштибон-ғамхор дорад ин мудир.

## Шикояти говҳо

*(Аз забони говҳои безабон)*

Эй мудирҷон, рангу рӯи мо хазон чун коҳ шуд,
Ҳар яке аз насламон дар зиндагӣ гумроҳ шуд.
Коҳу беда мисли андоми ту шуд бас камнамо,
Кай ту мегирӣ хабар аз зиндагию ҳоли мо?
Чун ба вақти каҳдарав бошӣ канори Ховалинг,
Мекунӣ роҳат ба зери чилчанори Ховалинг.
Тоқиатро монда каҷ бо ҷӯраҳо сӯҳбат кунӣ,
Гардани мо каҷ бувад ин ҷою ту савлат кунӣ.
Бештар аз шири модар шири моро хӯрдаӣ,
Лек чун фарзанди ношуд ҷони мо озурдаӣ.
Чорасози ҳоли мо гар ту нагардӣ, эй мудир,
Рӯзгори ту шавад рӯзе чу ҳоли мо ҷазир.

## Моҳона

Моҳона, эй моҳона,
Қимати ту шоҳона.
Номи хушат дар забон,
Бар тани мурдаӣ ҷон.
Мо ҳаводори туем,
Чашминтизори туем.
Чун саховати доро
Чаро шудӣ камнамо?!
Биё боре наздамон,
Ба кисаҳо шав меҳмон.
Хонаҳо бе ту сарданд,
Бе ту чеҳраҳо зарданд.
Гарчи туӣ моҳона,
Соле биёӣ ё на.

## Танзим

*(Тақлиде ба мардум)*

Меган замин кам шидай,
Ду дида пърнам шидай.
Намедонъм чун кънъм,
Ғамома берун кънъм.
Хӯрданӣ бисёр шава,
Ҷебакъм пулдор шава.
Ҳар кӣ раисъм бъга,
На, ки саисъм бъга.
Бо ҳамӣ андешаҳо,
Фикри патакрешаҳо.
Танзим оила кардъм,
Бе макру ҳила кардъм.
Занма ай хона рондъм,
Дар хона танҳо мондъм.

# ЭПИГРАММАҲО

## Ҳофизтарош

Хост ки машҳур бошад байни халқ,
Не Зафар гардиду ӯ не Одина.
Кард нав ҳам хонаю ҳам завҷаро,
Лек ӯ хонад суруди порина.

## Такасалтанг

Рӯи курсӣ чун ба автобус нишаст,
Як газете паҳн кард ӯ пеши рӯ.
Баҳри он дорад «қироат» аз газет,
Ки нагирад марди пире ҷои ӯ.

## Хушомадгӯ

Ҳаст андар хонаи ӯ сурате,
Сӯи он дуқат шуда дӯзад назар.
Бошад он сурат зи сардори наваш,
Ӯ хушомад мезанад шому саҳар.

## Бадзот

Бидидам шахи қонунфаҳм дирӯз
Ба мардум ваъз аз ахлоқ гуфто.
Вале як рӯз чун аз байн бигзашт,
Биронд аз хонадон ӯ завҷаашро.

## Ғайбатчӣ

Миёни халқ бо кибру ғуруре
Якеро бад, дигарро нек гӯяд.
Худашро гар кунӣ таҳқиқ андак,
Аз ӯ одамгарӣ асло нарӯяд.

## Каллакаду

Агарчи хонд се дорулфунунро,
Ба ҷайби хеш дорад сета диплом.
На дониш дораду не кори маъқул,
Бувад илмаш мисоли меваи хом.

## Дурӯя

Шигифто, як тану ду лафз ӯрост,
Нигоҳаш нимхубу нимбеҷост.
Бигӯяд ҳар киро гаҳ неку гаҳ бад,
Намефаҳмӣ: ду одам ё ки яктост?!

## Бовари кас набуд

*(Аз забони марди аз занаш ҷабрдида)*

Ман калон мешавам,
Ман фалон мешавам…
Бовари кас набуд
Занкалон мешавам.

Во шавад чашми рӯз,
Гурезам Уртабуз.
Гоҳ бинӣ ба Вахш,
Гоҳ дар Қистакуз.

Ҳамчу магнитафон
Завҷа дорад забон,
Ҷонам омад ба лаб,
Мекашам сад фиғон.

Қаҳраш ояд агар,
Мезанад он қадар
Ки барояд аз он
Ғурраҳо, дар тори сар.

Раҳм кун, эй занам,
Ошиқи ту манам,
То кай аз ҷабри ту
Сар ба ҳар ҷо занам?!

Гар нагардӣ рафиқ,
Ҳам нагардӣ шафиқ,
Завҷа нав мекунам,
Ҳо, зи Деҳқонариқ.

Ман калон мешавам,
Ман фалон мешавам…
Бовари кас набуд
Занкалон мешавам.

## Тепловоз

Бачаи ҳамсоя дӯш
Аз писари ман Матин
Дар айни гарми бозӣ
Кард суоле чунин:

—Чаро ки додои ту
Чун биёяд аз сафар,
Гӯгирд карда берун,
Сигор медиҳад дар?

Гуфт Матин дар ҷавоб:
—Ӯ марди қиссасоз аст.
Бе дуд раҳ нагардад,
Додом теплавоз аст.

**Дузд**

Чашмро чун дӯхтам бар офтоб,
Зардрангаш дидаму гуфтам:
Бояд ӯро дод бар пулис,
Ӯ хазон аз чеҳраам дуздидааст.
Лек андешидаму баргаштам аз раъй,
Гарчи пулис ҳаст бисёр,
Сахт душвор аст
Ёфтан як шахси холис.

**Танз**

Зи бепулӣ
Даҳанканда бихандад раҳ ба раҳ
Бар ҳоли ман туфлӣ.

**Раҳматӣ**

Рафт умри ӯ ба шеъру ҳеҷ кас раҳмат нагуфт,
Бо хаёли раҳмат охир мешавад ӯ раҳматӣ.

**Донишқимоб**

Донишҷӯ ба дарс рафтанӣ нест,
Ҳолаш чӣ бигум, гуфтанӣ нест.
Не дафтару не китоб дар даст,
Афсӯс, қарори кӯфтанӣ нест.
Як сол ба дарс агар наомад,
Декан пайи пош рӯфтанӣ нест.

## Мардаки райпо

Дидаам ман бар дару девори райпо мардаке,
Хилъати ҳиндӣ ба тан машғули савдо мардаке.
Аз ало-було нигаҳҳояш бишуд бар ман аён:
Лозим ояд мекунад сад шӯру ғавғо мардаке.
Одамиро одаме ҳаргиз нағӯяд дар чаҳон,
Гӯиё дар байни мардум ҳаст доно мардаке.
Бор карда дар «Жигули»-аш барад хонумчае,
Бисту сӣ дорад ба худ маъшуқи шайдо мардаке.
Аз муҳандисҳо набошад мисли вай лоиҳакаш,
Растае кардаст аз дандони тилло мардаке.
Аз лашулуш карда пур кошонаашро лаббалаб,
Фахр дорад, ки бувад имрӯз доро мардаке.
Коняки ереванӣ нӯшад маҳу соли тамом,
Кай кунад парвои ҳар шампону вино мардаке.
Нархи сарборӣ бимонад ӯ ба ҳар молу матоъ,
Чун наҳанге мекашад бар ком дунё мардаке.
Савлаташро танк бардорад, миёнаш бишканад,
Роҳгардӣ мекунад чун мурғи парпо мардаке.
Тарсу бим аз офтоби ҳақ надорад заррае,
Баски дорад сояи ғафсе ба боло мардаке.

## Паҳлавон

Монанди Шодӣ-паҳлавон
Дар кӯчаи мо зӯр не.
Дипломдоре ҳамчу ӯ
Аз зӯриаш мағрур не.
Дирӯз андар гӯштин
Шуд он каси беобрӯ.
Аз зӯри «экстраи чил»
Афтод дар мобайни чӯ.

## Арзи майзада

Туро то ҳалқи худ нӯшам, арақҷон,
Зи туғёни ту бихрӯшам, арақҷон.
Сипас, туфлии чапро ҳини мастӣ
Ба пои ростам пӯшам, арақҷон.

Ту бошӣ бахти бедорам, арақҷон,
Ту бошӣ авҷи бозорам, арақҷон.
Агар рӯзе нанӯшам обакатро,
Гулӯро борҳо хорам, арақҷон.

Туӣ ҷону манам ҷононаи ту,
Туӣ мурғу манам чун донаи ту.
Миёни мардумон гардида қисса,
Туӣ Лайлӣ, манам Девонаи ту.

Ту будӣ душманам, ёрӣ накардӣ,
Ҷафо кардӣ, вафодорӣ накардӣ.
«Ману ту кӯшапир гардем» гуфтем,
Ба роҳи ишқ подорӣ накардӣ.

Туро дар хоб дидам, ёд кардам,
Зи хобам хестам, фарёд кардам.
Нигаҳ кардам, ки паҳлӯям набудӣ,
Ба сар хоки ғаматро бод кардам.

Ба бӯят масту ҳушёрам, арақҷон,
Туро бо ҷон харидорам, арақҷон.
Агар рӯзе набошад пул ба ҷайбам,
Гадоӣ дар ба дар дорам, арақҷон.

## Ҳавобаланд

Марди ҳавобаланде
Гуфто ба атрофиён:
—Чанги тани хӯҷаин
Хоҳам таконам осон.

Шунида таърифашро
Ҳайрону мот мондем.
Сано бигуфта ӯро,
Рустами сонӣ хондем.

Аммо дина бидидем:
Рустами овозадор,
Либоси хӯҷаинро
Тоза мекард аз ғубор.

## Забондон

Ба автобус даромад як забондон,
Ба курсие варо афтод чашмон.
Ки сар то пои курсӣ пур буд аз ном:
Салему Бовиру Толеку Биҳром.
Забондон оташин шуд аз чунин ҳол,
Зи ҷайбаш кард берун корд дарҳол.
Намуд ислоҳи ҳар як номи мардум,
Вале ислоҳи худро кард ӯ гум.

## Моро чӣ шуд?!

Қавме ки худшинос аст,
Бо он кунад тафохур.
Мо чӣ? Агар бипурсанд,
Бо беадабӣ машҳур.

* * *

Дар ҳилаву макру фанд
Мо надорем устухон.
Дар ҳақ/қ/и мардумхӯрӣ
Ҳар якамон чемпион.

* * *

Агарчи мо мусулмон,
Куфру имон надонем.
Нарху навои бозор
То бар само расонем.

* * *

Дорем ҳар чӣ имрӯз,
Хоҳем, ҳар чӣ ёбем.
Гӯӣ, ки ту диле ёб,
Аз ин сухан қимобем.

**Носкаш**

*(Аз забони завҷааш)*

Ман намедонам чаро ин шавҳарам шуд носкаш,
Байни ёрон аз чӣ гардид ин қадар ифлоскаш.
Вақти сӯҳбат аз даҳонаш нос ҳар сӯ мепарад,
Сурати дандони ӯ бошад сияҳ мисли ҳабаш.

Ман намебинам зи дасти нос ҳаргиз тозагӣ,
Лаззати умрам бишуд барбоди ин сон зиндагӣ.
Не либосу не гилему не палосам тоза аст,
Назди меҳмон аз хиҷолат мекашам шармандагӣ.

Ҳар гаҳе ояд агар бар шавҳари ман кайфи нос,
Мекашад носу кунад туф зери қолину палос.
Бар димоғам мерасад бӯи ғализу талху тез,
Ман намедонам аз ин мардак чӣ сон гардам халос?

**Ояд ҳаме**

*(Назира ба шеъри устод Рӯдакӣ)*

Ёди он «тахти равон» ояд ҳаме,
Ёди он давру замон ояд ҳаме.
Кори давлат як су, дар гардиш будам,
Ёди музди ройгон ояд ҳаме.
Базм буду коняку сихи кабоб,
Ёди базми дилситон ояд ҳаме.
Маҳфилоро гашта будам чун чароғ,
Ёди маҳфил бегумон ояд ҳаме.
Хавфи дур гардидан аз ҷоҳу ҷалол
Ёди тири дар камон ояд ҳаме.
Ёди мансаб синаамро карда реш,
Ёди курсӣ ҳамчунон ояд ҳаме.

## **Мӯрак бошад—е!…**

Ин сӯи дарё Соли нав,
Он сӯи дарё Соли нав.
Бар маҳфили «Левакант»
Насиб шавад холи нав.
Соли нав мӯрак бошад-е!

Ин сӯи дарё Соли нав,
Он сӯи дарё Соли нав.
Ғайри мансабталошӣ
Нав нашуд аъмоли нав.
Соли нав мӯрак бошад-е!

Ин сӯи дарё Соли нав,
Он сӯи дарё Соли нав.
Соли дуҳазору ҳафт
Бимонад ашғоли нав.
Соли нав мӯрак бошад-е!

Ин сӯи дарё Соли нав,
Он сӯи дарё Соли нав.
Ҷои хислати нохуб
Бигирад афъоли нав.
Соли нав мӯрак бошад-е!

## Шиори тоҷики нав

*(Назира ба шеъри устод М. Турсунзода)*

То тавонӣ, ҷоҳилонро гум макун,
Худпарасту коҳилонро гум макун.
Оқилону босаводон чӣ касанд,
Қайсару ноқобилонро гум макун.

Нест суд аз хушсиришту хушдилон,
Тирадил, бадниятонро гум макун.
Пирақлон зеби маҳфил нестанд,
Хирааҷлу каҷравонро гум макун.

Савти булбул модаастаз мӯдҳо,
Лаҳни зоғу каргасонро гум макун.
Маънии одам шуда ҳамёни пул,
Пулбадасту нокасонро гум макун.

## Мӯҳмала

Саҳар паранда китоби кабуди об кушод,
Алаф саҳифаи заррини офтоб кушод.
Худойро чӣ кунам, орди абр ифлос аст,
Агарчи элаки бечашм инқилоб кушод.
Ба МЕРСЕДЕС қасам кашфи моҳ пуч шудаст,
Муҳандисона ситора агар сароб кушод.
Пари шакар ба насиҳат лаби қумош макид,
Расули пашм зи тан ҷомаи ҳубоб кушод.
Ба риши дос нигоҳи бурут «ё ҳу» гуфт,
Харе зи ноз кашидан зи рӯ ҳиҷоб кушод.
Барои мӯҳамала гуфтан агарчи зӯрам нест,
Мададрасони ман Озар зи по таноб кушод.

## «Сайёҳ»

Фахр дорад-рӯи олам дидаам,
Ҳам Фаронса, ҳам Хито, ҳам Амрико.
Лек қабри моми худро то ҳанӯз
Ӯ намедонад, ки ҳаст андар куҷо.

## Чои қанд

Аз сари минбар
То сухан ширин бигӯяд чанд-чанд,
Мекунад ширин даҳон аз чои қанд.

## Нафорамам, механдъм

Дар пеши шефи бозор,
Дар пеши марди пулдор.
Аз шӯхиҳои сардор
Эй ҷӯра, чору ночор
Нафорамам, механдъм.

Пеши марди милиса,
Пеши шефи балниса.
Бойбачаи навкиса,
Хушдоманъм Холиса
Нафорамам, механдъм.

Рӯ ба рӯи командир,
Номусулмони кофир.
Вақте дора теғу тир,
Ай аввал то ба охир
Нафорамам, механдъм.

Ректори мо Маризо
Чеҳраи ӯ норизо.
Вақте то сумъш натӣ,
Намекъна ӯ имзо.
Нафорамам, механдъм.

Олимаи мо Лола,
Ҳаштоду панҷсола.
Кори илмияш вергул,
Дида чунин рисола
Нафорамам, механдъм.

Одами беҳавсала,
Бедониши бекалла.
Гарчи мега мӯҳмала,
Вақте боша бузбала,
Нафорамам, механдъм.

Ғаффоралии Сафар,
Ошнои ӯ Озар
Вақте шӯхӣ мекунанд,
Бовар кун, эй бародар,
Нафорамам, механдъм.

**Буқаламун**

Як марди носипос аст,
Дар макр беқиёс аст.
Шеф асту пеши сардор
Хамзада ҳамчу дос аст.
Хунукбашара бошад,
Афташ мисоли кос аст.
Кори ҳимоясозаш
Оҳак табори нос аст.
Хӯрдаст шири шайтон,
Аз пайравони хос аст.

## Ҷавоби хурӯс

—Агар ки шоҳ бошӣ,
Соҳибкулоҳ бошӣ.
Бахтат кую тахтат ку,
Тахтат кую бахтат ку?
—Мокиёнҳо—бахти ман,
Бахти ману тахти ман.
Чун ҳазрати Сулаймон
Тахти ман бошад равон.

## Муаммо

Пурсидааст Ардашер
Аз додои худ Озар:
—Дар вақти борон оё
Хуршед мешавад тар?

## Гулзамон

—Баҳри чӣ мурғамонро
Мекушӣ додои ҷон?—
Аз дадояш пурсидаст
Духтари ӯ Гулзамон.

—Чунки тухм наорад, —
Гуфто дадояш хандон.
—Гар кушӣ, меорад тухм? —
Бозаш гуфто Гулзамон.

## Дирижёр

Болои навда мурғак
Хонад ба беқарорӣ.
Поёни навда рӯбоҳ
Мекунад дирижёрӣ.

## Ҳайрат

—Як лаҳза хомӯш,
Эй духтари ҷон.
Гӯшам бибурдӣ
Ба оҳу афғон.

—Ин сон ки бошад,
Эй модари ҷон.
Гӯшворҳоят
Чаро овезон?

# АШКШОРОН

* * *

Насими Ғарб бӯи фаҳш меорад ба боғи Шарқ,
Худоё, шамъи моро боди дайду мекунад хомӯш.

* * *

Ба пастӣ аз баландиҳо назар андӯхтан мардист,
Зи сахра мепарад дарё, ки ҷон бахшад биёбонро.

* * *

Ба гардун мекашад сар бо ҳама хокинажодиҳо
Касе чун кӯҳсорон лаълу ёқут дар бағал дорад.

* * *

Гувоҳӣ медиҳад печу хами ин мӯи пуртобам,
Ки чун афтодаам дар оташи ишқи ҳавассӯзат.

* * *

Бубинӣ кӯтаҳӣ дар сатрҳои шеъри ман имрӯз,
Нишони кӯтаҳии рӯзгори нобасомон аст.

* * *

Ба нури илм мегардад ҷаҳони ҷаҳли кас равшан,
Шавад соя зи боло рафтани хуршед кӯтаҳтар.

* * *

Фазои синаро пур аз шарори меҳру шафқат кун,
Самои пурситора муждагӯ аз софии рӯз аст.

* * *

Надидам ҷонфидо чун хома андар ҷодаи мардӣ,
Ки умри хешро кам карду умри дигарон афзуд.

* * *

Баҳороғӯши ту рамзи ҷавониву сари сабз аст,
Парастуи ду абрӯят бувад пайки баҳори ман.

* * *

Надидам беҳтар аз ғам ёваре дар роҳи тақдирам,
Ки шодӣ рафт, аммо ғам нарафт аз ин дили пирам.

* * *

Куҷо болонишин парвои ҳоли зори мо дорад,
Куҷо тоқӣ хабар дорад, ки ҳоли кафши по чун аст.

* * *

Калиди қуфли мақсад лутфу эҳсон аст, медонӣ,
Ба нармӣ мерабояд бод аз гулзор бӯи гул.

* * *

Чу ғалберат кушодан чашм бояд, то тавон дидан,
Паси гарду ғубори зиндагӣ ризқи ту пинҳон аст.

* * *

Гузашта чун ҳубоби рӯи дарё маҳв мегардад,
Ман он мавҷам, ки дарёро равони тоза мебахшам.

* * *

Агарчи назди ту моро сияҳ гуфтанд, боке нест,
Аз он шодам, ки ҳамрангам ба чашмони сиёҳи ту.

* * *

Назири реша дар олам зи худ бигзашта марде ку,
Ки аз баҳри ҳаёти нахл худро мекунад дар хок.

* * *

Ту мепурсӣ, ки чун дарди суханро мекашад шоир,
Забони оташам, печида дар худ меравам боло.

* * *

Зи сар бар санг кӯбишҳои дарё панд бигрифтам,
Ки ҳар соҳибдиле дар зиндагӣ саркӯб мегардад.

* * *

Лагадкӯб аст зери пои дарё санги вазнине,
Савори мавҷ мебинам ҳубобе, ки сабукбор аст.

* * *

Худшиносӣ мекунад рӯшан ҷаҳони мардро,
Ҷавҳари оина рӯшан мекунад оинаро.

* * *

Бакси чун дарё фарозу шебҳо паймудаам,
Пои дил дар роҳи ноҳамвор шуд пуробила.

* * *

Дар ҷавонӣ хуни ман монанди дарё ҷӯш дошт,
Вақти пирӣ з-он такопӯ монд кафк андар сарам.

* * *

Курчаки ёдам гирифта дар шаби танҳоиям
Тоза созам барфи боми кулбаи бобоиям.

* * *

Раҳзани чашми сиёҳат мекунад дилро шикор,
Мекунанд, оре, шаби торик дуздон раҳзанӣ.

* * *

Иттиҳоди қавм душманро шикаст овардан аст,
Хиштҳо якҷоя бардоранд бори хонаро.

* * *

Гарчи барф аз сардҳарфӣ бо ҷаҳон бедод кард,
Ҳарфҳои гарми оташ хотири мо шод кард.

* * *

Хонаи занбӯрро монад дили марди сухан,
Аз асал пур кардаанд азбаски ин ғалберро.

* * *

Об аз боло чун афтад, кӯҳ пурғавғо кунад,
Ҳар кӣ аз мансаб фарояд, оҳу вовайло кунад.

* * *

Бар сахои нокасон дигар чӣ сон бандам умед,
Ғайри ангуштон кафамро пур намесозад касе.

* * *

Тез мегардад ба ҷарсанги бало теғи забон,
Сангандозон ба мо лутфу мурувват мекунанд.

* * *

Дар танӯри сина пухтам сатрҳои хомро,
Чун хамири норасе шеърам чаро гул мезанад?

* * *

Рӯзгори танг моро ҳеҷ ҷое ҷо надод,
Хирачашмиҳои чевар риштаро бехона кард.

* * *

Гар дили оина набвад, тира бошад бахти кас,
То нагирад чанг сурат, шишабандаш мекунанд.

* * *

Офтоб аз офтобӣ буданаш зебо шавад,
Одам аз одамгарӣ афзуданаш зебо шавад.

* * *

Нуқсҳои марди комил аз ҷавон афзунтар аст,
Доғҳои моҳи пурра бештар гардад аён.

* * *

Сахт шуд аз зарбаҳои зиндагӣ сутхони ман,
Лой, ки хелида шуд, девор мустаҳкам шавад.

* * *

Ҳар бағалвокардане оғӯши гарми дӯст нест,
Шӯра аз по афканад девори дар оғӯшро.

* * *

Кас нагирад дасти ман дар зиндагонӣ, бок нест,
Хомаи ман дастгирам бод то поёни умр.

* * *

Зарбаҳои зиндагӣ охир ғурури мо шикаст,
Об дар пастӣ фароянд, нарм ҷорӣ мешавад.

* * *

Тифл бе модар асири лашкари ғам мешавад,
Барг агар аз шох афтад, поймолаш мекунанд.

* * *

Зард шуд рухсораат аз хоксориҳои ту,
Ханҷаре дар хок уфтад, оқибат зангаш занад.

* * *

Мард чун комил бигардад, шӯҳраташ боло шавад,
Баъди ҷасти тир овози камон пайдо шавад.

* * *

Дар ҳисори зиндагӣ парвоз омӯзад дилам,
Кирми пилла дар қафас болу паре пайдо кунад.

* * *

Мард бояд пухта гардад дар алови зиндагӣ,
Оби ноҷӯшида нӯшидан зиён меоварад.

* * *

Пухтаам, кай мекунад бар ман асар санги рақиб,
Хишти пухта мекунад бардошт зарби жоларо.

* * *

Бар муроди дил расидем аз талоши зиндагӣ,
Рӯди лойолуд соф аз шӯру исён мешавад.

* * *

Зардии рухсори мо ҳаргиз нишони аҷз нест,
Сайри гардун менамояд офтоби зардранг.

* * *

Рӯ ба пастӣ кардаӣ, хоҳам нигаҳ дорам туро,
Доштан душвор бошад дар нишебӣ шахсро.

* * *

Ҳар хиёнаткорро дар пеш бошад чоҳи марг,
Об, чун гандида шуд, ҷояш даруни хандақ аст.

* * *

Вазну тамкин одамиро ҳусни нав меоварад,
Коҳ ки вазне надорад, бод титаш мекунад.

* * *

Об хоҳӣ, чоҳ бояд кофт то умқи замин,
Меравам дар худ фурӯ, то мисрае пайдо кунам.

* * *

Зор мегирям зи бедардии мардум ҳамчу шамъ,
Шаб чу месӯзам, ки шоми тирашон рӯшан кунам.

* * *

Дарду доғи зиндагӣ бар дил нишинад, бок нест,
Тирагӣ кӯтоҳ бошад аз ғубор оинаро.

* * *

То бигардад шир соф, аз ширполо бигзарад,
Мисраъ то воло шавад, аз мағзи дилҳо бигзарад.

* * *

Таън кардан бар сияҳваш нест аз рӯи адаб,
Абр чун бошад сияҳ, борони раҳмат оварад.

* * *

То намонам бар лабаш лабро, ҳисобӣ нест, нест,
Дар тарозу рост шуд ду палла, ҳосил муддаост,

* * *

Мешавад аз панди пирон суфта ақли навҷавон,
Чӯби каҷро мекунад охир, ки зарби теша рост.

* * *

Ҳар касе ки илм дорад, бештар фархунда аст,
Шед андар селаи нураш муқаддас баҳри мост.

* * *

Бо ту чун наздик мегардам, дилам гум мезанад,
Рӯшанӣ наздик бошад, хира мегардад нигаҳ.

* * *

Пешпо дар зиндагӣ хӯрдан далели мусбат аст,
Барнахӯрд ар об бар санге, мубарро кай шавад?

* * *

Беш бар боло париданҳо нишони ғафлат аст,
Тир даҳчанде равад боло, ба зарб ояд нишеб.

* * *

Ханда бемаврид кардан боиси сад кулфат аст,
Мезанад сармо гули барвақт лаб во кардаро.

* * *

Аҳли илму фазлро як такягаҳ бошад зарур,
Нахл чун пурбор бошад, поя бар он мезананд.

* * *

То расад бар воя фарзанде, падар заҳмат кашад,
Чун занад тире камон, аз пушт зарбат оядаш.

* * *

Гарчи ҳар пайванд аз пайванд мегардад ҷудо,
Ман ки пайвандӣ наям, аз реша кардандам ҷудо.

* * *

Кӯтаҳии умри мардони хирад беҳуда нест,
Меваҳои пухта меафтанд зуд аз шохаҳо.

* * *

Як сухан беҷо бияфтад, фитна барпо мешавад,
Бод бар оташ бияфтад, шуъла боло мешавад.

* * *

Дар биёбони ҳавасҳо то куҷо раҳ мебарам,
Нест ғайри абр дигар соябоне бар сарам.

* * *

Бо дили санги туам азбаски кор афтодааст,
Достони ишқи худ дар санг ҳаккокӣ кунам.

* * *

Бар арӯси шеър аз маънӣ қабо меофарам,
Чун карам печидааст аз баргҳо шеъри тарам.

* * *

Ҳосили пайванди дилҳо ҳаст шаҳди зиндагӣ,
Мева ширин аст, оре, шохаи пайвандро.

* * *

Рангу рӯи гандумиам буд, ки рӯзе бештар
Зиндагӣ монанди санги осиё гардам кунад.

* * *

Оташи сӯзи фироқат сӯхт банду банди мо,
Сина шуд охир кабобу дида обаш мезанад.

* * *

Ҳар киро болои сар ман ҷой додам мисли тоҷ,
Носипосӣ карду чун тугма гиребонгир шуд.

* * *

Лахчаи сӯзон шуд аз ишқи шарарборат дилам,
Дуд карда оқибат як рӯз кӯрат мекунад.

* * *

Шамъаму дар базми бедардон бисӯзам то ба рӯз,
Домани хушки маро ашки алам тар мекунад.

* * *

Шоире, к-аз шеър гуфтан монд, имдодаш кунанд,
Чашмае, к-аз ҷӯш монад, тоза бунёдаш кунанд.

* * *

Кас надонад ҷои худ дар зиндагӣ расво шавад,
Гул агар дар дида афтад, чашм нобино шавад.

* * *

Печутоби зиндагӣ дилро тавоне медиҳад,
Риштаи нотофта ҳаргиз надорад қуввате.

* * *

Қад кашиданҳо ба боло медиҳад гоҳе фиреб,
Пилта чун боло бисӯзад, шиша мегардад сиёҳ.

* * *

Ханда кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯстдори хандаам,
То нашуд дар ханда гул, мақбули хушдоре нашуд.

* * *

Хостам дар шаҳри Қӯрғон сарпанаҳ пайдо кунам,
Сарпанаҳ ин ҷо ба ҷуз тоқӣ дигар пайдо нашуд.

* * *

Содалавҳон сода мегӯянд шеърамро, вале
Сода шеърам аз барои мардумони сода аст.

* * *

Гарчи шафқатро надидам дар нигоҳи мардумон,
Гоҳи ғам бар ҳоли зорам мардуми чашмам гирист.

* * *

Метавон андар диле ҷо кард чандин орзу,
Тор бисёр аст дарзирову сӯзан як бувад.

* * *

Ҳаст андар вожаи «бастан» кушоданҳо гираҳ,
Мешавад бикшода кори халқ аз оббандҳо.

* * *

Вақти пирӣ одам аз ҷурму хато бошад барӣ,
Оби дарё пок мегардад ба ҳангоми хазон.

* * *

Даргузар аз он ки ӯ наншаст дар мавқеи худ,
Тухм ҷогардон шавад, аз ӯ умеди чӯҷа нест.

* * *

Гарчи бар нахли умеди ман табарҳо мезананд,
Шохаҳои орзуям бештар оранд бор.

* * *

Вергулзулфи ту моро медиҳад ҳар дам фиреб,
Нуқтаи коми дили ман нест дар сатри қадат.

* * *

Рафта-рафта рӯзгори рафта ширин мешавад,
ИДМ хуб аст, аммо шӯравиям орзуст.

* * *

Баччагӣ бар ёдам ояд, к-аз раҳи завқу ҳавас,
Ризқ чун тӯб аст гӯё, медавам аз пушти он.

* * *

Хирмани мақсуд сӯзад з-оташи барқи талаб,
Шамъ аз теғи забонаш мекунад худро ҳалок.

* * *

Нестам осуда зери сояи шахси дигар,
Ман шабеҳи нахл худро соябонӣ мекунам.

* * *

Ҳамраҳи равшандилон будан саодат ҳасту бас,
Дуд аз оташ ҷудо гардад, парешон мешавад.

* * *

Меҳрубониҳои ноҷо гаҳ барад бар доми марг,
Шабнам аз як бӯсаи хуршед нобуд мешавад.

* * *

Модаронро чун гули маҳ тоҷи сар бояд намуд,
Навниҳолон донаро бар фарқи сар бардоштанд.

* * *

Нармдил будан калиди ганҷҳои неъмат аст,
Чун замин шудгор бошад, ҳосил афзун мешавад.

* * *

Нест бе ёрони ҷонӣ лаззати умри азиз,
Чун бишуд ширу шакар як ҷо, бигирад лаззате.

* * *

Аз тиҳимағзон умеди такягаҳ кардан хатост,
Мефитад болори хона, поя гар пӯсидааст.

* * *

Панҷа бар мӯи сари худ мезанам бо ёди шеър,
Чоҳ кандан боиси пайдоиши об аст, об.

* * *

Хоҳамат бошӣ ба ман пайваст дар роҳи ҳаёт,
То нашуд пайваст ду ноқил, аланга барнахост.

* * *

Ҳар касе ки хор медорад забонро, нокас аст,
Тӯтиро аз зоғ қадраш дар сухангӯӣ бувад.

* * *

Аз шукуфти чашми бодомии ту кардам гумон:
Бармаҳал гул кард шохи орзуҳои дилам.

* * *

Мӯи сар гаштан сафед ин нест аз камқувватӣ,
Кӯҳ то барфаш набошад, нест дарёи дамон.

* * *

Нуқси андак беш тобад бар тани соҳибҳунар,
Чун либос озода бошад, тез гирад доғро.

* * *

Дӯст бар имдоди ёри хеш бояд ки расад,
Дасти чап гар суст ҷунбад, рост ислоҳаш кунад.

* * *

Бе муҳаббат қавмро сарҷамъ кардан мушкил аст,
Дарзае ки бигсалад бандаш, парешон мешавад.

* * *

Аз ғубори зиндагонӣ тира шуд хотир маро,
Мешавад тасвир дар оина аз зангор паст.

* * *

Ҳалқа созад дасти худ бар гардани дилдор ёр,
Ҳалқа ман, дуди сигор аз бенигорӣ мекунам.

* * *

Дар тарозуи хирад з-он мекашам вазни сухан,
Ман гуҳар аз кони дил бо нӯги мижгон кандаам.

* * *

Чашмони нилранги ту чун осмон ба шаб,
Дар осмони чашми ту ман як ситораам.

* * *

Аз дидаи адиб куҷо шуд ниҳона чиз,
Ғалбервор чашм зи сар то ба пост ӯ.

* * *

Гардун гулӯлажола аз он мезанад, ки мо
Дар сангари хиёнати файзаш нишастаем.

* * *

Кардам сафар ба роҳи ҳақиқатпарастҳо,
Аз корвони рафтаи андешаҳо мапурс.

* * *

Шояд замини ишқи ту будаст шӯразор,
К-аз донаи умеди дилам майсае наруст.

* * *

Таънам чӣ мезанӣ, ки садоят баланд нест,
Дар пардаҳои ашк ниҳон аст сози мо.

* * *

Аз оби ғусса хӯрдану ташвиши рӯзгор
Оинаи хаёл чӣ зангорҳо гирифт.

* * *

Чун шишаи чароғ манам ҳамнишини нур,
Аз санги дасти зиндагии сахт пораам.

* * *

Меҳру шафқат ҷой гирад дар дили нарм,
Дар замини нарм рӯяд дона беҳтар.

* * *

Покдил аз файзи боло баҳраёб аст,
Оби пок оинадори офтоб аст.

* * *

Дур аз аҳли сояшин бош,
Хешро бо шед пайванд.

* * *

Паҳлӯи кас аз дӯсти ҷонӣ асаре нест,
Ҷуз соя ба бар ҳамраҳи наздиктаре нест.

* * *

Аз як сухани гарми ту чун мум шавам об,
Аз як сухани сарди ту чун об кунам ях.

* * *

Испедию сиёҳӣ гарчи ба ҳам хилофанд,
Дар чашми мо валекин ҳастанд дар муросо.

* * *

Бо он ки ғуломи ҳалқабаргӯшам, ёр,
Гуфтӣ, ки биёр ҳалқа бар гӯшам, ёр.

* * *

Азбаски ба кисаам надорам дирҳам,
Чун ҳуҷҷати хатми ПТУ беқадрам.

* * *

На аз ҳар тухм чӯҷа мешавад пайдо,
На аз ҳар дона хӯша мешавад боло.

* * *

Ба қалби пурҳарорат баҳри мардум сӯз,
Чароғ аз сӯхтанҳо зеби маҳфил шуд.

* * *

Зи гумномӣ маро шарме набошад,
Ҳама гумкарда меҷӯянд охир.

* * *

Аз он ошиқ ба лабҳои ту ҳастам,
Ки майолудаанду майпарастам.

* * *

Зи оҳи оташинам бемуҳобо
Сигорам дар лабонам дар бигирад.

* * *

Боз шуд чун калобаи хуршед,
Риштаи нур бар замин печид.

* * *

Дар зимистони ҳаҷр сардам зад,
Боз кун оғӯши баҳоратро.

* * *

Пой бар пой з-он намепечад,
Ки ба навбат риоя месозанд.

* * *

Бе тамаъ кай салом бидҳандат,
Саг пайи луқма меликонад дум.

* * *

Гарчи ҷайбам тиҳист аз сомон,
Ғам надорам, ки ҳаст сомонам.

* * *

Шамъ дар пои хеш мечаспад,
Одамӣ дар ҳавоси дунёӣ.

* * *

Дар алав чӯби хушку тар сӯзад,
Хушки он лек тезтар сӯзад.

* * *

Сози шеърам баланд месозам,
Менабанданд соз бар шеърам.

* * *

Кӯр ёбад раҳи худаш, аммо
Кӯрбахт аз куҷо биёбад роҳ.

* * *

Гарчи бар осмон бараояд дуд,
Ҳамчунон рӯсиёҳ хоҳад буд.

* * *

Ҷорӯб, ки хокрӯба рӯбад,
Ҷояш бикунанд дар паси дар.

* * *

Дорӣ чу китобу менахонӣ,
Ҷевони китобӣ, эй бародар.

* * *

Чун бед агар самар надорӣ,
Рав пояи нахли борвар шав.

* * *

Оташ, ки зи дур поки пок аст,
Андар бағалаш ғами ҳалок аст.

* * *

Аз шоми сиёҳ тарси ман нест,
Тарсам бувад аз сиёҳрӯӣ.

* * *

Дар сояи ғуссаву ғами ту
Гаштам чу гиёҳ заъфаронӣ.

* * *

Нилуфари орзуи васлаш,
Гул кард ба ҳавзи дидаи ман.

* * *

Суханро ман шакар гуфтам,
Магас аъзои маҳфил шуд.

* * *

Бубинӣ душманӣ ҳам гоҳ аз дӯст,
Ба тан душман бувад рӯбоҳро пӯст.

* * *

Агар рӯят набошад оташи тез,
Чаро зулфи сиёҳат тоб хӯрдаст?

* * *

Зи савдо ҳар касе суде биҷӯяд,
Мани савдоиро савдо зиён аст.

* * *

На ҳар хандидане меоварад суд,
Бисӯзад хушку тарро хандаи барқ.

* * *

Ду чашмонат магар дарёст, дарё,
Ки ҳар сӯ мебарад киштии дилро.

* * *

Шеъре, ки бошад дар сафҳаи рӯз,
Чун соли пешин беэътибор аст.

* * *

Парда бисёр аст дар савдо,
Пардаи шарму ҳаё кам шуд.

* * *

Гар наҷунбӣ, мешавӣ бемор,
Оҳани бекор бандад занг.

* * *

Чанги уққобӣ надорӣ,
Лошахӯр шав ҳамчу каргас.

* * *

Шамъи хомӯши ҳавасҳои дилам
Даргирифт аз оташи чашмони ту.

* * *

Аз қалам омӯз чашми корро,
Дар адои кор бо сар медавад.

* * *

Рӯшноӣ дар дили бесӯз нест,
Офтоб ар ки насӯзад, рӯз нест.

* * *

Гарм гардад ошёни сарди дил
Аз нигоҳи гарми фарзандони ман.

* * *

Аз бахилӣ чархи пири кӯжпушт,
Кӯжпуштам мекунад монанди худ.

* * *

Аз ҷазо марди сияҳдил мераҳад,
Соя хушк аз об берун мешавад.

* * *

Достони ишқи ман дар чашми туст,
Сафҳае нохондаам, онро мапӯш.

* * *

Шоир андар шоми тори зиндагӣ
Моҳи маҳбусест дар зиндони абр.

* * *

Пешае аз худнамоӣ нест бад,
Умри гул аз худнамоӣ кӯтаҳ аст.

* * *

Соҳиби пул меравад мошинсавор,
Мо ба боли орзу пар мезанем.

* * *

Ҳар ҳамоғӯше набошад безиён,
Зардпечак мекунад гулро хазон.

* * *

Осмони нилгун чашми ту аст,
Чун ситора ҷой дар чашмат шавам.

* * *

Каҷ агар гуфтам, набошад айби ман,
З-он ки бошад чархи каҷрафтор каҷ.

* * *

То кушояд пеши кори мову ту,
Ҳамчу ман пешона бикшову биё.

* * *

Сар заданро ҳаст фарқ аз сар задан,
Об ҳам аз соҳилаш сар мезанад.

* * *

Гуфтамаш: кони лабат дорад намак,
Гуфт: агар бошад чунин, онро намак.

* * *

Офтобо, ошиқӣ монанди ман,
Ки чу ошиқ бинамат бо ранги зард.

* * *

Мешавад аз лутф ҳосил муддао,
Майса аз борон кунад нашъунамо.

* * *

Осиёби марг чархад рӯзу шаб,
Ҳамчу дон дар навбати дӯлем мо.

* * *

Ту магӯ, ки асмарам ман, асмарам,
Он шабам, ки рӯзи дан меоварам.

* * *

Мо наметарсем аз борони ашк,
Менишонад ашк гарди дардро.

* * *

Гаҳ дуруштӣ бояд андар рӯзгор,
Ёфт сим аз хорҳояш эътибор.

* * *

Бӯсаам сабзид дар гирди лабат,
Ҳамчу сабза дар лаби оби равон.

* * *

Бо сари бибрида мегӯям сухан,
Ин ҳунарро аз қалам омӯхтам.

* * *

Шуд сари бемағз помоли ҳаво*,
Мирадо, чун монд бе равған чароғ.

* * *

Сӯхтам баҳри дигарҳо ҳамчу шамъ,
Гиря аз беқадриҳоям мекунам.

* * *

Гарчи ман аз зангиён зангитарам,
Ҳамнишини шуълаҳои озарам.

* * *

Ҳарфи ваҳдат ҳарфи қилу қол нест,
Ганҷи сармад ғайри Истиқлол нест.

* * *

Барнахезад ҳеҷ аз як даст бонг,
Бе ду соҳил об мегардад париш.

* * *

Оҳ, тарсам гандуми рӯи туро
Чашми оташбози ту оташ занад.

* * *

Ёрро хондам, нашуд меҳмону лек
Пашшаи нохонда меҳмони ман аст.

* * *

Гарчи бошад ханда оби зиндагӣ,
Хандаи гул марги гул будасту бас.

---

* Мазмун аз Сайидои Насафӣ.

* * *

Ду лабам дар орзуи бӯсае
Ҳамчунон лӯлӣ гадоӣ мекунад.

* * *

Ҳар ситора дар фалак масъуд нест,
Оташи афрӯхта бе дуд нест.

* * *

Моҳ имшаб дар ҳисори абрҳо
Саъди Салмон аст дар зиндони Ной.

* * *

Дар муҳити тор ҷоҳил сарвар аст,
Соя дар шаб бештар қад мекашад.

* * *

Душман ар санге занад, ғам нестам,
Худ, ки сангам, шуълаборон мешавам.

* * *

Пунба гарчи аз ҳама болост,
Қадри ӯ дар бодаи миност.

## ФАРДҲО

Талотумҳои зери баҳрро гирдоб медонад.
* * *
Чароғи рӯшанеро боди дайду мекунад хомӯш.
* * *
Ғубор аз осмон охир ба рӯи хок меафтад.
* * *
Гиряи тифл оғози марг аст.
* * *
Лой монад зи оби лойолуд.
* * *
Тирагӣ субҳ дар бағал дорад.
* * *
Шаби зулмот беҳтар аз сияҳрӯӣ.
* * *
Чу гул хандида бояд мурд.
* * *
Пӯфаки холӣ ба боло меравад.
* * *
Дар ширинӣ мешавад пайдо магас.
* * *
Аррае дандон надорад, оҳани бекора аст.
* * *
Ман он дудам, ки дорам мужда аз оташ.
* * *
Савти ғамолуда дорад пардаи шаб.
* * *
Поёни сияҳкории шаб рӯи сиёҳ аст.
* * *
Зарбаҳои Кӯҳканро кӯҳ медонад, ки чист.
* * *
Шамъ механдад ба ҳоли ашкҳои доманаш.
* * *
Нардбони зиндагӣ дорад дусад монеачӯб.

* * *

Обро, ки лой бошад, такнишинаш мекунанд.

* * *

Чун ду каф якҷоя гардад, мешавад дасти дуо.

* * *

Хирачашмиҳои чевар риштаро бехона кард.

* * *

Он садафро дӯст дорам, к-андарунаш гавҳар аст.

* * *

Баёзи пириам аз шӯрбахтиҳои даврон аст.

* * *

Дуд аз оташ ҷудо гардад, вафобегона аст.

* * *

Он сиёҳиам, ки сад девону дафтар бо ман аст.

* * *

Рақсҳои гарми оташ дегро девона кард.

## МУНДАРИҶА

Шеърҳо........................................................................................ 5
Рубоиҳо ...................................................................................... 107
Дубайтиҳо.................................................................................. 113
Пораҳо аз ҳаҷв........................................................................... 117
Эпиграммаҳо ............................................................................. 145
Ашкшорон ................................................................................. 156
Фардҳо........................................................................................ 171

**ҒАФФОРАЛӢ САФАР**

# ПАНҶАИ ОВОЗ

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 7.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 09.07.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар КВД КТН «Шарқи озод»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
чоп шудааст.